Исрофилниё Шарифмурод 7-уми январи соли 1966 дар деҳаи Варзикандаи ноҳияи Панҷакат ба дунё омадааст. Доктори илми филологӣ (2010), профессор (2012). Хатмкардаи (1990) факултаи филологияи Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) аст. Дар ҳамин ҷо солҳои 1990-2001 ба сифати ассистент, муаллим, дотсенти кафедраи адабиёти классикии форс-тоҷик фаъолият намуда, 2001-2005 декани шуъбаи ғоибона ва ҳамзамон мудири кафедраи филологияи тоҷик, 2005-2007 декани факултаи филологияи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон, 2007-2010 докторанти ДМТ, 2011-2012 профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ буд. Аз

соли 2012 то 2017 директори Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон кор кардааст.

Ба мавзӯъҳои мухталифи илми адабиётшиносӣ таваҷҷӯҳ намуда, мавриди ҷанбаҳои адабиёти классикии форс-тоҷик, хоса эҷодиёти Ҳофизи Шерозӣ ва Носири Бухорой (асри XIV) ковиши муфиди илмӣ анҷом бахшидааст. Иштирокдори чандин конфаронси минтақавию байналмилалии адабиётшиносон мебошад.

**Осор:** Таҳлили матнҳои адабӣ. Васоити таълимӣ. – Д., 2001. Хизонаи пурганҷ. Васоити таълимӣ. – Д., 2002; Фарҳанги таҳлилии алфози хароботии ашъори Хоҷа Хофиз. Васоити таълимӣ. – Д., 2003; Сухани аҳли дил. – Д., 2007; Носири Бухорой ва такомули ғазал дар асри XIV. – Д., 2009; Хамриёти Ҳофиз. – Д., 2010; Мероси адабии Носири Бухорой ва такомули ғазали ошиқонаи орифона дар асри XIV. – Д., 2012; Носири Бухорои и развитие газели в XIV веке: Дисс… док. филол. наук. – Д., 2010; Наследие Носира Бухорои и развитие любовно – мистической газели в XIV веке. – Д., 2014.

## АМИНҶОНОВ АЗИМҶОН ОЛИМОВИЧ

(Ба муносибати 70-солагии зодрӯзаш)

Аминҷонов Азимҷон 13-уми январи соли 1951 дар шаҳри Ваҳдат таваллуд шудааст. Доктори илми химия (1992), профессор (1992). узви вобастаи АИ Тоҷикистон (2008). Соли 1972 факултаи химияи УДТ-ро (ҳоло ДМТ) ба поин оварда, дар аспирантураи Институти технологии ш. Ленинград (ҳоло ш. Санкт-Петербург) хондааст. Аз соли 1975 дар УДТ фаъолият намуда, вазифаҳои ходими калони илмӣ, сардори бахши илмӣ (1976-1987), муовини аввали

ноиб ва ноиби ректор оид ба илм (1987-1995, 1999-2008) иҷро кардааст. Аз соли 2009 мудири шуъбаи пайвастҳои координатсионӣ ва маводи табиии ДМТ буд. Солҳои 1992-2003 ҳамзамон мудирии кафедраи химияи ғайриорганикиро ба ўҳда дошт.

Оид ба масъалаҳои гуногуни химияи ғайриузвӣ, истифодаи босамари об, экология ва ғайра зиёда аз 400 таълифоти илмӣ аз даст баровардааст. Соҳиби 40 ихтироъ ва патент мебошад. Дар нашрияҳои соҳавии мамолики гуногун мақолаҳояш ба табъ расидаанд. Баъзе пешниҳодҳои илмиаш дар корхонаҳои саноатии ҷумҳуриҳои ИДМ мавриди истифода қарор гирифта, самараи иқтисодӣ овардаанд. 21-уми сентябри соли 2015 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

**Осор:** Методические разработки к практикуму по неорганической химии. – Д., 1988 (соавтор); Комплексная система повышения качества и эффективности науки. Часть 1, 2. – Д., 1988 (соавтор); Комплексные соединения рения (V) и меди (II) с некоторыми серосодержащими лигандами. – Д., 1989 (соавтор); Об мўъҷизаи табиат. – Д., 2003 (ҳаммуаллиф); Хронология представлений и открытий, связанный с водой. – Д., 2003 (соавтор); Химия дар қоидаҳо, таомулҳо, аксҳо ва нақшаҳо. – 2004; Корҳои озмоишӣ аз кимиёи ғайриузвӣ. – Д., 2007 (ҳаммуаллиф).

**Адабиёт:** Аминҷонов Азимҷон Олимович: Нишондоди библиографӣ. – Д., 2011.

## НАИМОВ МИРЗООДИЛ

(Ба муносибати 95-солагии зодрўзаш)

Наимов Мирзоодил 14-уми январи соли 1926 дар деҳаи Рарзи ноҳияи Айнӣ таваллуд шудааст. Доктори ил-

ми таърих (1987), профессор (1990). Университети давлатии ш. Самарқанд (1949) ва ғоибона Мактаби Олии ҳизбии ш. Тошкандро (1959) хатм кардааст. Солҳои 1950-1959 директори мактаб, методисти шуъбаи маориф ва нозири кумитаи ҳизбии н. Айнӣ, 1959-1963 нозири шуъбаи ташвиқотии КМ ПК Тоҷикистон, 1963-1970 сармуҳаррир ва директори барномаҳои телевизиони тоҷик, 1971-1988 мудири шуъбаи нашриёти «Ирфон», 1988-1997 сарходими илмии Пажӯҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АИ Тоҷикистон буд. Солҳои 1998-2008 ба ҳайси профессори кафедраи таърихи ватани Донишгоҳи славянии Русияю Тоҷикистон заҳмат кашидааст.

Муаллифи зиёда аз 150 асару мақолаи илмӣ, илмӣ-оммавӣ ва методистӣ, ки ба таърихи навини халқи тоҷик, муносиботи миллӣ, дӯстӣ ва ҳамкории тоҷикон бо дигар халқҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, алоқаҳои иқтисодию фарҳангии Тоҷикистону Русия ва ғайра марбутанд.

**Осор:** Советский Таджикистан. – Алмаата, 1972. (соавтор); Лектор ва аудитория. – Д., 1972; Университетҳои халқии Тоҷикистон. – Д., 1977; Пропагандистон. – Д., 1982; По ленинскому курсу дружбы и братства. – Д., 1983; Бо роҳи ленинии дӯстӣ ва бародарӣ. – Д., 1983; Русский язык – язык дружбы и братства. – Д., 1984; Забони русӣ – забони дӯстию бародарӣ. – Д., 1984; Социально – экономические основы сближения социалистических нации. – Д., 1986; Ленинским курсом дружбы и братства. – Д., 1986; Вопросы нации и национальных отношений. – Д., 1989; Россия и Таджикистан. – Д., 2005. (соавтор).

## ХОЛИҚОВ ШИРИНБЕК

(Ба муносибати 80-солагии зодрӯзаш)

Холиқов Ширинбек 17-уми январи соли 1941 дар ноҳияи Рӯдакӣ таваллуд шудааст. Доктори илми химия (1991), профессор (1992), Корманди шоистаи Тоҷикистон (2002). Соли 1962 факултаи химияи УДТ-ро (ҳоло ДМТ) ба итмом расонда, ба ҳайси ассистенти кафедраи химияи ғайриорганикӣ фаъолияташро шурӯъ менамояд. Солҳои 1965-1968 аспиранти Институти биологияи молекулавии АИ СССР (ш. Маскав) буд. Аз соли 1969 дар УДТ корро идома бахшида, вазифаҳои муаллим, муаллими калон ва дотсент, муовини декани факулта (1969-1986), мудири кафедраи химияи органикиро (1987-2009) иҷро кардааст. Аз соли 2009 профессори ҳамин кафедра мебошад. Ҳамзамон аз соли 1988 роҳбарии лабораторияи илмию таҳқиқотии «Пентид» -и ҳамин донишгоҳро ба зимма доштааст.

Оид ба масъалаҳои химия, аз ҷумла асосҳои ҳозираи химияи органикӣ, биотехнология ва нанотехнология ва ғайра беш аз сад асару мақола навиштааст. Хидматаш дар тайёр кардани мутахассисони соҳаи химия калон аст.

**Осор:** Синтез и применение полипептидов регулярного строения, включающих полифункциональные аминокислоты. – Д., 1970; Основы современной органической химии. – Д., 2008 (соавтор); Биотехнология ва нанотехнология. Навигарӣ дар ҳаёт, илм ва техника. Дастури илмию оммавӣ. – Д., 2011; Химияи органикӣ. Китоби дарсӣ. – Д., 2011; Биотехнология ва нанотехнология. – Д., 2011; Мумиё ҳазор дардро давост. Дастури илмию оммавӣ. – Д., 2012 (ҳаммуаллиф).

## ИМОМОВ ШАРОФИДДИН ЗУҲУРИДДИНОВИЧ

(Ба муносибати 65-солагии зодрӯзаш)

Имомов Шарофиддин 24-уми январи соли 1956 дар деҳаи Файзободи ноҳияи Ҳамадонӣ ба дунё омадааст. Доктори илми таърих (1996), профессор (2003). Соли 1978 факултаи таърихи УДТ-ро (ҳоло ДМТ) ба итмом расонда, дар аспирантураи Институти шарқшиносии АИ СССР (ш. Маскав) хондааст. Солҳои 1984-1993 ходими илмии Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии АИ Тоҷикистон ва ҳамзамон муаллими УДТ, 1994-1996 докторанти Институти шарқшиносии АИ Русия, 1996-2003 устоди кафедраи таърихи кишварҳои хориҷӣ ва муносиботи байналмилалии ДМТ, 2003-2006 мушовири Президенти Тоҷикистон оид ба рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, 2007-2009 директори Пажӯҳишгоҳи шарқшиносӣ ва осори хаттии АИ Тоҷикистон буд. Аз соли 2010 Сафири фавқулодда ва мухтори Тоҷикистон дар Афғонистон мебошад.

Масоили таърихи афкори иҷтимоии мардуми Афғонистон аз нимаи дуюми асри XIX то кунун, таърихи бедории миллии халқи тоҷик аз мавзӯъҳои асосии ковиши илмиаш маҳсуб меёбанд. Теъдоди таълифоташ аз ҳаштод мегузарад.

**Осор:** Общественная мысль Афганистана в первое десятилетие после восстановления независимости (1919-1929). – М., 1984; Общественная мысль Афганистана в первой трети XX в. – М.,1986; Социальное воззрение Афганистана в начале XX века. – М.,1986; История общественной мысли Афганистана во второй половине XIX – первой половине XX века: Дисс… док. истор. наук. – М., 1996; Таърихи афкори иҷтимоии Афғонистон дар нимаи дуюми асри XIX ва нимаи аввали асри XX. – Д., 2001; История общественной мысли Афганистана во второй половине XIX века. – Д., 2001; Таърихи бедории миллӣ ва истиқлоли Тоҷикистон. – Д., 2003.

## АЗОНОВ (АЗОНЗОД) ҶАҲОН

(Ба муносибати 70-солагии зодрӯзаш)

Азонов Ҷаҳон 25-уми январи соли 1951 дар деҳаи Лоҳури ноҳияи Данғара ба дунё омадааст. Доктори илми тиб (1995). Корманди шоистаи Тоҷикистон (2002). Омӯзишгоҳи тиббии ш. Кӯлоб (1969) ва ИДТТ-ро (1979) хатм кардааст. Мудири бунгоҳи тиббии деҳаи Лоҳури н. Данғара (1969-1973), ассистенти кафедраи таърихи тиб ва беҳдошти иҷтимоии ДДТТ, аспирант, ходими илмӣ ва мудири шуъбаи физиологияи эътилолӣ ва фармакотерапияи Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи АИ ҶТ (1979-1999) буд. Аз соли 1999 сарвари Пажӯҳишгоҳи давлатии «Ғизо» -ро ба дӯш доштааст.

Муаллифи зиёда аз сад асару мақолаи илмӣ, илмӣ-оммавист. Дар асоси корҳои илмиаш дар ҳамкорӣ бо заводи дорусозии Санкт-Петербург доруҳои «Геранол», «Гераноретинол», «Суғд», ки хосияти талхаронӣ, зиддиилтиҳобӣ ва зиддиташаннуҷӣ доранд, истеҳсол карда шудааст. Бо роҳбарӣ ва иштироки бевоситааш истеҳсоли нӯшобаҳои «Шоҳона», «Нозгул», «Чаман», марҳамҳои «Роҳи абрешим», «Авҷи Зуҳал», «Марҳами Сомонӣ» пешниҳод гардид.

Бо медали «Барои меҳнати шоён» сарфароз гаштааст.

**Осор:** Сад гиёҳи шифобахш. – Д., 1992 (ҳаммуаллиф); Давои ҳазору як дард. – Д., 1995 (ҳаммуаллиф); Рустаниҳои шифоҳӣ. – Д., 2003; Хусусияти шифоии шираи меваю сабзавот. – Д., 2005 (ҳаммуаллиф); Истеъмоли оқилона ва самарабахши ғизо. – Д., 2006 (ҳаммуаллиф); Лечебные свойства фенхеловых и лавандовых эфирных масел. – Д., 2006; Основы питания. – Д., 2008 (соавтор); Лечебные свойства

препаратов селена. – *Д.*, 2009; Рустаниҳои шифобахш ва ғизоӣ. – *Д.*, 2010; Витаминҳо ва унсурҳо. – *Д.*, 2011 (ҳаммуаллиф).

## ҚОДИРОВ АБДУСАЛОМ
(Ба муносибати 80-солагии зодрӯзаш)

Қодиров Абдусалом 30-юми январи соли 1941 дар ноҳияи Ваҳдат таваллуд шудааст. Доктори илми биологӣ (1998), профессор (2001). Соли 1964 факултаи биологияи УДТ-ро (ҳоло ДМТ) ба итмом расонда, дар аспирантураи он хондааст. Фаъолияташ пурра дар кафедраи зоологияи ҳамин донишгоҳ ҷараён гирифта, ба сифати ассистент, муаллим, муаллими калон ва дотсент (1972-1992) кор кардааст. Солҳои 1992-2010 мудирии кафедраи номрафтаро ба зимма дошт.

Бобати ҳашаротшиносии зоологияи бесутунмуҳрадорон, тавсифи зоогеографии манотиқи ҷануби Тоҷикистон ва ғайра таҳқиқот анҷом додааст.

**Осор:** Насекомые – вредители зелёных насаждений г. Душанбе и посёлков юго-западного Таджикистана. – *Д.*, 1971; Курси мухтасари ҳашаротшиносӣ. – *Д.*, 1991; Дастури методӣ барои дарсҳои фардӣ аз зоологияи бесутунмӯҳрадорон. – *Д.*, 1991 (ҳаммуаллиф); Жуки – ксилофаги искусственных насаждений Таджикистана. – *Д.*, 1994; Биологические особенности и вредоносность наманганского усача. – *Д.*, 1994; Биология наиболее важных видов древогрызущих и внутристеблевых жесткокрылых юго-восточной части Средней Азии. – *Д.*, 1994; Комплекс древогрызущих жесткокрылых в косортивных системах основных видов древесно-кустарниковой растительности Памира-Алая. – *Д.*, 1994; Зоогеографическая характеристика фауны листо-

едов южного склона Дарвазского хребта. – Д., 1994 (соавтор); Краткий русско-таджикский терминологический словарь-справочник по зоологии. – Д., 1998 (соавтор).

## АҲМАДОВ АЛАМХОН

(Ба муносибати 70-солагии зодрӯзаш)

Аҳмадов Аламхон 1-уми феврали соли 1951 дар шаҳри Кӯлоб ба дунё омадааст. Доктори илми тиб (2000), профессор (2001), Корманди шоистаи Тоҷикистон (1999). Хатмкардаи факултаи муолиҷавии ИДТТ (1975) аст. Духтур-интерни шуъбаи бемориҳои дарунии Беморхонаи вилоятии ш. Кӯлоб (1975-1976), духтури минтақавии бемориҳои дарунии дармонгоҳи ш. Кӯлоб (1976-1977), мудири шуъба (1977-1978) ва сардухтури Бунгоҳи ёрии таъҷилии тиббии ш. Кӯлоб (1978-1984), сардухтури Беморхонаи раёсати 4-уми Вазорати тандурустӣ дар ш. Кӯлоб (1984-1987), мудири шуъбаи тандурустии комиҷроияи ш. Кӯлоб ва ҷонишини мудири шуъбаи тандурустии комиҷроияи вил. Хатлон (1987-1990), ҷонишин (1990-1992) ва Вазири тандурустии Тоҷикистон (1992-2003) кор кардааст. Аз моҳи июни соли 2003 ректори Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони тибби Тоҷикистон буд.

Муаллифи зиёда аз 200 асару мақолаи илмист ки ба назарияи анатомияи одам, бемориҳои сироятӣ, тропикӣ, бедардсозӣ, тибби оилавӣ ва санитарӣ, пешгирии бемориҳои зӯҳравӣ ва ғайра марбутанд.

**Осор:** Социально-гигиеническая характеристика состояния здоровья детей Таджикистана. – М., 1996; Анатомияи одам. – Д., 1997; Гюрзотоксин. – Д., 1997; Маҷмӯи савол ва ҷавобҳои санҷишӣ оид ба бемориҳои тропикӣ (вараҷа). – Д., 2000; Динамический мониторинг состояния

окружающей среды и здоровья населения проживающего в регионе влияния техногенных фактораз ТАЗ-а: *Дисс*… док. мед. наук. – М., 2000; Тандурустии Тоҷикистон дар марҳилаи ҳозира ва самтҳои асосии такмили он. – *Д.*, 2002; Бедардсозии ноҳиявӣ ва ниҳоӣ. – *Д.*, 2003; Маҷмӯи савол ва ҷавобҳои санҷишӣ оид ба тибби оилавӣ. – *Д.*, 2005; Мақоми кормандони тибби бахши кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ дар пешгирии бемориҳои зӯҳравӣ. – *Д.*, 2006; Фарҳанги пизишкии русӣ-тоҷикӣ-англисӣ. – *Д.*, 2009 (ҳаммуаллиф).

## ОЧИЛОВ АБДУЛАҲАД АБДУРАҲМОНОВИЧ

(Ба муносибати 65-солагии зодрӯзаш)

Очилов Абдулаҳад 1-уми феврали соли 1956 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шудааст. Доктори илми тиб (1994), профессор (2000). Соли 1979 Институти давлатии тиббии Тоҷикис-тонро ба номи Ибни Синоро ба итмом расонда, ба сифати ординатори кафедраи терапияи госпиталӣ фаъолияташро шурӯъ намудааст. Солҳои 1981-1984 аспиранти Маркази умумииттифоқии кардиологии ш. Маскав, 1984-1990 муаллим, муаллими калони кафедраи касалиҳои дарунии ИДТТ ба номи Ибни Сино, 1990-1994 докторанти Маркази кардиологии назди Академияи илмҳои тиббии Русия буд. Аз соли 1994 дар Маркази номрафта кор мекунад, вазифаҳои ходими илмӣ, ходими калони илмӣ ва мудири шуъбаро адо намудааст.

Муаллифи беш аз шаст кори илмист, ки масоили тибби лазерӣ ва барқарорсозӣ, табобати варзишӣ, ҳолати ғайримарказии гардиши хун ва баъзе нишондиҳандаҳои гомеостазии касалиҳои гирифтори камхунӣ ва роҳҳои муолиҷаи онро фаро гирифтаанд. Мақолаҳои ҷудогонааш

дар нашрияҳои соҳавии чандин давлатҳои хориҷӣ чоп шудаанд.

**Осор:** Состояние микроциркуляции и напряжение кислорода в тканях у больных ИБС при лечении нитратами и антагонистами кальция. – М., 1986; Состояние периферического кровообращение и некоторые показатели гомеостаза у больных недостаточностью кровообращение и их динамика в процессе лечения: Дисс… док. мед. наук. – М., 1994.

## ҲАКИМОВ ФИРДАВС ХОЛИҚОВИЧ

(Ба муносибати 85-солагии зодрӯзаш)

Ҳакимов Фирдавс 1-уми феврали соли 1936 дар шаҳри Самарқанд чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Доктори илмҳои геологӣ ва минералогӣ (1992), профессор (1995). Соли 1959 шуъбаи геологияи факултаи илмҳои табиии УДТ-ро (ҳоло ДМТ) хатм карда, фаъолияташ дар Пажӯҳишгоҳи геологияи АИ Тоҷикистон ҷараён гирифтааст, беш аз сӣ сол мудири шуъбаи палентология ва стратиграфияи он буд. Ҳамзамон солиён дар УДТ (ДМТ) дарс дода, ба кафедраи геология ва менеҷменти техникаи маъдан сарварӣ кардааст.

Аз олимони намоёни бахши палеонтология маҳсуб меёбад, зиёда аз сесад маҷмаи бурдори аммонитҳои Осиёи Миёнаро омухтааст, ки қариб панҷоҳтоаш бори аввал мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар ноҳиябандии ҳудуди палеобиогеографии минтақа ширкати фаъолона варзида, таҳнишинҳоро муайян кардааст. Хидматаш дар тарбияи кадрҳои ҷавони соҳа калон аст.

Бо медали «Хидмати шоиста» қадр шудааст.

**Осор:** Меловые отложение Центрального Таджикистана. – Д., 1971 (соавтор); Верхний мел Центрального Таджикистана. – Д., 1971; Кампанские и маастрихтские аммониты Средней Азии. – Д., 1976 (соавтор); Стратиграфия и крупные фораминиферы кампака и маастрихта таджикской депрессии. – Д., 1988 (соавтор); Таҳнишини депрессияи кампанӣ ва маастрихти Тоҷикистон. – Д., 1998; Аммонитҳои Тӯрони Осиёи Миёна. – Д., 2002; Верхний мел востока Средней Азии. – Д., 2010; Палеонтология: Учебное пособие. – Д., 2008. (соавтор); Стратиграфияи танишастҳои бури болоии шарқи Осиёи Миёна. – Д., 2017.

## НОСИРОВА ФИРӮЗА ЮСУФОВНА

(Ба муносибати 65-солагии зодрӯзаш)

Носирова Фирӯза 2-уми марти соли 1956 дар шаҳри Душанбе ба дунё омадааст. Доктори илми биологӣ (1997), профессор (1999). Соли 1978 факултаи биологияи УДТ-ро (ҳоло ДМТ) ба итмом расонда, чун лаборанти калон дар лабораторияи проблемавии назди ИДТТ ба номи Ибни Сино фаъолияташро шурӯъ кардааст. Солҳои 1979-1981 коромӯзи Институти генетикаи тиббии ш. Маскав, 1982-1997 ходими илмӣ, ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи физиология ва биофизикаи рустании АИ Тоҷикистон, 1997-2001 дотсент ва профессори кафедраи экология ва генетикаи ДДТТ ба номи Ибни Сино, 2001-2013 сарходими илмии Пажӯҳишгоҳи физиология ва биофизикаи рустании АИ Тоҷикистон кор кардааст. Аз соли 2013 мудири лабораторияи генетикаи рустаниҳои Пажӯҳишгоҳи ботаника, физиология ва генетикаи рустаниҳои АИ Тоҷикистон мебошад.

Оид ба масоили мухталифи генетикаи муосир, бехатарии биологӣ, биоэтика, биологияи молекулярӣ ва ғайра зиёда аз сад кори илмӣ дар ҷумҳурӣ ва хориҷ аз он нашр намудааст. Китоби илмӣ-публисистиаш «Генофонди инсон ва масоили бехатарии биологӣ» баҳсҳои илмии зиёд ба бор овард. Дар бисёр симпозиуму конфаронси байналмилалии генетикҳо Тоҷикистонро муаррифӣ намудааст.

**Осор:** Молекулярная генетика гомозиготной В-талассемии в Таджикистане: Дисс… док. биол. наук. – Д., 1997; Молекулярные механизмы талассемии в Таджикистане. – Д., 1998; Генофонд человека и проблемы биобезопасности. – Д., 2005; Таджикистан в глобальной цепочке продовольственных поставок. – Д., 2013 (соавтор).

## КӮЧАРОВ АЛАМХОН

(Ба муносибати 75-солагии зодрӯзаш)

Кӯчаров Аламхон 4-уми феврали соли 1946 дар деҳаи Саричашмаи ноҳияи Шамсиддин Шоҳин таваллуд шудааст. Доктори илми филологӣ (1997), профессор (1999), узви вобастаи АИ Тоҷикистон, Корманди шоистаи Тоҷикистон (2008). Соли 1969 факултаи филологияи тоҷики Университети давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) ба итмом расонда, дар Институти давлатии педагогии ш. Кӯлоб (ҳоло ДДОК) ба фаъолият пардохт, дар факултаи забон ва адабиёти тоҷик ба сифати муаллим, муаллими калон ва дотсент кор кардааст. Аз соли 1997 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон заҳмат мекашад, аввал дотсент, аз соли 1999 профессор, 2002-2012 мудири кафедраи назария ва адабиёти навини форсӣ-тоҷикӣ буд.

Перомуни матншиносии адабиёти давраи нави тоҷик, хоса матншиносии осори сардафтари адабиёти му-

осирамон устод Садриддин Айнӣ таҳқиқоти судманд анҷом додааст. Ҳамзамон оид ба ҳаёту эҷодиёти адибони ватанию хориҷӣ мақолаҳои зиёди илмӣ, илмию оммавӣ, публисистӣ, тақризҳо навишта, матни таълифоти Мир Саидалӣ Ҳамадонӣ «Рисолаи қуддусия» ва «Маърифати нафс»-ро таҳияю чоп намудааст, бобати муаммои нақди матни рубоиёти Умари Хаём ибрози назар карда, хусусиятҳои миллӣ ва интернатсионалии назми М. Турсунзодаро нишон додааст.

Бо ордени «Дӯстӣ» қадр шудааст.

**Осор:** Таҳқиқи текстологии «Одина» -и С. Айнӣ. – Д., 1982; Таҳияи матни илмии қиссаи «Одина» -и Айнӣ. – Д., 1992; Масъалаҳои матншиносии адабиёти тоҷик. – Д., 1994; Хусусиятҳои миллӣ ва интернатсионалии назми М. Турсунзода. – Д., 1998; (ҳаммуаллиф); Нақди матни осори С. Айнӣ. – Д., 2000; Нақди матн ва масъалаҳои матншиносии насри С. Айнӣ. – Д., 2002; Адабиёти тоҷик (давраи нав). – Д., 2005; (ҳаммуаллиф); Матншиносӣ (Барномаи дарсҳои лексионӣ ва амалӣ). – Д., 2005; Баёзи адабиёт. Барои синфи 11. – Теҳрон, 2010; Таҳияи матни илмии қиссаи «Марги судхӯр» -и Айнӣ. – Д., 2010; Мирзо Турсунзода: маҳорат ва садоқат. – Д., 2011; Сад рубоӣ. – Д., 2012; Бобо ва набераҳо. – Д., 2013; Таҳлили адабӣ ва фаъолияти муҳарририи С. Айнӣ. – Д., 2013; Муҳаққиқи соҳибмактаб. – Д., 2014; Афзори ишқ. – Д., 2016.

**Адабиёт:** Профессор Аламхон Кӯчаров. Шарҳи ҳол ва феҳристи осор. – Д., 2010.

## САФАРАЛИЕВ БОЗОР

(Ба муносибати 65-солагии зодрӯзаш)

Сафаралиев Бозор 5-уми феврали соли 1956 дар поселкаи Ёвони ноҳияи Ёвон таваллуд шудааст. Доктори илми педагогӣ (1998), профессор (2006). Институти давлатии фарҳанги ш. Маскав (1982), аспирантура (1989) ва докторантураи онро (1997) хатм кардааст. Солҳои 1982-1986 муаллим ва муаллими калони Донишкадаи давлатии санъати ба номи М. Турсунзода, 1990-1993 сардори раёсати муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ, 1994-1997 таҳсил дар докторантура, 1998-2000 директори Пажӯҳишгоҳи фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ кор кардааст. Аз соли 2000 дар Русия кору фаъолият дорад, чанд соли охир профессори Академияи фарҳанги ш. Челябинск мебошад, барои таҳкими робитаҳои фарҳангии Тоҷикистону Русия талоши фаровон ба харҷ медиҳад.

Перомуни таърихи фарҳанги тоҷик, роҳҳои рушди фаъолияти муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии Тоҷикистон, равобити фарҳангии Тоҷикистону Русия ва ғайра таҳқиқот анҷом медиҳад.

**Осор:** Экзамен на зрелость. – Д., 1991; Истоки просвещения: к истории таджикской культуры. Том I. – М., 1997; Том II. – М., 1998; Развитие духовной культуры таджикского народа: Социокультур. аспект, вторая половина XIX -начало XX вв: Дисс... док.пед. наук. – М., 1997; Развитие информационной компетенции в условиях дополнительного образования. – Челябинск, 2015; Из истории духовной культуры таджикского народа. – Челябинск, 2011.

## ОРИФОВ АБДУЛЛОҶОН

(Ба муносибати 80-солагии зодрӯзаш)

Орифов Абдуллоҷон 6-уми феврали соли 1941 дар деҳаи Рӯмони н. Хуҷанд таваллуд шудааст. Доктори илми иқтисодӣ (1987), профессор (1988). Факултаи иқтисодии Университети давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) соли 1963 хатм карда, ҳамчун сариқтисоддон дар Совхоз-техникуми н. Мастчоҳ кор мекунад. Солҳои 1966-1991 дар УДТ ба сифати ассистент, аспирант, сармуаллим, дотсенти кафедраи иқтисоди сиёсӣ (1966-1973), декани факултаи курсҳои тайёрӣ (1973-1975), ноиби ректор (1975-1991) заҳмат кашидааст, 1991-1992 декани факултаи иқтисоди ДДХ ба номи Б. Ғафуров, 1992-1996 сардори Кумитаи давлатии андози Тоҷикистон буд. Аз соли 1996 дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (ш.Хуҷанд) вазифаи ноиби ректорро иҷро намудааст.

Оид ба истеҳсолот, даромад, талабот, баланд бурдани дараҷаи зиндагии аҳолӣ, ташкили хоҷагиҳои шахсии ёрирасон, сиёсати андоз ва ғайра беш аз 150 асару мақолаи илмӣ, илмию оммавӣ ба табъ расондааст.

**Осор:** Съезди XXVI КПСС дар бораи баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии халқи советӣ. – Д., 1982; XXVI съезд КПСС и продовольственная программа. – Д., 1982; Хоҷагии шахсии ёрирасон ва истеъмоли аҳолӣ. – Д., 1984; Продовольственная программа-программа благосостояние. – Д., 1985; Уровень жизни населения. – Д., 1987; Производство, доходы, потребление. – Д., 1989; Уровень жизни поколения. – Д., 1989; Таджикистан в едином народнохозяйственном комплексе. Учебное пособие. – Д., 1990 (соавтор); Ислоҳоти андоз ва таъмини буҷет. – Д., 1993; Таджикистан в едином народно-хозяйственном комплексе. Учебное пособие. – Д., 1990. (соавтор); Законодательные и нормативные акты по налогам и налогооблажению. – Д., 1994;

Новые законодательные акты по налогам. – Д., 1994; Танзими муносиботи гумрукӣ. – Х., 2009; Особенности декларирование товаров и транспортных средств. – Х., 2009 (соавтор); Гумрук. Васоити таълимӣ-методӣ. – Х., 2013 (ҳаммуаллиф).

## ГАДОЕВ (ГАДОЗОДА) АБДУКИБОР

(Ба муносибати 80-солагии зодрӯзаш)

Гадоев Абдукибор 10-уми феврали соли 1941 дар деҳаи Зардокии ноҳияи Балҷувон таваллуд шудааст. Доктори илми таърих (1991), профессор (1993) Соли 1966 факултаи таърихи Университети давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) хатм карда, ба сифати муаллими кафедраи таърихи КПСС-и ИДТТ ба номи Ибни Сино фаъолияташро шурӯъ кардааст. Солҳои 1968-1971 аспиранти ҳамин донишгоҳ, 1971-1976 муаллими калон, 1976-1986 дотсенти кафедраи таърихи фарҳанги халқи тоҷик ва асосҳои иқтисодии ИДТТ ба номи Ибни Сино, 1986-1988 докторанти Университети давлатии Маскав, 1988-1993 дотсент ва 1993-1996 мудири кафедраи таърихи фарҳанги халқи тоҷик ва асосҳои назарияи иқтисодии ИДТТ ба номи Ибни Сино, 1996-1998 мудири кафедраи илмҳои ҷомеашиносии ДСРТ, 1998-2000 декани факултаи таърих ва филология, 2001-2007 декани факултаи таърих ва ҳуқуқи ДДҚ ба номи Н. Хусрав, 2007-2008 мудири кафедраи таърихи умумӣ, 2008-2012 мудири кафедраи таърих ва ҳуқуқи ҳамин донишгоҳ кор кардааст. Аз соли 2013 профессори кафедраи номрафта мебошад.

Теъдоди корҳои илмиаш аз сад мегузарад, рисола, мақолаҳои илмӣ, оммавӣ ва публисистиаш асосан ба ҳал-

ли масъалаҳои озуқаворӣ дар ҷумҳурӣ, ҳамбастагии халқҳои муқими Тоҷикистон ва ғайра марбутанд.

**Осор:** Город – селу. – Д., 1971; Ҳалли масъалаҳои озуқаворӣ дар Тоҷикистон. – Д., 1989; Дӯстӣ ва ҳамкорӣ дар амал. – Д., 1990; Союз и дружба – в делах. – Д., 1990.

## ТОШЕВ ОБЛОҚУЛ

(Ба муносибати 90-солагии зодрӯзаш)

Тошев Облоқул 12-уми феврали соли 1931 дар шаҳри Панҷакат таваллуд шудааст. Доктори илми иқтисодӣ (1973), профессор (1977), Корманди шоистаи Тоҷикистон (1998). Соли 1954 Институти давлатии педагогии ш.Душанберо (ҳоло ДДОТ ба номи С.Айнӣ) ба итмом расонда, баъди адои хидмат дар Артиши Шӯравӣ (1954-1956) чанде дар идораи ҷавонони ҷумҳурӣ ҳамчун нозир фаъолият намуд. Солҳои 1957-1962 муаллими иқтисоди сиёсии Мактаби ҳизбию шӯравии ш.Душанбе, 1962-1964 аспиранти Университети давлатии ш. Маскав, 1964-1967 муаллими калони кафедраи иқтисоди ИДПД, 1967-1981 дотсенти кафедраи иқтисоди сиёсӣ ва декани шуъбаи ғоибонаи ИДХҚТ буд. Аз соли 1981 то поёни умр мудирии кафедраи иқтисоди сиёсии ИДПД (ДДОТ ба номи С. Айнӣ)-ро ба ӯҳда дошт.

Оид ба фондҳои истеъмолии ҷамъиятӣ, буҷаи оила, даромад ва хароҷот, масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии рушди фондҳои ҷамъиятии колхозу совхозҳо, роҳҳои баланд бардоштани некуаҳволии мардум ва ғайра зиёда аз сад асару мақола навиштааст. Саҳмаш дар тарбияи мутахассисони ҷавон калон аст. 1 феврали соли 2009 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

**Осор:** Общественные фонды потребления в колхозах. – *Д.*, 1968; Буджет семьи колхозников Таджикистана и общественные фонды потребления. – *Д.*, 1973; Фондҳои ҷамъиятии истеҳсолот ва таъсири онҳо ба инкишофи иқтисоди колхозҳо. – *Д.*, 1975; Социально – экономические проблемы развития использования общественных фондов потребления колхозов. – *Д.*, 1978; Экономические основы советского образа жизни. – *Д.*, 1980; Региональные аспекты сотсиалистического образа жизни. – *Д.*, 1989; Ҷиҳатҳои минтақавии тарзи ҳаёти социалистӣ. – *Д.*, 1989.

## ВОҲИДОВА САНАВБАРБОНУ

(Ба муносибати 65-солагии зодрӯзаш)

Воҳидов Санавбарбону 25-уми феврали соли 1956 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шудааст. Доктори илми таърих (2010). Факултаи романиву олмонии Институти педагогии ш. Маскавро соли 1978 хатм карда, фаъолияташ дар Пажӯҳишгоҳи шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ Тоҷикистон шурӯъ шуд, чун ходими хурди илмӣ, ходими илмӣ кор кард. Соли 1983 дар марказҳои шарқшиносии Олмон ҳамчун коромӯз маҳорати таҳқиқотиашро такмил бахшидааст, 1987-1988 дар Институти шарқшиносии АИ СССР донишашро баланд бардошта, 1993-2000 дар Пажӯҳишгоҳи иқтисодиёт ва муносибатҳои байналмилалии АИ Тоҷикистон заҳмат кашидааст. Аз соли 2001 боз ба Пажӯҳишгоҳи шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ Тоҷикистон баргашта, то кунун фаъолияти илмӣ-таҳқиқотиашро давом медиҳад.

Меҳвари аслии пажӯҳишашро масоили таърихнигорӣ дар эроншиносии Олмон, тамаддуни форсзабонон аз нигоҳи олимони немисзабони Аврупо ташкил медиҳад,

инчунин перомуни таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ, эроншиносӣ, тоҷикшиносӣ ва ғайра мақолаҳои зиёд навиштааст. Забонҳои олмонӣ, англисӣ ва русиро хуб медонад ва дар бисёр кунгураҳои байналмилалӣ ҳамчун муҳаққиқ ва тарҷумон иштирок доштааст.

**Осор:** Иранистика и таджиковедение в Германии: XVIII-XX вв. – *Д.*, 2001; Нақши занон дар рушди илму фарҳанг. – *Д.*, 2006; Иранистика и таджиковедение в немецкоязычной историографии: XV-начало XXI вв.: Дисс… док. истор. наук. – *Д.*, 2010. Эрон, Тоҷикистон ва Афғонистон дар пажӯҳиши ховаршиносии аврупоӣ (асрҳои XVIII -XXI). – *Д.*, 2015.

## САТТОРЗОДА АБДУНАБӢ

(Ба муносибати 80-солагии зодрӯзаш)

Сатторзода Абдунабӣ 27-уми феврали соли 1941 дар шаҳри Панҷакат таваллуд шудааст. Доктори илми филологӣ (1985), профессор (1989). Факултаи таъриху филологияи Университети давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) соли 1963 хатм карда, дар ҳамин ҷо ба сифати лаборанти калон, муаллим, муаллими калон, дотсенти кафедраи адабиёти классикӣ кор кардааст. Солҳои 1977-1980 докторанти Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии АИ СССР, 1981-1985 мудири кафедраи адабиёти классикии УДТ, 1985-1987 устоди Донишгоҳи Кобул (Афғонистон), 1987-1993 мудири кафедраи адабиёти классикии УДТ, 1993-1994 узви Маркази ҳамоҳангии нерӯҳои демократии Тоҷикистон дар ИДМ, 1994-1997 узви Коммисияи муштараки назорат бар оташбас, 1997-2000 узви Комиссияи оштии миллӣ, 2000-2006 муовини Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон, 2006-2012 мудири шуъбаи Маркази таҳқиқоти стратегии назди Пре-

зиденти Тоҷикистон буд. Аз соли 2012 дар Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ Тоҷикистон заҳмат мекашад.

Теъдоди таълифоташ аз чорсад мегузарад. Таърихи адабиёти пешину муосири тоҷик, назмшиносӣ, танқиди адабӣ меҳвари аслии осори илмиашро ташкил медиҳад. Ҳамзамон мавриди фарҳангшиносӣ, сиёсатшиносӣ низ матолиби зиёд ба хидмат овардааст.

Бо ордени «Шараф» қадр ёфтааст.

**Осор:** Из истории персидско -таджикской литературно-эстетической мысли (X-XV вв). – *Д.*, 1972; Афкори адабӣ ва эстетикии Абдураҳмони Ҷомӣ. – *Д.*, 1975; Нуқтаи пайванд. – *Д.*, 1982; Аристотель и таджикско-персидская литературная мысль (IX-XVвв). Дисс… док. филол. наук. – *Д.*, 1984; Накди адабӣ. Барномаи таълимӣ. – Кобул, 1987 (ҳаммуаллиф, ҳуруфи форсӣ); Адабиёти муосири Шарқи хориҷӣ. Барномаи таълимӣ. – *Д.*, 1988 (ҳаммуаллиф); Кӯҳна ва нав. – *Д.*, 2004; Дипломатияи муосири тоҷик. – *Д.*, 2006 (ҳаммуаллиф); Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 8. – *Д.*, 2009; Дипломатияи парлумонӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2000-2010). – *Д.*, 2010 (ҳаммуаллиф); Баёзи адабиёт. – *Д.*, 2010; Таърихчаи назариёти адабии форсӣ-тоҷикӣ. – *Д.*, 2011; Такмили бадеъии форсӣ-тоҷикӣ (дар заминаи навиштаҳои пешиниён ва имрӯзиён). – *Д.*, 2011; Аз Рӯдакӣ то Лоиқ. – *Д.*, 2013; Актуальные проблемы внешней политики Таджикистана: Многовекторность в действие. – *Д.*, 2014.

**Адабиёт:** Профессор Абдунабӣ Сатторзода. Биобиблиография. – *Д.*, 2001.

## МУҲИДДИНОВ САИДАЛӢ

(Ба муносибати 65-солагии зодрӯзаш)

Муҳиддинов Саидалӣ 3-юми марти соли 1956 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Доктори илми таърих (2003), профессор (2006). Донишкадаи давлатии санъати ба номи М. Турсунзода (1977) ва аспирантураи Институти давлатии фарҳанги ш. Маскавро соли 1993 хатм кардааст. Хидмат дар Артиши Шӯравӣ (1977-1979), китобдори калон, мудири сектор, мудири шуъбаи Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи Фирдавсӣ (1979-1984), тарҷумон дар Афғонистон (1984-1985), омӯзгори Донишкадаи давлатии санъати ба номи М. Турсунзода (1986-1991), декани факултаи ғоибонаи ҳамин донишкада (1993-1998), директори Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Фирдавсӣ (1998-2002) буд. Аз соли 2002 дар Донишгоҳи славянии Русию Тоҷикистон фаъолият менамояд, чанд соли охир декани факултаи таъриху филология мебошад.

Перомуни библиографинамоии минётурҳои форсӣ-тоҷикӣ ва ҷанбаҳои фарҳангӣ-таърихӣ, амалӣ-методии онҳо, роҳҳои беҳбуди хизматрасонии мадании китобхонаҳо ба мардум, ахбори библиографӣ оид ба санъати тасвирии тобиблиографияи санъати миллии тоҷик ва ғайра таҳқиқоти судманд анҷом додааст.

**Осор:** Китобхона-автомобил ва роли он дар хизматрасонии мадании меҳнаткашон: Дастури методӣ. – Д., 1983; Ахбори библиографӣ оид ба санъати тасвирии тоҷик: баъзе масъалаҳои ташкили он. – Д., 1990; Библиографирование персидско-таджикской миниятюры: Культурно-исторический и теоретико-методические аспекты. – М., 1993; Библиографическое описание персидско-таджикской миниатюры. – Д., 1993; Библиографияи санъати тоҷик: маводи услубӣ ва кори бозрас барои донишҷӯёни ғоибхон. – Д., 1997; Основы библиографии.

Программа для студентов. – Д., 1997; Инъикоси ёдгориҳои санъати тасвирӣ дар «Тоҷикон» -и Бобоҷон Ғафуров = Отражение памятников изобразительного искусства в труде Б. Ғафурова «Таджики». – Д., 1998; Персидско-таджикская миниатюра и принципы её библиографирования. – Д., 1999; Безупречный пройденный путь. Историко-биографический очерк. – Д., 2000; Консепсияи инкишофи Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Фирдавсӣ то соли 2010. – Д., 2001; Историография истории изобразительного искусства таджикского народа с древнейших времен до конца XIX в. – Д., 2002; Изучение истории изобразительного искусства таджикского народа (до советский период): Дисс…док. ист. наук. – Д., 2003; Таджикская библиотека в XI-XVI вв. – Д., 2003; Минётурҳои асримиёнагии форсӣ-тоҷикӣ. – Д., 2004; Средневековая персидско-таджикская книжная миниатюра: Программа для студентов. – Д., 2004; Основы библиотековедение и библиографоведение: программа для студентов. – Д., 2004; Миниатюра в творчестве Камолиддина Бехзода и Ахмада Дониша: Историографические очерки. – Д., 2005; Таджикская библиотека в XI-XVI веках. – Д., 2005; Историография изобразительного искусства таджикского народа (до советский период). – Д., 2007; Методические рекомендации и планы по проведению семинарских занятий, самостоятельной работы и выполнению контрольных работ по дисциплине «Источниковедение» для студентов. – Д., 2008; Архивоведение: Учебное пособие для студентов. – Д., 2009; История изобразительного искусства таджикского народа с древнейших времен до XVI века: Учебное пособие. – Д., 2010; Библиография: Программа для студентов. – Д., 2010; Архивоведение: Учебная программа для студентов. – Д., 2011; Тесты по

истории таджикского народа для студентов. – *Д*., 2011; История таджикского народа (краткий курс). – *Д*., 2012; Русские художники в Таджикистане (вторая половина XX в.). – *Д*., 2012; Тесты по истории таджикского народа для студентов. – *Д*., 2014; Библиографияи кишваршиносии Тоҷикистон: Барномаи дарсӣ барои донишҷӯён. – *Д*., 2014; Библиографияи кишваршиносии тоҷик (замони шӯравӣ) = Краеведческая библиография Таджикистана (советский период). Учебник для студентов. – *Д*., 2015.

## ҚУДРАТОВ ИМОМНАЗАР

(Ба муносибати 75-солагии зодрӯзаш)

Қудратов Имомназар 4-уми марти соли 1946 дар ноҳияи Айнӣ ба дунё омадааст. Доктори илми биологӣ (2004), профессор (2005). Соли 1969 факултаи биологияи УДТ-ро (ҳоло ДМТ) ба поён оварда, дар аспирантураи Пажӯҳишгоҳи ботаникаи АИ Тоҷикистон хондааст. Солҳои 1976-1994 ходими хурди илмӣ, ходими калони илмӣ, ходими пешбари илмии ҳамин пажӯҳишгоҳ буд. Аз соли 1994 дар ДМТ фаъолият менамояд, ба сифати дотсент, мудири кафедраи ботаника ва профессори кафедраи номрафта заҳмат кашидааст.

Ба омӯзиш ва таҳқиқи олами набототи Тоҷикистон машғул аст. Ковиши илмиаш бахусус бобати гулсангҳои водии Зарафшон сазовори баҳои баланди мутахассисон гардидааст.

**Осор:** *Лишайники горного Зеравшана*. – *Д*., 1985; Анализ *лихено*-флоры Таджикистана: *Дисс*… док. биолог. наук. – *Д*., 2004.

## АСФАНДИЁРОВА НАИЛЯ САЙФУЛЛОЕВНА

(Ба муносибати 70-солагии зодрӯзаш)

Асфандиёрова Наиля 6-уми марти соли 1951 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Доктори илми тиб (1989), узви вобастаи АИ ҶТ (1991). Хатмкардаи ИДТТ (1974) аст. Ординатори кафедраи терапияи госпиталии ИДТТ (1974-1976), корманди Пажӯҳишгоҳ гастроэнторологияи АИ ҶТ (1976-1977), аспиранти факултаи тиббии Донишгоҳи давлатии Тарту (Эстония; 1977-1980), ходими хурд, ходими калон, сарходими илмӣ (1980-1988) ва мудири лабораторияи иммунологияи Пажӯҳишгоҳи гастроэнторологияи АИ ҶТ (1988-1993) буд. Аз соли 1993 мудири лабораторияи иммунологияи Донишгоҳи тиббии Рязан мебошад.

Муаллифи тақрибан 100 асару мақолаи илмӣ оид ба иммунология, бемориҳои ҷигар, таъсири шароб ба фаъолияти ҷигар, инчунин усулҳои ҳозираи муолиҷаи бемориҳои музмини ҷигар мебошад. Дар бисёр симпозиуму конфаронсҳои байналмилалии иммунологҳо иштирок ва суханронӣ намудааст.

**Осор:** Иммунологические сдвиги при алкагольных поражениях печени. – Тарту, 1980; Современная тактика терапии хронических диффузных поражений печени. – Д., 1988; Лазерная терапия в комплексном лечении хронических диффузных поражений печени с использованием гелий-неонового лазера. – Д., 1988.

## ҚУРБОНОВ ҲАЙДАР

(Ба муносибати 80-солагии зодрӯзаш)

Қурбонов Ҳайдар 10-уми марти соли 1941 дар деҳаи Навободи ноҳияи Шамсиддин Шоҳин таваллуд шудааст. Доктори илми техникӣ (1991). Институти хӯлаю пӯлоди ш. Маскавро (1965) хатм карда, дар Институти политехникии Тоҷикистон (ҳоло ДТТ ба номи М. Осимӣ) фаъолияти меҳнатиашро шурӯъ кард ва то поёни умр дар тарбияи кадрҳои техникӣ саҳм гузошт. Ба сифати ассистент, муаллим, муаллими калон, дотсенти кафедраи технологияи металлҳо (1965-1979) заҳмат кашида, 1979-1989 мудири кафедраи технологияи металлҳо ва ҳифзи меҳнат буд. Соли 1991 кафедраи технологияи материалҳои конструксионӣ таъсис ёфт ва номрафта роҳбарии онро ба зимма дошт.

Перомуни технологияи масолеҳи конструксионӣ, металлшиносӣ, материалшиносӣ, мошину таҷҳизоти металлургӣ, муҳофизати меҳнат дар мошинсозӣ, тайёр кардани истеҳсолот дар мошинсозӣ ва ғайра беш аз шаст асару мақола навиштааст. Соли 1998 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

**Осор:** Кристаллҳо ва прогрессии техникӣ. – Д., 1974; Корҳои амалӣ аз технологияи масолеҳи конструксионӣ ва материалшиносӣ. – Д., 1985; Муҳофизати меҳнат дар мошинасозӣ. – Д., 1987; Лабораторный практикум по технологии конструкционных материалов (Методический указатель). Часть 1. – Д., 1980; Часть 2. – Д., 1981; Часть 3. – Д., 1983; Производство заготовок в машиностроении. Часть 1. – Д., 1987; Часть 2. – Д., 1988; Разработка, исследование и освоение технологии производства изделий из корроизионно-стойких сплавов на основе алюминия методами пла-

стического деформирования для микроэлектроники и электроники: Дисс.док.тех.наук. – М., 1991.

## СУЛАЙМОНӢ САФАР

(Ба муносибати 70-солагии зодрӯзаш)

Сулаймонӣ Сафар 10-уми марти соли 1951 дар ноҳияи Сухи вилояти Фарғонаи Ӯзбекистон таваллуд шудааст. Доктори илми педагогӣ (1995), профессор (1999). Донишкадаи давлатии санъати ба номи М.Турсунзода (1976), аспирантура (1986) ва докторантураи (1995) Донишгоҳи давлатии Маскавро хатм кардааст. Солҳои 1989-1995 дар Афғонистону Эрон машғули таҳқиқу тадрис гардида, 1995-1999 мудири кафедраи китобхонашиносии Донишкадаи давлатии санъати ба номи М. Турсунзода, 1999-2007 директори Пажӯҳишгоҳи фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Тоҷикистон буд. Солҳои охир дар макотиби олии ҷумҳурӣ сабақ медиҳад.

Перомуни омӯзиши фарҳангу тамаддуни мардуми эронитабор, китобдории Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон, густариши равобити фарҳангии ин се давлати ҳамфарҳанг, китобшиносӣ, консепсияи рушди фарҳанг ва ғайра таҳқиқоти судманд анҷом бахшида, қариб чорсад мақолаи илмӣ, илмӣ-оммавӣ навиштааст. Дар Эрон чандин китоби муаллифони тоҷикро ба алифбои арабиасоси форсӣ-тоҷикӣ баргардон ва нашр сохтааст. Аз муассисони маҷаллаҳои тахассусии «Анис», «Паёмномаи фарҳанг» ва дигар маҷмӯаҳои илмии соҳаи китобдорист.

**Осор:** Ташкили хадамоти китобдорӣ ба аҳолии ноҳияҳои кӯҳистон. – Д., 1981; Иттиҳоди тавонои ҷумҳуриҳои баробарҳуқуқ. Маслиҳатҳои методӣ. – Д., 1982; Соҳиби хонаи маърифат. – Д., 1982; Китобҳои мубориз:

Таҳлили вазъи фаъолияти китобхонаҳои Афғонистон. – Д., 1988; Таърихи китобдории кишварҳои хориҷӣ. Дарснома. – Д., 1997; Китобхонашиносии умумӣ. Дарснома. – Д., 1998; Аз таърихи китобдории тоҷик: аз оғоз то ибтидои садаи XX. – Д., 1998; Фарҳанги сол. Маслиҳатҳои методӣ. – Д., 2000; Пажӯҳишҳои фарҳангшиносӣ. – Д., 2001; Фарҳангшиносӣ. – Д., 2002; Тамаддун. Китоби 1: Тамаддуни бостон. – Д., 2003; Китоби 2: Тамаддуни асрҳои миёна. – Д., 2007; Китоби 3: Тамаддуни давраи нав. – Д., 2007; Китоби 4: Тамаддуни давраи нав. – Д., 2007 (ҳаммуаллиф); Барномаи рушди фаъолияти театрӣ барои солҳои 2005-2015. – Д., 2004; Консепсияи фарҳанги ҷумҳурии Тоҷикистон. Лоиҳа. – Д., 2004; Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ барои солҳои 2005-2015. – Д., 2005; Фарҳангшиносӣ. – Д., 2005; Ҷ.2. Китобпажӯҳӣ. – Д., 2005; Китобшиносии Ирон ва ислом. – Д., 2007; Педагогикаи ислом: ҷойгоҳ дар низоми омӯзишу парвариши Ирон. – Д., 2008; Менеҷменти фаъолиятҳои китобдорӣ ва иттилоърасонӣ. Китоби таълимӣ. – Д., 2008 (ҳаммуаллифӣ); Тамаддун: давраи нав. – Д., 2009 (дар ҳаммуаллиф); Китобхонаҳои электронӣ. – Д., 2009; Таърих, тамоюл ва рушди китобдорӣ дар Тоҷикистон. – Д., 2009 (дар ҳаммуаллифӣ); Ориёиҳо: суннатҳои фарҳангӣ ва таълиму тарбиятӣ. – Д., 2009 ҳаммуаллиф); Суннатҳои омӯзишу парвариш дар фарҳанги кӯчишинони Ирон. – Д., 2011; Библиотечное дело в развивающихся странах Востока. – Д., 1986; Организация, экономика и управление библиотечним делом. – Д., 1986; Библиотечное дело в Демократической республике Афганистан. – Д., 1987; Библиотечное дело в Иране: История и современное состояние. – Д., 1994; Культурологическое исследование. – Д., 2005; Социально-культурная концепция в духовной традиции ислама. – Д., 2005; Библиография Ирана и ислама. – Д., 2007; Обучение и

воспитание в исламе: на материалах Ирана. – *Д.*, 2010; Китобшиносӣ. – *Д.*, 2011 (ҳаммуаллиф); Китобхонашиносӣ. – *Д.*, 2012; Таърихи китобдории кишварҳои хориҷӣ. – *Д.*, 2013; Педагогикаи фарҳанг. – *Д.*, 2014.

**Адабиёт:** Сафар Сулаймонӣ. Китобномаи шарҳиҳолӣ. – *Д.*, 1996; Дар оғӯши китобҳо. – *Д.*, 2001; Китобшиносии осори Сафар Сулаймонӣ. – *Д.*, 2011 (ба тоҷикӣ, русӣ ва ҳуруфи форсӣ).

## ЗОКИРОВ МАҲМУД ҶӮРАЕВИЧ

(Ба муносибати 95-солагии зодрӯзаш)

Зокиров Маҳмуд 13-уми марти соли 1926 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шудааст. Доктори илми кишоварзӣ (1974), профессор (1984), Ходими шоистаи илми Тоҷикистон (1982). Иштирокдори Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945). Институти давлатии хоҷагии қишлоқи Тоҷикистонро (ҳоло ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур) соли 1950 хатм кардааст. Солҳои 1950-1956 аспирант ва ходими илмии Институти умумииттифоқии чорводории ш. Маскав, 1956-1959 мудири шуъбаи Институти чорводории Ӯзбекистон, 1959-1976 мудири лабораторияи пӯсту пашми Институти умумииттифоқии гӯсфанди қарокулии Вазорати хоҷагии қишлоқи СССР, 1976-1986 мушовири шуъбаи тоҷикистонии Институти умумииттифоқии бузу гӯсфандпарварии Кумитаи агросаноатии СССР буд.

Оид ба селексия ва генетикаи гӯсфандони қарокулӣ, бузи серпашм, роҳҳои баланд бурдани сифати пӯсту пашми бузу гӯсфандони маҳалӣ зиёда аз сад асару мақола навиштааст. Аз мураттибони луғати истилоҳоти гӯсфандпарварӣ мебошад. Поягузор ва аввалин Президен-

ти Академияи халқии «Нури Хуҷанд» аст. Соли 2007 дар шаҳри Хуҷанд вафот кардааст.

Бо орденҳои Ҷанги Ватанӣ (дараҷаи II), Ситораи Сурх ва медалҳо қадр гардидааст.

**Осор:** Опыт организации и проведении искусственного оплодотворения овец в Таджикистане. – Сталинабад, 1958; Каракуль Узбекистана. – Ташкент, 1970; Ферменты плесневых грибов. – Ташкент, 1975; Смушковедение. Том I, – Ташкент, 1976; Том II, – Ташкент, 1978 (соавтор); Многоплодие и продуктивность каракульских овец. – Ташкент, 1982 (соавтор); Меховая козлина шерстной породы. – Д., 1984; Технология производства каракульчи и баранины. – Ташкент, 1988; Справочник для каракулеводов. – Ташкент, 1989; Русско-узбекский словарь животноводческих терминов. – Ташкент, 1990 (соавтор); Термонологический словарь по овцеводству. – М., 1991; Каракулеводство. Учебное пособие. – Ташкент, 1991 (соавтор).

**Адабиёт:** Махмуд Джураевич Закиров. Материалы к библиографии. – Ленинабад, 1990; Махмуд Джураевич Закиров. – Ставрополь, 1985.

## АБДУЛЛОЕВ АҲМАД

(Ба муносибати 85-солагии зодрӯзаш)

Абдуллоев Аҳмад 15-уми марти соли 1936 дар ноҳияи Бойсуни Ӯзбекистон таваллуд шудааст. Доктори илми филологӣ (1984), профессор (1988). Соли 1957 ИДПД-ро (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ) ба поин оварда, дар мактаби миёнаи зодгоҳ муаллимӣ кардааст. Солҳои 1959-1962 аспиранти АИ Тоҷикистон, 1962-1988 ходими илмӣ ва ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон, 1988-1990 профессори УДТ, 1990-1996 му-

дири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур буд. Аз соли 1996 профессори кафедраи филологияи Донишкадаи давлатии ш. Тирмиз (Ўзбекистон) мебошад.

Адабиёти форс-тоҷики асрҳои XI-XII, ҷараёни адабии ин асрҳо, масоили анвоъ ва услуби шеър, хоса ашъори ғиноӣ, майлу равияҳои адабӣ, хусусиятҳои иҷтимоии адабиёт, равобити адабии халқҳои тоҷику ўзбек аз мавзўъҳоанд, ки мавриди омўзишу баррасии ин донишманд қарор гирифтаанд. Дар таҳқиқи адабиёти муосири тоҷик низ саҳми босазо гузоштааст. Теъдоди таълифоташ аз дусад мегузарад.

**Осор:** Сабақи Рўдакӣ. Ҷилдҳои 1, 2. – *Д.*, 1984; Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII. – *Д.*, 1986 (ҳаммуаллиф); Абулқосим Фирдавсӣ. – *Д.*, 1987; Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 9. – *Д.*, 1990; Тасаввуф ва намояндагони он. – Тошканд, 2009

## ҚОДИРОВ ҚОДИР БОЗОРОВИЧ

(Ба муносибати 70-солагии зодрўзаш)

Қодиров Қодир 15-уми марти соли 1951 дар ноҳияи Ҳамадонӣ таваллуд шудааст. Доктори илми педагогӣ (2000), профессор (2009). Факултаи шарқшиносии Университети давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) соли 1973 хатм карда, дар Эрон ба сифати тарҷумон хидмат намудааст. Солҳои 1975-1979 муаллими Институти давлатии педагогии ш. Кўлоб, 1979-1982 хидмат дар Афғонистон, 1983-1986 аспиранти ИДПД, 1987-1996 муаллими калон, мудири кафедраи педагогикаи ИДПК, 1996-2006 корманди масъули Вазорати маорифи Тоҷикистон, 2006-2011 муовини ректори Донишкадаи иқтисоди Тоҷикистон буд. Аз соли 2011

ноиби Президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон мебошад.

Афкори педагогии мардуми тоҷикро аз замонҳои қадим мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода, ташаккули онро давра ба давра то таълимоти маорифпарварӣ муайян сохтааст. Ковиши илмиаш перомуни афкори педагогии ҳамасрони Рӯдакӣ, ҷанбаҳои ахлоқию маърифатии «Шоҳнома» – и Ҳаким Фирдавсӣ ва ғайра шоистаи ситоиш аст.

**Осор:** Ақидаҳои педагогии Фирдавсӣ. – Кӯлоб, 1993; Педагогические взгляды Фахриддина Гургони. – Куляб, 1993; Таърихи тарбия, мактаб ва афкори педагогии тоҷикон аз замонҳои қадим то зуҳури ислом. – Д., 1998; Афкори педагогии халқи тоҷик аз аҳди қадим то зуҳури ислом. – Д., 2000; Тарбияи шахсият ва ташаккули сифатҳои ахлоқӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. – Д., 2001; Информационные технологии обучения в педагогике. – Д., 2004; Таълимоти маориф-парварӣ дар таърихи афкори иҷтимоии халқи тоҷик. – Д., 2006; Аспектҳои дидактикии истифодаи технологияи иттилоотӣ дар мактаби олӣ. – Д., 2006; Школы Таджикистана в условиях децентрализации управления. – Бишкек, 2006; Афкори педагогии ҳамасрони Рӯдакӣ. – Д., 2008; Толковы психолого-педагогический словарь. – Д., 2008; Вожаномаи истилоҳоти психологӣ. – Д., 2008; Воспитание студентов в духе национальных ценностей. – Д., 2008, Дирӯз ва имрӯзи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Д., 2011; Таърихи тарбия аз аҳди бостон то замони Сомониён. – Д., 2012.

## СОЛИЕВ ЛУТФУЛЛО

(Ба муносибати 80-солагии зодрӯзаш)

Солиев Лутфулло 15-уми марти соли 1941 дар ноҳияи Рӯдакӣ таваллуд шудааст. Доктори илми химия (1988), профессор (1991), Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон (2002). Соли 1964 факултаи химияю биологияи Институти давлатии педагогии ш.Душанберо (ҳоло ДДОТ ба номи С.Айнӣ) хатм намуда, баъди адои хидмат дар Артиши Шӯравӣ дар ин боргоҳи илм вазифаи мудири лабораторияи кафедраи химияи умумиро иҷро кардааст. Соли 1966 ба аспирантураи Институти химияи умумӣ ва ғайриорганикии АИ Украина дохил шуда, баъди анҷоми он дар ҳамин ҷо фаъолияти меҳнатиашро идома бахшид, вазифаҳои ходими хурди илмӣ, ходими илмӣ, ходими пешбари илмиро (1966-1988) адо намудааст. Аз соли 1989 дар ДДОТ ба номи С.Айнӣ заҳмат мекашад, солҳои 1989-1996 профессори кафедраи химияи ғайриузвӣ, 1997-1998 декани факултаи химия, 1998-2007 ноиби ректор оид ба илм буд. Аз соли 2008 вазифаи мудири кафедраи химияи умумро адо намудааст.

Аз поягузорони равияи ҷадиди илмӣ дар химия – методи транслясионии пешгӯӣ намудани мувозинатҳои фазогӣ дар системаҳои бисёрполионамудҳо аст. Ҳамчун ихтисосманди маълум дар соҳаи химияи ғайриорганикӣ эътироф мешавад.

**Осор:** Политерма растворимости солевой системы морского типа. – Д., 1992. (соавтор); Корҳои амалӣ аз таҳлили сифатӣ. – Д., 1992. (ҳаммуаллиф); Асосҳои химияи таҳлилӣ. Китоби дарсӣ барои синфҳои 10-11. – Д., 1998; Прогнозирование фазовых равновесий в многокомпитентной системе морского типа методом трансляции. Книга 1. – Д., 2000, Книга 2. – Д., 2002; Химияи ғайриорганикӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 9. – Д., 2001; Химия. Китоби дарсӣ барои синфи 9. – Д., 2007; Химияи умумӣ. – Д., 2008;

Химияи ғайриорганикӣ. – Д., 2010; Донишномаи химия. – Д., 2016 (ҳаммуаллиф)

## ШАРИФОВ АБДУРАШИД
(Ба муносибати 70-солагии зодрӯзаш)

Шарифов Абдурашид 15-уми марти соли 1951 дар шаҳри Ҳисор таваллуд шудааст. Доктори илми кишоварзӣ (2013). Соли 1973 Институти давлатии хоҷагии қишлоқи Тоҷикистонро (ҳоло ДАТ ба номи ш. Шоҳтемур) хатм намуда, ба сифати агрономи калони хоҷагии сабзавотпарварии н. Ёвон ба фаъолият пардохтааст. Солҳои 1975-1978 агрономи калони Институти илмӣ-таҳқиқотии зироаткории Тоҷикистон, 1978-1985 агроном-энтомологи Вазорати ғаллаи Тоҷикистон, 1985-1989 мудири шуъбаи парвариши занбӯрҳои баргбури дар гардолудкунии юнучқа истифодашавандаи Институти илмӣ-таҳқиқотии чорводории Тоҷикистон кор кардааст. Аз соли 1989 мудири шуъбаи занбури асалпарварии институти номрафта аст ва солҳои охир дар кафедраи занбӯрпарварии ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур дарс медиҳад.

Ба яке аз мавзӯъҳои нисбатан кам таҳқиқшуда дар ҷумҳурӣ занбури асал таваҷҷӯҳ намуда, бобати ин ҳашароти мансуби пардаболон, ки асал, мумии асал, прополис истеҳсол мекунад, маълумот дода, роҳҳои зиёд намудани маҳсулоташро аз нигоҳи илмӣ муайян кардааст.

**Осор:** Занбӯри асал. – Д., 2006 (ҳаммуаллиф); Зимистонгузаронии занбури асал. – Д., 2009; Гардолудкунии растаниҳо ва истеҳсоли маҳсулоти занбӯри асал. – Д., 2010.

## ШАРОФЗОДА ГАВҲАР
(Ба муносибати 55-солагии зодрӯзаш)

Шарофзода Гавҳар 23-уми марти соли 1966 дар ноҳияи Панҷ ба дунё омадааст. Доктори илми филологӣ (2012). Факултаи филологияи тоҷики ИДПД-ро (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ) соли 1990 хатм карда, дар ҳамин ҷо ба сифати дастёри калони кафедраи адабиёти тоҷик фаъолияташро оғоз намудааст. Солҳои 1992 -1993 ассистенти кафедраи забони тоҷикии байни факултаҳо, 1993-2002 мудири шуъбаи аспирантура ва муовини сардори шуъбаи таълими ҳамин боргоҳи илм, 2002-2010 корманди Вазорати маорифи Тоҷикистон, ноиби ректори Донишкадаи андоз ва ҳуқуқи Тоҷикистон доир ба корҳои ташкилӣ ва тарбия, ноиби ректори ДМТ оид ба корҳои ташкилию тарбиявӣ, мудири кафедраи идоракунии захираҳои инсонии Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Тоҷикистон, 2010-2014 ректори ҳамин донишкада буд. Аз соли 2014 раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Тоҷикистон мебошад.

Ба масъалаи инъикоси симои занон дар насри ривоятии форс-тоҷик таваҷҷӯҳ намуда, мақоми бонувонро дар пешбурди ҷомеа нишон додааст. Солҳои охир баҳри баланд бурдани манзалати забони тоҷикӣ талоши фаровон ба харҷ медиҳад.

**Осор:** Образи занон дар насри ривоятии форс-тоҷик. – Д., 2008; Образ женщин в письменных прозаических произведениях и народных романах таджикско-персидской литературы. – Д., 2009.

**МАҲМАДАМИНОВ АБДУЛҲАЙ САИДОВИЧ**

(Ба муносибати 70-солагии зодрӯзаш)

Маҳмадаминов Абдулҳай 1-уми апрели соли 1951 дар деҳаи Муллоконии ноҳияи Балҷувон ба дунё омадааст. Доктори илми филологӣ (1997), профессор (1998), Корманди шоистаи Тоҷикистон (1999). Фориғуттаҳсили (1973) факултаи филологияи тоҷики УДТ (ҳоло ДМТ) аст, фаъолияташ пурра дар ҳамин боргоҳи илм гузаштааст. Вазифаҳои муаллим, муаллими калони кафедраи назария ва адабиёти навини форсӣ-тоҷикӣ (1973-1983), муовини декани шуъбаи тайёрӣ (1984-1992), муовини декан оид ба шуъбаи ғоибонаи факултаи филологияро (1993-1999) иҷро кардааст. Аз соли 2000 профессори кафедраи адабиёти тоҷики ДМТ мебошад.

Бобати масоили умдаи адабиёти муосир ва адабиётшиносии тоҷик, муаммоҳои муҳими таърих ва назарияи адабиёт, нақди адабӣ, матншиносӣ, китобшиносӣ, сарчашмашиносӣ, тарҷума, равобити адабӣ, фолклоршиносӣ, луғатшиносӣ, исломшиносӣ, адабу фарҳанги гузаштаю кунунии форс-тоҷик, адабиёт ва худогоҳии миллӣ, рӯзгору осори адибони пешину муосири миллат ва дигар халқҳои собиқ шӯравӣ ва ғайра беш аз чорсад таълифот ба табъ расондааст. Таҳқиқоташ хоса перомуни эҷодиёти устод Садриддин Айнӣ ҷолиби қайд аст, матни илмии чанд асари асосгузори адабиёти навини тоҷикро бо муқаддимаву тавзеҳот нашр сохтааст.

**Осор:** Программаи мухтасари сӯҳбат бо номзадҳо ба шунавандаи шуъбаи тайёрӣ. – Д., 1983 (ҳаммуаллиф); Программаи адабиёти тоҷик. Дастури таълимӣ. – Д., 1984; Мавзӯъҳои корҳои контролӣ аз адабиёти тоҷик барои шунавандагони ғоибхон. Дастури методӣ. – Д., 1984; Дастури методӣ оид ба кори амалии шуъбаи тайёрӣ. – Д., 1987; Адиби мубориз. Очерки илмӣ-оммавӣ дар бораи Али

Хуш. – Д., 1988; «Образцы таджикской литературы» С. Айнӣ и литературный процесс 20-х годов. – Д., 1993; Поиски истины: Образцы таджикской литературы в борьбе за право таджикского народа. – Д., 1994; Муқаддимаи адабиётшиносӣ. Барои дарсҳои лексионӣ ва амалӣ. – Д., 1996; Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ. – Д., 1998; Ислом – нурбахши адабиёт ва фарҳанг. – Д., 2004; Айнишиносӣва замони ҳозира. – Д., 2005; Сухан аз корномаи устод Лоҳутӣ. – Д., 2007; Садриддин Айнӣ – олим. – Д., 2010; Сайид Садриддинхоҷаи Айнӣ. Духтарбача ё Холида. – Д., 2010; Ҳоҷӣ Абдурауфи Фитрати Бухорой. Раҳбари наҷот. – Д., 2011; Родмарде аз Самарқанди бостон. – Д., 2012; Адабиётшиносии муқоисавӣ. – Д., 2012; Мактабҳои адабӣ. – Д., 2013; Назарияи адабиёт. Барномаи дарсҳои лексионӣ ва амалӣ. – Д., 2013; Пуштибони забони тоҷикӣ. – Д., 2013.

## САТТОРОВ АБДУМАННОН

(Ба муносибати 75-солагии зодрӯзаш)

Сатторов Абдуманнон 1-уми апрели соли 1946 дар деҳаи Сурхакчашмаи шаҳри Ҳисор таваллуд шудааст. Доктори илмҳои физика ва математика (1991), профессор (1992). Соли 1967 шуъбаи риёзиёти Университети давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) ба поён оварда, дар Артиши Шӯравӣ чун афсар хидмат менамояд. Солҳои 1969-1971 муаллими кафедраи назарияи функсияҳо ва таҳлили риёзии УДТ, 1971-1973 таҳсил дар аспирантура, 1974-1986 муаллими калон ва дотсенти УДТ, 1987-1990 докторанти Университети давлатии ш. Ленинград (ҳоло ш. Санкт-Петербург), 1991-1996 муовини якуми ноиби ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 1996-2002 ноиби ректори Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат, 2002-2005 боз муовини

ноиби ректори ДМТ кор кардааст. Чанд соли минбаъда мудири шуъбаи муодилаҳои дифференсиалӣ ва татбиқи амалии онҳои Институти илмҳои табиатшиносии ДМТ буд.

Фаъолияти илмиашба таҳқиқи муодилаҳои дифференсиалии намуди омехта бо хатҳои сингулярӣ марбут аст, ки дар илми математика мақоми хосро дорост. Дар бобати таҳқиқи масъалаҳои асосӣ-канории муодилаҳои дифференсалӣ бо хатти сингулярӣ, тасвири интегралӣ ва масъалаҳои канорӣ барои муодилаҳои омехтаю сингулярии тартибҳои дуввум ва чаҳорум ковиши илмӣ бурдааст. Соҳиби қариб 100 асару мақолаи илмӣ, таълимӣ ва методӣ мебошад, ки ҳаводорони риёзиёт аз онҳо босамар баҳра мебардоранд. Натиҷаи заҳматҳои пайваста ва ҷонталошиҳост, ки номи ин донишманди тоҷик дар китоби «500 олими машҳури улуми риёзӣ дар ҷаҳон» (нашри ИМА) ворид гардидааст, ин боиси ифтихори ҳаммиллатон аст.

**Осор:** Исследование основных задач для некоторых дифференциальных уравнений элеметического типа с сингулярной линией. – Минск, 1979; Практикуми анализи математикӣ оид ба тадбиқи ҳосила ва интеграл. – Д., 1983(соавтор); Практикуми таҳлили математикӣ. – Қ.1. – Д., 1989; Практикуми таҳлили математикӣ. – Қ.2. – Д., 1991; Интегральные представления и граничные задачи для сингулярных и смешанно-сингулярных уравнений второго и четвертого порядков: Дисс... док. физ.-мат.наук. – Ленинград, 1990.

## АБДУНАЗАРОВ ХУШБАХТ

(Ба муносибати 75-солагии зодрӯзаш)

Абдуназаров Хушбахт 7-уми апрели соли 1946 дар деҳаи Қушқияи ноҳияи Темурмалик таваллуд шудааст. Доктори илми таърих (2009), профессор (2010) Соли 1973 факултаи таърихи Университети давлатии Тоҷикистон-ро (ҳоло ДМТ) ба итмом расонда, дар зодгоҳ ба сифати муаллим ва директори мактаби миёна, раиси ҷамоати деҳот кор кардааст. Аз соли 1993 дар Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав фаъолият намуда, ба ҳайси дотсент ва мудири кафедраи таърих ва ҳуқуқ, декани факултаи таърих ва ҳуқуқ ба тарбияи мутахассисони ҷавон шуғл варзидааст.

Ба таърихи давраи шўравии Тоҷикистон, аз ҷумла таърихи Вахшонзамин, ташаккул ва рушди соҳаи чорводорӣ дар ҷумҳурӣ ва ғайра таваҷҷўҳ намуда, қариб ҳафтод таълифот ба табъ расондааст.

**Осор:** Деятельность Компартии Таджикистана по атеистическому воспитанию трудящихся (1971-1980). – Д., 1986; Қушқия. – Кўлоб, 1998; Эл фарзанди. – Қурғонтеппа, 1999; Хатлон кизи. – Д., 1999 (ҳаммуаллиф); Колхозобод – маркази тамаддуни Вахшонзамин. – Д., 2002 (ҳаммуаллиф); Саҳифаҳо аз таърихи Вахшонзамин. – Д., 2003; Нурли йул. – Д., 2007; Становление и развитие общественного животноводства в Таджикистане (1924-1991): Дисс… док. истор. наук. – Д., 2009; История животноводства Таджикистана: опыт и проблемы. – Д., 2006; История животноводства Таджикистана (1920-1965 гг.). – Д., 2009; Ахгари илм. – Д., 2010 (ҳаммуаллиф); Ёдгориҳои таърихӣ-мадании Хатлон. – Д., 2010; Религиоведение. – Д., 2010; Таърихи асрҳои миёна. Курси лексияҳо. – Д., 2011; Кишваршиносии таърихӣ. – Д., 2012; Антропология.Курси лексияҳо. – Д., 2012; Ёдгориҳои таърихӣ-мадании водии Вахш. – Д., 2012 (ҳаммуаллиф); Ҳафт муъҷизаи классикӣ. – Д., 2013; Онҳо

барои истиқлоли Ватан мубориза бурданд. – *Д.*, 2014; Ситораҳои варзиши Хатлон. – *Д.*, 2015 (ҳаммуаллиф); Роҳи пуршарафи олим. – *Д.*, 2015 (ҳаммуаллиф); Саҳифаҳои умр. – *Д.*, 2015; Таърихи техникуми тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон. – *Д.*, 2016 (ҳаммуаллиф).

## ПӮЛОДОВ АБДУМАҶИД МӮСОЕВИЧ

(Ба муносибати 95-солагии зодрӯзаш)

Пӯлодов Абдумаҷид 8-уми апрели соли 1926 дар деҳаи Хистеварзи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров таваллуд шудааст. Доктори илми тиб (1963), профессор (1965), Ходими шоистаи илми Тоҷикистон (1987), Иштирокдори Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945). Хатмкардаи ИДТТ ба номи Ибни Сино (1950). Аспиранти Пажӯҳишгоҳи тиббии ба номи И.М. Сеченови ш. Маскав (1951-1954), мудири кафедраи неврологияи ИДТТ (1954-1958), докторанти Пажӯҳишгоҳи ҷарроҳии асаби ба номи Н.Н. Бурденко (1958-1964), мудири кафедраи неврология ва асосҳои генетикаи тиббии ДДТТ (1964-1990), сарневропатологи Вазорати тандурустии ҶТ (1964-1995), мушовири илмии кафедраи неврология ва асосҳои генетикаи тиббии ДДТТ (аз 1995) буд.

Беш аз 500 таълифоти илмӣ эҷод кардааст. Асарҳояш ба неврологияи клиникӣ бахшида шуда, этиология ва патогенези як қатор бемориҳои системаи асабро аз ҷиҳати илмӣ асоснок кард, чандин аломатҳои нави зуҳуроти бемориҳои асабро баён намуд, ки бо номи ӯ машҳуранд: симптомокомплекси Пӯлодов; рефлекси краниофатсиалии патологии Пӯлодов; фалаҷи асаби рӯи Пӯлодов. Бо ташаббуси ӯ дар бисёр беморхонаҳои ҷумҳурӣ шуъбаи неврологӣ, дар клиникаи кафедраи неврологии ДДТТ ла-

бораторияҳои электрофизиологӣ ва ликворологӣ, кабинетҳои невроофталмологӣ, отоневрологӣ ва психоневрологӣ таъсис ёфтаанд.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, Ҷанги Бузурги Ватанӣ, «Дӯстӣ» ва медалҳо мукофотонида шудааст. 10-уми ноябри соли 2012 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

**Осор:** Сосудисто-мозговые инсульты и кризис с опухолеподобным течением. – Д., 1966; Гипоталамические синдромы, их распознование и лечение. – Д., 1967 (соавтор); Сосудисто-мозговые инсульты с ложноопухолевым течением. – Д., 1968; Учебное пособие по общей неврологии. – Д., 1968 (соавтор); Диагностика опухолей головного мозга. – Д., 1968 (соавтор); Современные взгляды на этиопатогенез, клинику и лечении эпилепсии. – Д., 1968 (соавтор); Эмоции и здоровье. – Д., 1969 (соавтор); Головные боли и методы их лечения. – Д., 1970 (соавтор); Пропедевтика нервных болезней. – Д., 1970 (соавтор); Клиника и диагностика опухолей спинного мозга. – Д., 1970 (соавтор); Чудеса природы. – Д., 1972; Генетика и наследственные болезни человека. – Д., 1973; Клиническая неврология. – Ташкент, 1978 (соавтор); Абуали ибн Сино и его вклад в неврологию. – Д., 1980; Сердце поэта. – Д., 1981; Клиника, диагностика и вопросы лечения нервномышечных заболеваний. – Д., 1981; Неврология. – Д., 1989 (соавтор); Нервные болезни. – Д., 1986 (соавтор); Актуальные проблемы социальной философии. – Д., 1997; Межнациональные отношения и демократическое развитие. – Х., 1998; Актуальные проблемы политологии. – Х., 1999; Академик Б. Гафуров гордость нации и факел знания. – Д., 1999; Ҳаракат асоси ангезандаи таҳаввули асабия. – Д., 2000; Мотивационной основы моторики в эволюции нервной системы. – Д.,

2000; Сиёсатшиносӣ. Китоби дарсӣ. – Д., 2002. (ҳаммуаллиф, ба тоҷикӣ, русӣ, узбекӣ); Этносоциальные отношения в Центральной Азии. – Х., 2004; Муносибатҳои этноиҷтимоӣ дар Осиёи Марказӣ. – Х., 2005.

**Адабиёт:** Ҷўраев А. Умри ибратбахш. – Х., 2000; Раҳмонов Р. Инсони соҳибдили некниҳод. – Д., 2000; Краткая творческая биография профессора А. М. Пулатова. – Д., 2000; Шокир У. Синои сонӣ. – Д., 2007.

## ТОҶИЕВ ИСЛОМ ЁҚУБОВИЧ

(Ба муносибати 70-солагии зодрўзаш)

Тоҷиев Ислом 9-уми апрели соли 1951 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шудааст. Доктори илми тиб (1990), профессор (1993). Соли 1974 Институти давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Ибни Синоро хатм намуда, дар аспирантураи Институти илмӣ-таҳқиқотии ёрии таъҷилии ш. Маскав хондааст. Солҳои 1979-1985 корманди хурд, корманд ва корманди калони илмии Пажўҳишгоҳи гастроэнтерологияи АИ Тоҷикистон, 1986-1998 дотсент ва профессори кафедраи касалиҳои дарунии ИДТТ ба номи Ибни Сино буд. Аз соли 1998 корманди пешбари илмии Маркази тибби лазерии Вазорати тандурустии Русия (ш. Маскав) мебошад.

Перомуни кардиология, радиорентгенология ва физиологияи клиникӣ зиёда аз сад таълифот ба субот расондааст. Ковиши илмиаш билхоса бобати ҷанбаҳои эпидемиологӣ ва патогении касалии давомдори заҳрадон, роҳҳои муолиҷаи ҷигару гурда сазовори баҳои баланди мутахассисон гардидааст.

**Осор:** Центральная гемодинамика и функциональное состояние почек и печени при остром калькулёзном

холециститe. – М., 1978. Эпидемиологические клинико-диагностические и патогенические аспекты хронических заболеваний желчного пузыря: Дисс… док. мед. наук. – М., 1990.

**РАҲМОНОВ ШОҲЗАМОН**

(Ба муносибати 75-солагии зодрӯзаш)

Раҳмонов Шоҳзамон 14-уми апрели соли 1946 дар деҳаи Лӯбиёкори ноҳияи Шаҳритус таваллуд шудааст. Доктори илми филологӣ (1997), профессор (1999). Соли 1967 факултаи забон ва адабиёти тоҷики Институти давлатии педагогии ш. Душанберо (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ) хатм намуда, муддате дар мактаби миёнаи зодгоҳ дарс додааст. Солҳои 1968-1991 лаборант, ходими илмӣ ва ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон буд. Аз соли 1992 пурра ба корҳои таълиму тарбия гузашта, дар макотиби олии ҷумҳурӣ ҳамчун дотсент ва профессор аз забону адабиёти тоҷик, назарияи адабиёт, назмшиносӣ, ҷараёнҳои адабӣ ва ғайра дарс гуфтааст. Солҳои 2000-2003 ба ҳайси мудири шуъбаи забонҳо, иттилоот ва матбуоти Вазорати маорифи ҷумҳурӣ хидмат намуда, дар амалӣ намудани Қонуни забон дар шуъбаю идораҳои маорифи ҷумҳурӣ нерӯ ва таҷрибаашро истифода бурд, ҷиҳати тоҷикӣ шудани истилоҳоти илмии таълимӣ, омодасозии луғатҳои соҳавӣ, баланд бурдани маданияти сухани донишҷӯён талоши фаровон ба харҷ дод.

Чун олим ба паҳлӯҳои таҳқиқношудаи адабиётшиносии тоҷик ва масоили назариявии он равшанӣ андохт. Перомуни таҳқиқи шеъри хурд ва жанрҳои он-рубоӣ, ғазал, мусаммату қасида дар иртиботи ҳамдигар

пажӯҳиши гарон ба хидмат оварда, мавриди равиши назарияи шеъри классикию ҳозиразамон, жанрҳои назми форсӣ, ҷараёни адабии назму насри муосир, эҷодиёти адибон мақолаю тақризи зиёд навиштааст.

Бо ордени «Дӯстӣ», чандин ифтихорномаҳо қадр шудааст.

**Осор:** Байт ва муносибати он дар шеър. – Д., 1980; Мусаммат, таҳаввул ва ташаккули он. – Д., 1987; Мусаммат, его становление и развитие. – Д., 1987; Таҳаввули воҳидҳои лирикӣ. – Д., 1988; Шеър ва Айнӣ. Дигаргуниҳои сифатию созмонӣ дар лирикаи муосири тоҷик. – Д., 1994; Развитие поэтических компонентов и композиция произведений лирических жанров в персидско-таджикской поэзии: Дисс… док. фило. наук. – Д., 1997; Сухане чанд аз лирикаи форсӣ-тоҷикӣ. – Д., 1999; Таҳқиқ ва нақд. – Д., 2005; Бародарони ҷонӣ: Пайрав Сулаймонӣ ва Раҳим Ҳошим. – Д., 2005; Се кори муҳим ва бахайри устод С. Айнӣ. – Д., 2007; Маърифати забон. – Д., 2008; Ақидаҳои адабӣ ва назари эстетикии устод С. Айнӣ. – Д., 2008; Ҳамаи хубиҳои инсон аз китоб аст. – Д., 2013; Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар. – Д., 2014; Шоири тозанафаси адабиёти тоҷик. – Д., 2015; Поэтика жанра мусаммаъ. – Д., 2016.

## РАУФОВ АБДУКАРИМ РАҲИМОВИЧ

(Ба муносибати 75-солагии зодрӯзаш)

Рауфов Абдукарим 18-уми апрели соли 1946 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шудааст. Доктори илми тиб (1987), профессор (1992). Соли 1971 ДДТТ ба номи Ибни Синоро ба итмом расонда, ҳамчун духтури бачагона дар Беморхонаи клиникии бачагонаи ш. Душанбе фаъолият

доштааст. Солҳои 1974-1976 ординатори педиатрияи факултативии ДДТТ, 1976-1979 аспиранти Институти илмӣ-таҳқиқотии педиатрияи Академияи илмҳои тиббии СССР (ш. Маскав), 1979-1986 ассистент ва муаллими кафедраи касалиҳои бачагона, 1986-1988 дотсент, 1989-1993 мудири ҳамин кафедраи ДДТТ буд. Аз соли 1993 вазифаи мудири кафедраи касалиҳои бачагонаи ДДХ ба номи Б. Ғафуров ва профессори кафедраи номрафтаро ба ҷо овардааст.

Оид ба хусусиятҳои давомот ва тарзи табобати кӯдакони гирифтори бемории пиелонефрити калкулёзӣ ҳангоми касалии гурда ва дигар масоили педиатрия беш аз сад кори илмӣ аз даст баровардааст. 13-уми феврали соли 2014 дар шаҳри Хуҷанд вафот кардааст.

## НАЗАРОВ ҲАҚНАЗАР

(Ба муносибати 90-солагии зодрӯзаш)

Назаров Ҳақназар 20-уми апрели соли 1931 дар деҳаи Сангвори ноҳияи Нуробод таваллуд шудааст. 12.04.2006, ш. Душанбе), доктори илми таърих (1978), профессор (1989), узви вобастаи АИ Тоҷикистон (1993), Ходими шоистаи илми Тоҷикистон (1996). Соли 1953 факултаи таъриху филологияи Университети давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) ба итмом расонда, дар Институти давлатии педагогии ш. Кӯлоб дарс додааст. Солҳои 1955-1958 аспиранти УДТ, 1958-1963 ходими калони илмӣ ва мудири сектори Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии АИ Тоҷикистон, 1963-1981 дотсенти кафедраи таърихи нав ва навтарини УДТ кор кардааст. Аз соли 1981 мудири шуъбаи Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии АИ Тоҷикистон буд.

Ковиши илмиаш ба масоили мухталифи таърихи халқи тоҷик равобити халқҳои Аморати Бухоро ва Афғонистон, муборизаи мардуми Афғонистон дар роҳи озодӣ ва истиқлолият, ташаккули ақоиди озодихоҳӣ ва маърифатпарварии мардуми ин сарзамин, мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон, нақши форсизабонҳо дар пешрафти фарҳанги ҷаҳонӣ ва ғайра марбут аст.

**Осор:** Очерк по истории Кухистана во второй половине XIX-началаXXвв. – Сталинабад, 1957; РавобитиБухоро ва Афғонистон аз барпо шудани давлати Дурронихо то ғалтидани Аморати Бухоро. – Д., 1963; К характеристике народных движений конца XIXвека в Афганистане. – Д., 1963; Из истории движения народных масс Афганистана в начале XX века. – Д., 1969; Таърихинав ва навтарини мамлакатҳои Шарқи Миёна. – Д., 1973 (ҳаммуаллиф); Народные и проветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX-начала XX веков). – Д., 1976; Омолу афкори Саид Ҷамолиддини Афғонӣ. – Д., 1980; Афғонистони навин. – Д., 1982 (ҳаммуаллиф); Назаре ба равобити фарҳангии Тоҷикистону Афғонистон. – Д., 1987; Социальные движения 20-х годов XX века в Афганистане. – Д., 1989; Саид Джомолиддин Афгани и его общественно-политическая школа. – Д., 1993; Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон. – Д., 1998; Авомили сууд ва сукути давлати Сомониён. – Д., 1999; Афкор ва андешаҳои Саид Ҷамолиддини Асадободи. – Теҳрон, 1999 (ҳуруфи форсӣ); Сабабҳои болоравӣ ва барҳам хӯрдани давлати Сомониён. – Д., 1999; Оид ба пайдоиш ва ҷойгиршавии қабила ва халқҳои Осиёи Марказӣ. – Д., 2004; Нақши тоҷикону эрониҳо дар фарҳанги ҷаҳонӣ. – Д., 2006.

**Адабиёт:** Назаров Ҳақназар (Библиографияи олимони Тоҷикистон). – Д., 1993. Искандаров К. Муҳаққиқе дар таърихи Хуросон. – Д.,

## АТОУЛЛОХОНОВ ФАЗОИЛ ИНОЯТОВИЧ
(Ба муносибати 75-солагии зодрӯзаш)

Атоуллохонов Фазоил 23-уми апрели соли 1946 дар шаҳри Самарқанд таваллуд шудааст. Биофизики тоҷик, доктори илмҳои физика ва математика (1982), профессор(1995). Хатмкардаи факултаи физикаи Университети давлатии Маскав ба номи М. В. Ломоносов (1969) аст. Лаборант ва аспиранти Институти биофизикаи назариявӣ ва таҷрибавии АИ СССР (1969-1974), корманди Институти таҷрибаи биологӣ ва пайвастаҳои табиии АИ СССР (1975-1985), ходими калони илмии Институти иммунология (1985-1987) ва Институти биофизикаи назариявию таҷрибавии АИ СССР (1988-1989), мудири лабораторияи Маркази илмии гематологии Маскав (1989-2006) кор кардааст. Аз соли 2006 директори Маркази масъалаҳои назариявии фармакологияи физикавию кимиёии АИ Русия, ҳамзамон (аз соли 1995) профессори Университети давлатии Маскав аст.

Дар соҳаи назарияи мубодилаи моддаҳо, биофизикаи манзумаҳои мураккаб, динамикаи ғайрихаттӣ, амсиласозии математикии шабакаҳои мубодилаи модда, динамикаи фазоии лахтбасти хун ва ғайразиёда аз 200 таълифоти илмӣ ба чоп расондааст.

**Осор:** Регуляция метаболизма в эритроцитах: Дисс... док. физ.-мат. наук. – М., 1982; Регуляция метаболизма в эритроцитах. – М., 1983; Новая лекарственная форма: дау-

норубицин, инкапсулированный в эритроциты. – Санкт-Петербург, 2000.

## БОҚИЕВ МАҲМУД ИНОЯТУЛЛОЕВИЧ
(Ба муносибати 70-солагии зодрӯзаш)

Боқиев Маҳмуд 23-уми апрели соли 1951 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шудааст. Доктори илми педагогӣ (1992), профессор (1994). Соли 1973 факултаи филологияи руси Университети давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) ба итмом расонда, чанде дар мактаби миёнаи ш. Хуҷанд муаллимӣ кардааст. Солҳои 1974-1980 ассистенти кафедраи забону адабиёти руси Институти давлатии педагогии ш. Хуҷанд (ҳоло ДДХ ба номи Б. Ғафуров), 1980-1983 аспиранти Пажӯҳишгоҳи масоили маорифи Русия, 1983-1989 дотсент ва мудири кафедраи усули таълими забон ва адабиёти рус, 1993-1996 мудир ва профессори ҳамин кафедраи ДДХ ба номи Б. Ғафуров, 1996-1998 ходими пешбари илмии Пажӯҳишгоҳи масоили маорифи Русия, 1998-2008 ректори Донишгоҳи гуманитарии Русияю Тоҷикистон кор кардааст. Аз соли 2008 дар муассисаҳои илмию таълимии Русия заҳмат мекашад.

Перомуни масоили фарҳангшиносии этникӣ ва инъикоси он дар осори нависандагони тоҷику рус, омӯзиши адабиёти рус дар бастагӣ бо адабиёти ватанӣ, масъалаҳои башардӯстӣ дар адабиёти тоҷику рус ва ғайра зиёда аз сад кори илмӣ нашр намудааст. Иштирокдори чандин ҳамоишҳои байналмилалии забоншиносон аст.

**Осор:** Методика обучения выразительному чтению студентов национальных групп педвузов Таджикистана. – М., 1983; Изучение русской литературы во взаимосвязи с родной. – М., 1991; Проблемы гуманизации литературного

образования таджикских вузов. – М., 1999; Проблемы этнокультурологии в произведениях таджикских и русских писателей. – М., 2001.

## РУСТАМОВ ШАРОФИДДИН

(Ба муносибати 90-солагии зодрӯзаш)

Рустамов Шарофиддин 1-уми майи соли 1931 дар деҳаи Некноти шаҳри Панҷакат таваллуд шудааст. Доктори илми филологӣ (1972), профессор (1974), узви вобастаи АИ Тоҷикистон (1987), Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ (1994), дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Сино (2001). Соли 1949 Омӯзишгоҳи педагогии ш. Панҷакат ва 1954 ИДПД-ро (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ) хатм карда, дар ш. Панҷакат ба сифати муаллим ва директори мактаби миёна, мудири шуъбаи маданият ва муҳаррири рӯзномаи ноҳиявӣ, котиби комиҷроия кор кардааст. Аз соли 1965 то поёни умр дар Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон фаъолият дошта, вазифаҳои ходими илмӣ, мудири шуъбаи забон ва сарходими илмиро иҷро кардааст.

Ба номи ин донишманд рушду камоли забоншиносии тоҷик, равияҳои нави таҳқиқи забони тоҷикӣ сахт марбут аст, саҳмаш дар муайянсозии усулу қолабҳои калимасозии забони тоҷикӣ ва назарияи мукаммали ин соҳаи душвори забоншиносӣ ниҳоят калон мебошад. Яке аз муаллифони асосӣ ва муҳаррири масъули китоби сеҷилдаи «Грамматикаи забони тоҷикӣ» ва «Қонуни забони тоҷикӣ» (1989) маҳсуб меёбад. 12-уми майи соли 2007 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

Бо медали «Барои меҳнати шоён» ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии Тоҷикистон қадр шудааст.

**Осор:** Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави сабаб. – Д., 1968; Таснифоти ҳиссаҳои нутқ. – Д., 1972; Калимасозии исм. – Д., 1972; Сарчашмаи файзбахши забони тоҷикӣ. – Д., 1977; Забон ва замон. – Д., 1981; Исм. – Д., 1981; Мушкилоти синтаксис. – Д., 1989; Мақоми забон. – Д., 1996; Давлати Сомониён ва забони адабии тоҷик. – Д., 1999; Каломи Лоиқ. – Д., 2003.

**Адабиёт:** Ваҳҳобов Т. Шефтаи илми забон. – Хуҷанд, 2013.

## ТЕМУРХОНОВ ЛУТФӢ

(Ба муносибати 85-солагии зодрӯзаш)

Темурхонов Лутфӣ 4-уми майи соли 1936 дар деҳаи Партизани Сурхи ноҳияи Рӯдакӣ ба дунё омадааст. Доктори илми таърих (1988), профессор (1990). Соли 1960 факултаи таъриху филологияи Университети давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) ба итмом расонда, дар аспирантураи Институти шарқшиносии АИ ИЧШС (ш.Маскав) хондааст. Фаъолияти илмию педагогиаш пурра дар УДТ ҷараён гирифтааст, ба ҳайси лаборанти калон ва ассистенти кафедраи таърихи ИЧШС, муаллим, муаллими калони кафедраи таърихи умумӣ, дотсенти кафедраи таърихи нав кор кардааст.

Таълифоташ ба таърихи пешину навини халқиятҳои Афғонистон, ҳаракатҳои халқӣ дар ин сарзамин, муносибати мардум бо кишварҳои ҳамсоя ва ғайра бахшида шудааст. Дар чандин конфаронсу ҷамъомади минтақавию байналмилалӣ суханронӣ кардааст. Хидматаш дар тар-

бияи мутахассисони ҷавон калон аст. 12-уми октябри соли 1992 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

Бо медали «Собиқадори меҳнат» ва Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии Тоҷикистон қадр шудааст.

**Осор:** Народные движения в Хазористане в конце XIX начале XXв.в. – М.,1967; Хазарейцы: очерк новой истории. – Д.,1972; Хазарейцы: очерк новой и новейшей истории. – Д.,1978; Восточные пуштуны в новое время: этносоциальная характеристика. – М., 1984; Восточные пуштуны: Основные проблемы новой истории. – М., 1987; Револютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр ва пуштунҳои шарқӣ. – Д., 1988; Ҳазораҳо. – Кобул, 1366-и ҳиҷрӣ (ба ҳуруфи арабиасос).

## ХАЛИФАЕВ ДАВЛАТ РАҲМАТОВИЧ

(Ба муносибати 75-солагии зодрӯзаш)

Халифаев Давлат 5-уми майи соли 1946 дар деҳаи Бодомтуи ноҳияи Шамсиддин Шоҳин таваллуд шудааст. Доктори илми дорусозӣ (2004), профессор (2006). Хатмкардаи Академияи дорусозии ш. Пятигорск (1970) аст. Муаллими фармакологияи Омӯзишгоҳи тиббии ш. Кӯлоб (1970-1973), корманди тиббӣ дар нақби Данғара (1974-1975), сардори идораи дорухонаҳои собиқ вилояти Кӯлоб (1975-1980), аспиранти Академияи тиббии ш. Маскав ба номи И.М. Сеченов (1980-1984), мудири кафедраи технологияи фарматсевтӣ (1984-1995), декани факултаи фарматсевтии ДДТТ ба номи Ибни Сино (1995-1997), асосгузор ва директори Маркази илмию таҷрибавӣ ва истеҳсолии фарматсевтӣ оид ба коркарди доруҳои нав аз ашёи ватанӣ (1997-2008) буд. Аз соли 2008 вазифаи мудири

кафедраи технологияи фарматсевтии ДДТТ ба номи Ибни Синоро иҷро кардааст.

Муаллифи зиёда аз 180 асару мақолаи илмист. Таҳқиқоташ ба истифодаи гилҳои бентонитии Тоҷикистон дар дорусозӣ, сохтор ва омӯзиши доруҳои нав дар асоси равғанҳои эфирӣ, истифодаи маҳсулоти занбӯри асал, коркарди технологии доруҳои фарматсевтӣ ва парафарматсевтӣ аз шираи камол бахшида шудаанд.

**Осор:** Влияние измельчения некоторых сульфаниламидных препаратов на технологические и биофармацевтические характеристики в готовых лекарственных формах. – М., 1983; Таснифи ботаникӣ ва захиравии растании алкалоидии мастак. – Д., 2000; Гил ва гилдавоӣ. – Д., 2002; Тибби халқӣ – манбаи тавлиди дору. – Д., 2005; Биоформатсия. – Д., 2006; Қурсҳо. – Д., 2006.

## МЕНГЛИЕВ ШОҲМУРОД

(Ба муносибати 80-солагии зодрӯзаш)

Менглиев Шоҳмурод 9-уми майи соли 1941 дар ноҳияи Шаҳритус таваллуд шудааст. Доктори илми ҳуқуқ (1991), профессор (1993), Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон (2011). Соли 1970 факултаи ҳуқуқшиносии УДТ-ро (ҳоло ДМТ) ба охир расонда, дар ҳамин ҷо ба фаъолият пардохт, ба сифати ассистент, муаллим, муаллими калон, дотсент, профессори кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ (1970-1994), мудири ҳамин кафедра (1994-2011) заҳмат кашидааст. Аз соли 1997 ҳамзамон профессори кафедраи ҳуқуқи граждании Донишгоҳи славянии Русияю Тоҷикистон буд.

Бобати ҳимояи ҳуқуқи моликияти шаҳрвандон, нақши созмонҳои байналмилалӣ дар ҳимояи ҳуқуқу озо-

дии инсон, қонунгузории шаҳрвандӣ ва ҳалли мушкилоти он, ҳуқуқи байналмилалӣ ва ғайра беш аз сад таълифот ба нашр расондааст. Ҳиссааш дар тарбияи мутахассисони соҳа калон аст. 27-уми июли соли 2015 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

**Осор:** Восстановительные правоотношения в советском гражданском праве. – Д., 1986; Защита имущественных прав граждан. – Д., 1989; Возмещение морального вреда. – Д., 1998; 50-соли факултети ҳуқуқшиносии ДМТ: Аз ҷустуҷӯ то қуллаи камолот. – Д., 1999 (ҳаммуаллиф); Ҳуқуқи хусусии румӣ. Фишурдаи лексияҳо. – Д., 2000; Римское частное право. Конспект лекций. – Д., 2000 (соавтор); Международное частное право. – Д., 2002; Арбитражное рассмотрение внешнеэкономических споров. – Д., 2009; Избранные труды по гражданскому праву. – Д., 2011.

**Адабиёт:** Менглиев Шомурат Менглиевич. – Д., 2011.

## ХОҶАЕВ ЗИКРУЛЛО ПОЧОЕВИЧ

(Ба муносибати 105-солагии зодрӯзаш)

Хоҷаев Зикрулло 9-уми майи соли 1916 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шудааст. Доктори илми тиб (1970), профессор (1971), Ходими шоистаи илми Тоҷикистон (1959). Иштирокдори Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945). Солҳои 1933-1938 дар Институти давлатии тиббии ш. Тошканд хонда, то соли 1941 ординатори шуъбаи ҷарроҳии Беморхонаи ҷумҳуриявии клиникии пойтахт буд. Солҳои 1946-1957 ба ҳайси ассистент, дотсент ва мудири кафедраи ҷарроҳии Институти давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Ибни Сино, 1957-1965 ректори ҳамин донишкада кор кардааст. Аз соли 1965 то поёни умр роҳбарии кафедраи ҷарроҳии донишкадаи номрафтаро ба зимма дошт.

Поягузори умури нейрохирургия дар ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад, перомуни масоили мухталифи ҷарроҳӣ, хоса нейрохирургия таҳқиқоти судманд анҷом додааст. 13-уми декабри соли 1973 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

Бо орденҳои Ленин, Ситораи Сурх, Ҷанги Ватанӣ, нўҳ медали ҷангу меҳнат ва ифтихорномаҳо қадр шудааст.

**Осор:** Динамика клеточного состава спинкомозговой жидкости в послеоперационном периоде при некоторых нейроэктодермальных опухолях задней черепной ямки. – М., 1955; Динамика изменений клеточного состава спинномозговой жидкости в послеоперационном периоде при опухолях задней черепной ямки. – Д., 1969; Особенности течения острой закрытой черепно-мозговой травмы в условиях высокогорья (клинико-экспериментальное исследование): Дисс… док. мед. наук. – М., 1970.

## ҶЎРАБОЕВ ҒАФУРҶОН

(Ба муносибати 70-солагии зодрўзаш)

Ҷўрабоев Ғафурҷон 10-уми майи соли 1951 дар деҳаи Қарикчиқуми ноҳияи Конибодом таваллуд шудааст. Доктори илми иқтисодӣ (1992), профессор (1996). Соли 1972 факултаи механикаю математикаи УДТ-ро (ҳоло ДМТ) ба поин оварда, ба сифати ассистенти кафедраи кибернетикаи иқтисодӣ фаъолияташро оғоз намудааст. Солҳои 1975-1979 аспиранти Пажўҳишгоҳи иқтисодиёту математикаи АИ СССР (ш. Маскав), 1979-1990 корманди илмии Институти илмӣ-таҳқиқотии Госплани Тоҷикистон, 1991-1995 ходими калони илмии Пажўҳишгоҳи иқтисодиёти АИ Тоҷикистон буд. Аз соли

1996 дар Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон фаъолият намуда, вазифаҳои мудири кафедраи иқтисод ва ноиби ректор оид ба таълимро иҷро кардааст.

Доираи пажӯҳишашро масоили татбиқи методу моделҳои иқтисодӣ-математикӣ дар иқтисод, моделҳои макроиқтисодии талаботу дархост, макро ва микроиқтисод, самтҳои рушди соҳибкорӣ дар Тоҷикистон, мониторингиислоҳоти иқтисодии ҷумҳурӣ ва ғайра ташкил медиҳад. Теъдоди таълифоташ аз сад мегузарад.

**Осор:** Согласование плановых решений в многоотраслевых комплексах (На примере нефтеперерабатывающей и нефтехимической промышленности). – М., 1981; Региональная производственная инфраструктура в системе народно-хозяйственного комплекса СССР. – Д., 1983; Компьютеризация и стратегия ускорения. Методические рекомендации. – Д., 1987; Моделирование стратегии формирования и развития региональных многоотраслевых комплексов. – Д., 1991; Моделирование стратегии формирования и развития региональных комплексов (На материалах Республик Таджикистан): Дисс… док. эконом. наук. – М., 1992; Мониторинг хода экономических реформ Таджикистана. – Д., 2002 (соавтор); Актуальные проблемы становления и развития предпринимательства в Таджикистане. – Д., 2003; Макроэкономика. Учебное пособие. – Д., 2010; Промышленно-инвестиционная политика в условиях глобализации. – Д., 2010; Микроиқтисод. Китоби дарсӣ. – Д., 2015.

## МИРЗОЗОДА ХОЛИҚ

(Ба муносибати 55-солагии зодрӯзаш)

Мирзозода Холиқ 11-уми майи соли 1911 дар деҳаи Равонани шаҳри Самарқанди Ўзбекистон таваллуд шудааст. Доктори илми филологӣ (1968), профессор (1969). Соли 1935 Университети давлатии ш. Самарқандро хатм намуда, ба сифати муаллими калони кафедраи адабиёти тоҷики Институти давлатии педагогии ш. Душанбе (ҳоло ДДОТ ба номи С.Айнӣ) фаъолияташро оғоз намудааст. Солҳои 1940-1946 муаллими Техникуми духтаронаи ш. Душанбе буд. Соли 1947 мудири кафедраи адабиёти тоҷики ИДПД таъин гардид ва қариб чил сол дар ин вазифа хидмат ба ҷой овард.

Аз зумраи адабиётшиносони барҷастаи тоҷик маҳсуб меёбад, ки бо ҷиддияти тамом беш аз ним асри ҳаёташро ба рушду нумўи илми миллат харҷ намудааст. Перомуни масъалаҳои мухталифи таърихи адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик, давраҳои адабиёт, назми гузашта ва имрўзаи тоҷик, эҷодиёти адибони ҷудогона, таърихи адабиёт ва ғайра беш аз чорсад асару мақола, очерку тақриз навиштааст, куллиёти Ҳофиз, Убайди Зоконӣ, Шоҳинро нашр сохта, муаллифи китобҳои дарсии «Адабиёти тоҷик» барои мактабҳои миёна ва олӣ мебошад. 25-уми ноябри соли 1992 дар шаҳри Самарқанд вафот кардааст.

Бо ду медали «Барои меҳнати шуҷоатнок» ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии Тоҷикистон қадр шудааст.

**Осор:** Программаҳои мактабҳои миёнаи нопурра. – Сталинобод, 1943; Программаи адабиёт. – Сталинобод, 1946; Программаи адабиёти қадим ва классикии тоҷик. – Сталинобод, 1949; Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик: (Асрҳои XVI-XIX). – Сталинобод, 1952; Шамсиддин Шоҳин. – Сталинобод, 1956; Абуабдуллои Рўдакӣ-асосгузори адабиёти классикии тоҷик. – Сталинобод, 1958; Абуабдул-

ло Рудакӣ – основоположник таджикской классической литературы. – М., 1958; Ҳабиб Юсуфӣ. – Д., 1961; Аҳамияти адабиёти тоҷик дар тарбияи атеистӣ. – Д., 1961; Мирсаид Миршакар. – Д., 1962; Шамсиддин Шоҳин. – Д., 1962; Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик. – Д., 1962; Мулоҳизаҳо дар бораи адабиёт. – Д., 1963; Ақидаҳои зиддидинӣ дар адабиёти тоҷик. – Д., 1966; Основные вопросы идейно-эстетического развития таджикской советской поэзии 20-х годов. – Д., 1968; Адабиёт аз нуқтаи назари ҳаёт: (Маҷмуаи мақолаҳо). – Д., 1973; Образи бадеӣ чист? – Д., 1976; Масъалаҳои асосии инкишофи идеявӣ ва эстетикии назми советии тоҷик дар солҳои бистум. – Д., 1977; Нуктаи назари зиддидинӣ дар адабиёти классикии форсу тоҷик. – Д., 1978; Программаи адабиёт. Барои синфҳои 4-10. – Д., 1980; Афкори рангин: Маҷмўаи мақолаҳо. – Д., 1981; Куллаи камолот. – Д., 1982; Афкори рангин. Баъзе масъалаҳои назариявӣ ва таърихии адабиёти тоҷик. – Д., 1983; Таърихи адабиёти тоҷик. Аз давраи қадим то асри XIII. Қисми 1. – Д., 1987, қисми 2. – Д., 1989; Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ. – Д., 1992.

**Адабиёт:** Муллоҷонов М. Холиқ Мирзозода. – Д., 1961; Холиқ Мирзозода. (Феҳристи тарҷимаиҳолӣ). – Д., 1982; Худойдодов А. Муҳаққиқ. – Д., 1992.

## КАРИМОВ САИДМАМАД

(Ба муносибати 85-солагии зодрўзаш)

Каримов Саидмамад 20-уми майи соли 1936 дар шаҳри Истаравшан таваллуд шудааст. Доктори илми химия (1984), профессор (1987), узви вобастаи АИ Тоҷикистон (1988), Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ (1990). Соли 1959 факултаи физикаю математикаи Университети

давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) хатм намуда, ҳамчун ассистенти кафедраи физикаи таҷрибавӣ ба фаъолият мепардозад. Солҳои 1961-1964 аспиранти УДТ, 1965-1972 мудири кафедраи ҷисмҳои сахт ва 1972-1986 декани факултаи физикаи ҳамин донишгоҳ кор кардааст. 1986-1994 ректори Институти давлатии педагогии ш. Хуҷанд (ҳоло ДДХ ба номи Б.Ғафуров), аз соли 1994 то поёни умр вазифаи мудири шуъбаи физикаи Маркази илмии хуҷандии АИ Тоҷикистонро ба зимма дошт.

Муҳаққиқи варзидаи физика ва техникаи полимерҳо ба шумор мерафт, аз мактаби физикҳои намоёни шаҳрҳои Маскаву Ленинград (ҳоло Санкт-Петербург) сабақ гирифтааст. Ба равияи нави илмӣ-кинетикаи вайроншавии полимерҳои шуъозада (нурҳои ултрабунафш, гаммашуъоҳои радиатсионӣ, афканишоти нейронӣ ва амсоли инҳо) асос гузоштааст, ки дар табиатшиносии муосир самти нави таҳқиқоти илмӣ маҳсуб меёбад. Натоиҷи навиштаҳои илмиаш ба рушди минбаъдаи физика, механика ва радиатсионии полимерҳо тақвият бахшидааст. Аз ҷониби ин донишманди тоҷик услуби ба эътидолории сохтор ва хосиятҳои полимерҳои табий ва сунъии шуъозада дар майдонҳои радиатсионӣ ва механикию барқӣ ривоҷ дода шудааст. Беҳуда нест, ки соли 2001 бо қарори Шӯрои нашриёти Пажӯҳишгоҳи библиографии ИМА «Маълумотномаи байналмилалии олимони варзида» номашро ба китоб ворид сохтанд. Соли 2012 дар шаҳри Хуҷанд вафот кардааст.

**Осор:** Памятка первокурснику физического факултета. – Д., 1976 (ҳаммуаллиф); Ба ёрии дохилшавандагони факултети физика. – Д., 1983 (соавтор); Полимеры в решении продовольственной программы. – Д., 1984; Прочность и разрушение полимеров, подвергнутых радиационному

воздействию: Дисс… док. химич. наук. – М., 1984; Физикаи диэлектрикҳо. Дастури таълимӣ. – Д., 1986 (ҳаммуаллиф); Полимерҳо дар хоҷагии халқ. – Д., 1989; Физика полимеров. Электрические свойства. Учебное пособие. – Д., 1989 (соавтор); Храм знаний. – Х., 1992; Физико-технические методы исследования структуры свойств биополимеров. – Х., 1994; Деформационное и термические поведение ориентированных полимерных систем. – Х., 1994; Физика и химия бинарных полупроводниковых халькогенов таллия. – Д, 1998; Прочность и разрушение полимеров, подвергнутых радиоционному воздействию. – Д., 1998; Структура, механические и тепловые свойства полимеров. – Д., 1999; Муқаддимаи сохтор, хосиятҳо ва гармии полимерҳо. – Д., 1999 (ҳаммуаллиф); Физика и химия тройных и более сложных алмазоподобных полупроводниковых халькогенидов таллия. – Д., 1999; Ёде аз гузашти айём. – Х., 2002.

**Адабиёт:** Каримов Саидмамад. – Д., 2002; Мактаби ҳаёт – ёде аз гузашти айём. – Х., 2005.

## СУЛТОНОВ ШӮҲРАТ МУЗАФФАРОВИЧ

(Ба муносибати 70-солагии зодрӯзаш)

Султонов Шӯҳрат 23-уми майи соли 1951 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Доктори илми сиёсӣ (2006). Соли 1973 факултаи бинокории Институти политехникии Тоҷикистон (ҳоло ДТТ ба номи М.Осимӣ) ва 1990 ғоибона Академияи илмҳои ҷамъиятии назди КМ КПСС-ро хатм кардааст. Солҳои 1973-1975 сармеханики идораи бинокории ш.Хуҷанд, 1975-1978 мудири шуъбаи кумитаи комсомолии вилояти Суғд, 1978-1980 котиб ва котиби якуми КМ ЛКСМ Тоҷикистон, 1980-1986 мудири сектори КМ ВЛКСМ (ш.Маскав), 1986-1989 котиби якуми кумитаи ҳизбии

н.Фрунзеи ш.Душанбе, 1989-1991 мудири шуъбаи ташкилии КМ ПК Тоҷикистон 1991-1992 дупутати Совети Олии Тоҷикистон, 1992-1995 корманди комиҷроияи вилояти Суғд, 1995-1996 муовини раиси Кумитаи сохтмони Тоҷикистон, 1996-1998 намояндаи доимии Тоҷикистон дар ИДМ, 1998-2000 шунавандаи Академияи дипломатии Русия, 2001-2003 роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Тоҷикистон, 2004-2010 сафири Тоҷикистон дар Туркия буд. Аз соли 2010 сафири Тоҷикистон дар Украина мебошад.

Дар радифи иҷрои корҳои давлатию ҷамъиятӣ ва дипломатӣ барои таҳқиқоти илмӣ вақт ёфта, бобати масоили умдаи сиёсию иқтисодии рӯз аз рӯи матолиби марбути Тоҷикистон нуқтаи назари ҷолиб баён доштааст.

Бо ордени «Дӯстии халқҳо» қадр шудааст.

**Осор:** Таджикистан на пути экономических преоброзовании: проблемы становления рыночной инфраструктуры. – М., 1997.

## АЗИМОВА МАТЛУБА НУРИДДИНОВНА

(Ба муносибати 75-солагии зодрӯзаш)

Азимова Матлуба 24-уми майи соли 1946 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шудааст. Доктори илми филологӣ (2006), профессор (2010). Факултаи забонҳои хориҷии Институти давлатии педагогии ш. Хуҷандро соли 1968 хатм намуда, дар ҳамин боргоҳи илм фаъолияташ ҷараён гирифтааст. Вазифаҳои муаллим, муаллими калон, дотсенти кафедраи забони англисӣ (1968-1992), декани факултаи забонҳои хориҷӣ (1992-2003) адо намудааст. Аз соли 2003 ба кафедраи забони англисӣ сарварӣ кардааст.

Оид ба таҳлили муқоисавии лексика ва фразеологияи забонҳои тоҷикию англисӣ, таснифи семантикии

воҳидҳои фразеологии ин забонҳо, таълими нутқи шифоҳии забони англисӣ ва ғайра қариб 80 асару мақола навиштааст.

**Осор:** Сопоставительный анализ семантической лексики и фразеологии таджикского и английского языков. – Д., 1980; Учебник английского языка. – Х., 1998; Семантическая классификация фразеологических единиц в таджикском и английском языках. – Х., 1998; Сопоставительный анализ фразеологических параллелей английского и таджикского языков. – Д., 1999; Сопоставительно-типологический анализ фразеологической системы таджикского и английского языков: Дисс… док. филол. наук. – Д., 2006; Воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар шарҳи муқоисавӣ-типологӣ. – Х., 2014.

## ҶАЛИЛОВ АБДУҲАМИД

(Ба муносибати 95-солагии зодрӯзаш)

Ҷалилов Абдуҳамид 25-уми майи соли 1926 дар деҳаи Маҳрами шаҳри Конибодом ба дунё омадааст. Доктори илми таърих (1976), профессор(1978), Ходими шоистаи илми Тоҷикистон (1994). Хатмкардаи (1948) факултаи таърихи Институти педагогии ш. Хуҷанд (ҳоло ДДХ ба номи Б. Ғафуров) аст. Чанде дар макотиби миёна дарс дода, солҳои 1953-1966 лаборант, ходими хурд ва калони илмии Пажӯҳишгоҳи таърихи ба номи А. Дониши АИ Тоҷикистон буд. Аз соли 1966 то 1992 мудирии кафедраи таърихи дунёи қадим ва асрҳои миёнаи Университети давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) ба ӯҳда дошт. Аз соли 1992 ба ҳайси профессори ҳамин кафедра кор кардааст.

Тӯли қариб ҳафтод сол баробари фаъолияти пурсамари омӯзгорӣ ҳамвора ба корҳои илмию таҳқиқотӣ

шуғл варзида, дар баррасии таъриху маданияти суғдиён ва ворисони эшон – тоҷикон саҳми сазовор гузоштааст. Дар осори илмиаш бар асоси маводи фаровонсарчашмаҳои форсӣ, арабӣ, чиноӣ, осори макшуфи археологӣ масоили таърихи футуҳоти арабҳо, қиёми озодихоҳонаи суғдиён алайҳи истилогарони араб, ҳаёти фарҳангӣ ва русумоти динии замон, сохтори маъмурию ҳудудии давлати Суғд, санъати яроқсозию аслиҳабарории суғдиён мавриди пажӯҳиши амиқ қарор гирифтаанд. Дар заминаи мавзӯъ масъалаҳои мубрами таърихшиносӣ: сабабҳо, марҳалаҳо ва натиҷаҳои футуҳоти арабҳо дар Осиёи Миёна, ҷуғрофияи амалиётҳои ҷангии онҳо, таъсири мутақобилаи фарҳанги ниёгони тоҷикон ба маданияти халқиятҳои зеридасти Хилофати Араб, саҳми тоҷикон дар ташаккул ва инкишофи маданияти арабу исломӣ, маданияти тоисломии халқҳои эронӣ ва ғайраҳоро илман матраҳ намуда, осори нодир ба хидмат овард. Соли 2014 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

**Осор:** Согд накануне арабского нашествия и борьба согдийцев против арабов в первой половине VIII века (по материалам письменных и археологических источников). – Ленинград, 1954; Кашфиёти Панҷакенти қадим. – Д., 1969 (ҳаммуаллиф); Из истории культурной жизни предков таджикского народа и таджиков в раннем средневековье. – Д., 1973; Дурдонаҳои маданияти қадима. – Д., 1973; Из истории положения женщин Средней Азии до и после распространения ислама. – Д., 1974. Согд и Тохаристан в эпоху возникновения и утверждения феодальных отношений: Дисс… док. историч. наук. – Д., 1975; Программаи курси «Таърихи асрҳои миёна». – Д., 1986 (ҳаммуаллиф).

**Адабиёт:** Абдухамид Джалилович Джалилов. Материалы к библиографии ученых Таджикистана. – Д., 1996;

Абдухамид Джалилович Джалилов: К 80-летию со дня рождения. – Д., 2006.

## ШАНБЕЗОДА ХУСРАВ ҶАМШЕДОВИЧ
(Ба муносибати 65-солагии зодрӯзаш)

Шанбезода Хусрав 25-уми майи соли 1956 дар шаҳри Хоруғи ВМКБ таваллуд шудааст. Доктори илми филологӣ (2007), профессор (2008). Соли 1980 факултаи филологияи руси Институти давлатии педагогии ш. Душанберо (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ) ба поин оварда, баъди адои хидмат дар Артиши Шӯравӣ (1980-1982) дар ҳамин боргоҳи илм ҳамчун муаллими кафедраи забони русӣ фаъолият намудааст. Солҳои 1986-1989 аспиранти Институти забоншиносии АИ СССР (ш. Маскав), 1989-1995 муаллими калон, дотсенти кафедраи забони русӣ, муовини декани факултаи филологияи руси ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 1995-1996 таҷрибаомӯзи Институти Кенкани ИМА (Вашингтон) буд. Аз соли 1996 бо таъсиси Донишгоҳи славянии Русияю Тоҷикиситон ба сифати декани факултаи филология (1996-2009) ва ноиби ректор оид ба илм (2009-2015) дар ин ҷо фаъолият доштааст.

Оид ба масъалаҳои гуногуни забоншиносии умумӣ, робитаи байни забонҳо, рушди забонҳои халқиятҳои теъдодашон кам, бисёрзабонӣ, ислоҳоти забоншиносӣ ва ғайра беш аз ҳафтод асару мақолаи илмӣ, илмӣ-оммавӣ, методӣ ба табъ расондааст. Дар чандин конфаронсу ҳамоиши байналмилалию минтақавии забоншиносон иштирок ва сухан рондааст.

**Осор:** Языковая ситуация в Горном Бадахшане: проблемы и перспективы. – Д., 1999; Краткий словарь - справочник лингвистических терминов. – Д., 1999; Про-

блема функционирования русского языка в Таджикистане. – Д., 2004 (соавтор); Краткий словарь-справочник лингвистических терминов. – Д., 2000 (соавтор); Развитие лексики шугнанского языка как результат языковых контактов и многоязычии шугнанцев. – Д., 2006; Функциональная дистрибуция языков малых народностей в условиях многоязычия (на материале шугнанского языка). – Д., 2007; Функционирование бесписьменного языка малой народности в условиях полиэтнического социума (на материале шугнанского языка в таджикско-русском окружении): Дисс… док. филол. наук. – Воронеж, 2007.

**АҲМАДОВ БЕКНАЗАР**

(Ба муносибати 95-солагии зодрӯзаш)

Аҳмадов Бекназар 27-уми майи соли 1926 дар деҳаи Сарихосор (ҳоло ноҳияи Шӯробод таваллуд шудааст. Корманди шоистаи Тоҷикистон (1999). Омӯзишгоҳи ҷумҳуриявии маданӣ – равшаннамоии ноҳияи Ленин (ҳоло Коллеҷи фарҳанги н. Рӯдакӣ) (1960) ва шуъбаи китобдории Институти педагогии шаҳри Тошкандро (1966) ба итмом расонда, дар Китобхонаи вилоятии шаҳри Самарқанд фаъолият намудааст. Солҳои 1968-1993 нозир, нозири пешбари Вазорати фарҳанги Тоҷикистон, 1993-2011 корманди Китобхонаи миллии Тоҷикистон буд. Ба қаламаш дастурҳои методӣ оид ба китобхонашиносӣ, библиография аз қабили «Маскани китобҳо» (ба забони русӣ), «Давлати бузурги бостонӣ», «Давлати бузурги Сомониён», «Авасто китоби муқаддаси зардуштиён», «Китоби сол», беш аз шашсад мақолаҳои илмӣ, оммавӣ, очеркҳо перомуни масоили маданияту санъат, арбобони

намоёни фарҳангӣ, китобу китобдорӣ ва китобшинохтӣ мансубанд. Соли 2015 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

Бо медали «Барои меҳнати шуҷоатнок» қадр шудааст.

## МАҚСУДОВ БАДРИДДИН

(Ба муносибати 65-солагии зодрӯзаш)

Мақсудов Бадриддин 31-уми майи соли 1956 дар шаҳри Конибодом таваллуд шудааст. Доктори илми филологӣ (2007), профессор (2010). Факултаи филологияи тоҷики УДТ-ро (ҳоло ДМТ) соли 1978 хатм намуда, фаъолияти меҳнатиашро чун лаборанти калони кабинети Ҷомии ҳамин факулта шурӯъ кардааст. Солҳои 1981-1985 тарҷумон дар Афғонистон, 1985-1989 мудири кабинети Ҷомӣ ва аспиранти УДТ, 1989-1990 асситенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик буд. Аз соли 1991 дар кафедраи таърихи адабиёти тоҷик ба сифати муаллим, муаллими калон, дотсент ва аз 2010 профессор заҳмат мекашад. Солҳои 1997-2006 ҳамзамон вазифаи мудири кафедраи умумибашарии Донишкадаи озоди Исмоили Сомонии ш. Душанберо адо намудааст.

Асосан ба омӯзишу таҳқиқи рӯзгор ва осори адибони классики форс-тоҷик – Камоли Хуҷандӣ ва Фахруддини Ироқӣ шуғл варзида, дар тарғиби донишҳои адабӣ саҳм мегузорад. Хидматаш дар тайёр кардани кадрҳои илмии филологӣ низ калон аст.

Бо ордени «Шараф» қадр ёфтааст.

**Осор:** Рӯзгор ва осори Камоли Хуҷандӣ. – Д., 1994; Сайре дар ғазалиёти Ироқӣ. – Д., 2007; Феҳристи нусхаҳои хаттии Маркази фарҳангии ба номи Ш. Ҳусейнзода. – Д.,

2007; Ҷустуҷӯ дар аҳвол ва осори Ироқӣ. – *Д.*, 2009; Равиши таҳқиқи адабиётшиносӣ. – *Д.*, 2012.

## НИЁЗМУҲАММАДОВ БОБОҶОН
(Ба муносибати 115-солагии зодрӯзаш)

Ниёзмуҳаммадов Бобоҷон 30-юми майи соли 1906 дар деҳаи Фирӯзобаи шаҳри Конибодом таваллуд шудааст. Доктори илми филологӣ (1948), профессор (1952), академики АИ Тоҷикистон (1951), Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ (1964), дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Сино (1970). Соли 1929 Институти муаллимии Тошкандро ба итмом расонда, дар макотиби зодгоҳ ба омӯзгорӣ шуғл варзидааст. Солҳои 1932-1938 дар аспирантура таҳсил карда, 1938-1941 мудири сектори таъриху забоншиносии Базаи тоҷикистонии АИ СССР, 1941-1944 директори Институти таърих, забон ва адабиёти Филиали тоҷикистонии АИ СССР, 1944-1948 таҳсил дар докторантура, 1948-1951 муовини раиси Президиуми Филиали тоҷикистонии АИ СССР, 1951-1953 ноиби Президенти АИ Тоҷикистон, 1953-1962 академик-котиби шуъбаи фанҳои ҷамъиятии АИ Тоҷикистон, 1962-1976 (то нафақа) мудири сектори забони Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон буд

Доираи фаъолияташ ниҳоят фарох аст, қариб дар ҳамаи соҳаҳои забоншиносии тоҷик пайи қаламаш ба чашм мерасад, перомуни масоили назария, роҳҳои инкишофи таърихӣ, сарчашма ва манбаъҳои такмил, нақши забонҳои бегона, забони асарҳои бадеӣ ва мақоми нависанда дар инкишофи забони адабии тоҷик, лексикология, сохтори грамматика, имлою алифбо ва ғайра таълифоти фаровон аз даст баровардааст, арзиши баланди илмию

амалиро дороанд. Ҳама маврид ин олими нуктасанҷ ба ду сарчашмаи бунёдӣ-аввал худи забони тоҷикӣ ва дуввум комёбии забоншиносии умумӣ такя задаст. Гавҳари ковишҳои илмиаш масоили синтаксис маҳсуб меёбад, ӯ бо маводи фаровони иборaю ҷумлаҳои пурмазмуни устодони каломи бадеъии тоҷик масъалаҳои бунёдии синтаксисробитаи вожаҳо дар иборaю ҷумла, узвҳои ҷумла ва шеваю воситаҳои ифодаи онҳо, узвҳои туфайлии ҷумла ва ғайра баррасӣ кардааст. Ҳамзамон таркиби лексикаи забони тоҷикӣ ва калимаҳои иқтибосии онро дар заминаи муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии мардуми тоҷик таҳлил намуда, муносибати забони тоҷикиро бо русӣ ва забонҳои туркӣ таҳқиқ кардааст. Мавриди забон ва услуби осори адибони классику муосири тоҷик (Носири Хусрав, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Ҷалол Икромӣ ва дигарон) мақолаҳои арзишманд навиштааст. Солиён дар макотиби олии ҷумҳурӣ аз забони модарӣ ва лаҳҷашиносӣ дарс дода, шогирдони зиёд ба воя расондааст. 25-уми октябри соли 1979 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

Бо се ордени «Нишони Фахрӣ» ва медалҳо мукофотонида шудааст.

**Осор:** Очеркҳо оид ба баъзе масъалаҳои забоншиносии тоҷик. – Сталинобод, 1960; Ҷумлаҳои содда дар забони адабии ҳозираи тоҷик. – Сталинобод, 1960; О развитии современного таджикского литературного языка. – Д., 1967; Баъзе масъалаҳои синтаксиси забони адабии ҳозираи тоҷик. – Д., 1968 (ҳаммуаллиф); Аз таърихи дӯстии ду халқ. – Д., 1970; Забоншиносии тоҷик. – Д., 1970; Забони тоҷикӣ: Барои синфҳои 5-6. – Д., 1974. – Қисми 1. Фонетика ва морфология (ҳаммуаллиф); Забони тоҷикӣ Барои синфҳои 5-6. – Д., 1981. – Қисми 1. Морфология (ҳаммуал-

лиф); Забони тоҷикӣ барои синфҳои 6-7. – Д., 1983. – Қисми 2. Синтаксис. (ҳаммуаллиф).

**Адабиёт:** Рустамов Ш. Олим ва педагог. – Д., 1966; Бабаджан Ниязович Ниязмухаммадов. – Библиографический указатель. – Д., 1966;

## ХАСКАШЕВ ТОЛИБ

(Ба муносибати 55-солагии зодрӯзаш)

Хаскашев Толиб 2-юми июни соли 1941 дар ноҳияи Тавилдара таваллуд шудааст. Доктори илми филологӣ (1994), профессор (1996), Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон (1998). Факултаи шарқшиносии Университети давлатии Ленинградро (ҳоло Санкт-Петербург) соли 1967, аспирантура (1971) ва докторантураи (1989) онро хатм кардааст. Солҳои 1967-1969 дар Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон ҳамчун ходими илмии шуъбаи забон фаъолият намуда, аз соли 1971 дар УДТ (ҳоло ДМТ) кор кардааст. Ба сифати муаллим, муаллими калон, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ заҳмат кашида, аз соли 1995 то поёни умр мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷик буд.

Аз аввалин забоншиноси тоҷик аст, ки бо ҷиддияти тамом таҳқиқи фонетика ё савтиёти забони тоҷикиро ба зимма гирифт ва ба бисёр паҳлӯҳои торики он равшанӣ андохт. Ковиши илмиаш бобати татбиқи усулҳои озмоишгоҳӣ ва риёзӣ дар омӯзиши забони тоҷикӣ сазовори баҳои баланди мутахассисон гардидааст. Муаллифи якчанд китоби дарсии забони тоҷикӣ мебошад. 11-уми марти соли 2001 шаҳри Душанбе вафот кардааст.

**Осор:** Фонетическая природа словесного ударения в современном таджикском литературном языке (экспери-

ментально-фонетическое исследования). – *Д.*, 1983; Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – *Д.*, 1985 (ҳаммуаллиф); Фонетикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – *Д.*, 1989; Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 5. – *Д.*, 1989 (ҳаммуаллиф). Нашри такрорӣ. – 1992, 1994.

**Адабиёт:** Олими тавоно ва роҳҷӯе ҷониби дилҳо. – *Д.*, 2001.

## РӮЗИЕВ ТОЛИБ

(Ба муносибати 85-солагии зодрӯзаш)

Рӯзиев Толиб 6-уми июни соли 1936 дар деҳаи Патари шаҳри Конибодом таваллуд шудааст. Доктори илми биологӣ (1993), профессор (1996). Соли 1960 факултаи биологияи УДТ (ҳоло ДМТ) ва 1968 аспирантураи онро хатм намуда, фаъолияташ пурра дар ҳамин боргоҳи илм гузаштааст. Солҳои 1960-1962 ассистент, 1965-1976 муаллим, муаллими калон ва дотсенти кафедраи физиологияи одам ва ҳайвонот, 1977-1981 декани факултаи таҳсилоти шабонаи илмҳои табиатшиносӣ, 1982-1995 дотсент ва мудири кафедраи физиологияи одаму ҳайвонот кор кардааст. Аз соли 1996 то поёни умр вазифаи профессори кафедраи номрафтаро адо намудааст.

Оид ба масъалаҳои физиологияи одам ва ҳайвон, ҳуҷайраю бофтаҳо ва кашиши онҳо дар худтаҷдидкунии организм, ситология, танзими мубодилаи ҳуҷайравӣ ва ғайра беш аз ҳаштод кори илмӣ аз даст баровардааст. 20-уми ноябри соли 2008 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

**Осор:** Методические указания к написанию и оформлению дипломных работ по кафедре физиологии человека и животных. – *Д.*, 1987 (соавтор); Компенсаторная гипертрофия почки у некоторых представителей позво-

ночных животных: Дисс… док. биол. наук. – Ташкент, 1931; Учебное пособие к лабораторно-практическим занятиям по физиологии человека и животных. – Д., 1993 (соавтор); Таълимот дар бораи ҳуҷайра. – Д., 1996; Учение о клетке. Учебное пособие. – Д., 1996.

## АБДУЛЛОЕВ МАСРУР АҲМАДОВИЧ
(Ба муносибати 55-солагии зодрӯзаш)

Абдуллоев Масрур 7-уми июни соли 1966 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Доктори илми филологӣ (2011), профессор (2013). Соли 1990 факултаи филологияи УДТ-ро (ҳоло ДМТ) ба итмом расонда, дар муассисаҳои гуногуни илмию маърифатии пойтахт кор кардааст. Аз соли 2008 то 2012 муаллими калон, 2012-2014 мудири кафедраи таъриху назарияи журналистика ва воситаҳои ахбори умуми электронии Донишгоҳи славянии Русияю Тоҷикистон, 2015-2017 ноиби ректори ҳамин донишгоҳ оид ба илм буд. Ҳоло корманди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Тоҷикистон мебошад.

Доир ба публисистикаи тоҷик ва айнияти миллии миллатамон дар охири асри XIX ва аввали асри XX, идеяҳои худогоҳии миллӣ дар публисистикаи даврони маорифпарварӣ як идда таҳқиқоти арзишманд ба хидмат овардааст. Дар матбуоти даврии тоҷик перомуни масоили умдаи адабию бадеӣ ва иҷтимоию таърихӣ пайваста матолиби ҷолиб нашр менамояд.

**Осор:** Идеи национального самосознания в таджикской публицистике эпохи просветительства. – Д., 2010; Проблемы эволюции национальной идентичности в таджикской публицистике (конец X1X-первая половина XX вв.): Дисс… док. филол. наук. – Д., 2011; Таджикская пуб-

лисистика и национальная идентичность: посл. четверть Х1Х-первая половина ХХ вв. – Д., 2014.

## СУЛТОНОВ МИРЗОҲАСАН БАРОТОВИЧ

(Ба муносибати 55-солагии зодрӯзаш)

Султонов Мирзоҳасан (Мирзо Ҳасани Султон) 9-уми июни соли 1966 дар деҳаи Вешаби ноҳияи Айнӣ таваллуд шудааст. Доктори илми филологӣ (2008), узви вобастаи АИ Тоҷикистон (2017). Хатмкардаи (1988) факултаи шарқшиносии УДТ (ҳоло ДМТ) аст. Фаъолияташ асосан дар Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон гузашта, вазифаҳои ходими хурди илмӣ, ходими илмӣ, ходими калони илмиро адо намудааст. Солҳои охир мудири шуъбаи тарҷумаи Бонки миллии Тоҷикистон мебошад.

Ба яке аз шохаҳои забон-рушду такомули истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ таваҷҷӯҳ намуда, паҳлӯҳои мухталифи онро ҷиддан таҳқиқу баррасӣ намудааст. Ҳамзамон дар таҳриру такмили беш аз бист фарҳангу луғатҳои истилоҳотӣ фаъолона ширкат варзидааст. Ҳунари хуби шоирӣ дорад, шеъраш аз тасвироти тозаю зулол саршор аст ва қисмате аз ашъораш дар маҷмӯаҳои «Шафақи лола» (2004), «Ҷаконда» (2005), «Таваллуди ту» (2014), «Ҳотами мулки Сулаймон» (2014) гирд омадааст.

**Осор:** Мухтасари зиндагиномаи Шамси Табрезӣ. – Д., 1997; Луғати мухтасари даҳонпизишкӣ. – Д., 1997 (русӣ-форсии тоҷикӣ-инглисӣ, ҳаммуаллиф); Саргузашти Исмоили Сомонӣ. – Д., 1998; Истилоҳоти илмии «Китоб ут-тафҳим» -и Абӯрайҳони Берунӣ. – Д.,2003; Мушкилоти забони илм (бо хатти арабиасос). – Д., 2006; Фарҳанги молия ва бонкдорӣ. – Д., 2008 (ҳаммуаллиф); Становление и раз-

витие персидско-таджикской научной терминологии. – Д., 2008; Ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ. – Д., 2008; Становление и развитие персидско-таджикской научной терминологии: на материале научного наследия IX-XI вв. – Д., 2008; Языкнаукиитерминология. – Д., 2011; Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ. – Д., 2011; Мушкилоти забони илм ва истилоҳот. – Д., 2015; Становление и развитие персидско-таджикской научной терминологии: на материале научного наследия IX-XI вв. – Д., Саарбрюккен (Олмон), 2015.

## НУРМАҲМАДОВ МИРМАҲМАД

(Ба муносибати 70-солагии зодрӯзаш)

Нурмаҳмадов Мирмаҳмад 10-уми июни соли 1951 дар шаҳри Панҷакат таваллуд шудааст. Доктори илми иқтисодӣ (1992), профессор (1994). Соли 1971 факултаи иқтисодии УДТ-ро (ҳоло ДМТ) ба охир расонда, дар ҳамин ҷо чун ассистент фаъолияташро оғоз намудааст. Солҳои 1976-1994 дотсент, профессор ва мудири кафедраи иқтисоди меҳнати УДТ, 1995-1998 муовини директори Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Тоҷикистон буд. Аз соли 1999 то поёни умр вазифаи ноиби ректори Донишкадаи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро адо намудааст.

Оид ба иқтисоди миллӣ, ислоҳоти иқтисодӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, ба меъёргирӣ ва ташкили илмии меҳнат, ташкили навоварӣ, роҳҳои паст намудани сатҳи камбизоатӣ, танзими давлатии иҷтимоиёт қариб 150 асару мақола навиштааст. 23-уми марти соли 2009 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

**Осор:** Совершенствование организации труда в хлебопекарной промышленности (На примере предприятий Тадж. ССР). – М., 1977; Як дақиқаи вақти кор. – Д., 1983 (ҳаммуаллиф); Методика подготовки и чтения лекции о бригадной организации труда в промышленности. – Д., 1983 (соавтор); Мустаҳкам кардани интизоми меҳнат дар коллективҳои истеҳсолӣ дар марҳалаи ҳозира. – Д., 1983 (ҳаммуаллиф); Укрепление трудовой дисциплины в производственных коллективах на современном этапе. – Д., 1983 (соавтор); Встречные планы и социалистическое соревнование. – Д., 1984; Аттестация и рационализации рабочих мест. – Д., 1985; Управление организацией труда в промышленности. – Д., 1987; Стратегия движения к рыночной экономике. – Д., 1988 (соавтор); Научная организация труда в условиях совершенствования хозяйственного механизма. Учебное пособие. – М., 1989 (соавтор); Передовой опыт организации труда в промышленности Таджикистана. – Д., 1990 (соавтор); Управление организацией труда в условиях полного хозрасчета и самофинансирования. Учебное пособие. – Д., 1990. (соавтор); Рыночная экономика: проблемы организации труда. – Д., 1991; Программа и методические указания курса «Социология и рынок труда». – Д., 1996 (соавтор); Управление организацией труда в промышленности. – Д., 1997; Стратегия движения к рыночной экономике. – Д., 1998. (соавтор); Внешняя трудовая миграция и политика занятости. – М., 2002; Социально -трудовые отношения: вопросы мониторинга. – Д., 2004; Социальная политика и системы социальной защиты населения. – М., 2005; Экономический рост и сокращение бедности в РТ. – Д., 2006; Сфера услуг: проблема и перспективы развития. – Д., 2007.

## САИДОВ ДОДО

(Ба муносибати 70-солагии зодрӯзаш)

Саидов Додо 10-уми июни соли 1941 дар шаҳри Истаравшан таваллуд шудааст. Доктори илмҳои физика ва математика (1990), профессор (1991). Факултаи физикаи Университети давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) соли 1965 ба поён оварда, дар ҳамин ҷо чун ходими хурди Лабораторияи физикаи мустаҳкамии полимерҳо чанде фаъолият намудааст. Солҳои 1967-1970 дар аспирантураи Институти умумииттифоқии илмӣ-таҳқиқотии каучуки синтетикии ш. Ленинград (ҳоло ш.Санкт-Петербург) хонда, 1971-1986 корманди илмӣ ва корманди калони илмии Пажӯҳишгоҳи физикӣ-техникии ба номи С.Умарови АИ Тоҷикистон, 1986-1990 дотсент, 1991-1994 мудири лабораторияи физикаи мустаҳкамии полимерҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буд. Аз соли 1994 то поёни умр вазифаи мудири бахши физикаи филиали дар Самарқанд будаи АИ Ӯзбекистонро адо намудааст.

Мутахассиси намоёни илми физика ва химияи полимерҳо ба ҳисоб мерафт, бори аввал дар ИЧШС дар реактсияҳои туршшавии эластомерҳо механизми ба «микропорчаҳо» ҷудо шуданашонро нишон дода, дар таҷриба собит сохтааст. Бо роҳбариаш дар ДМТ гурӯҳи илмӣ оид ба таҳқиқи хосиятҳои туршшавии каучукҳои синтетикӣ таъсис ёфта, дар ин росто корҳоеро ба иҷро расонд. Мақолаҳои илмиаш ба русӣ, инглисӣ, фаронсавӣ, немисӣ ва дигар забонҳо нашр шудаанд. Соли 1998 дар шаҳри Самарқанд вафот кардааст.

**Осор:** Изучение кинетики разрушения некоторых полимеров. – Д., 1972; Окислительная деструкция и долговечность эластомеров: Дисс... док. физ.-мат. наук. – М., 1990;

Деструксияи туршшаванда ва мустаҳкамии эластомерҳо. – Д., 1991; Механоокислительная деструкция и прочность эластомеров. – Самарқанд, 1998; Механика, физикаи молекулавӣ ва асосҳои термодинамика. – Самарқанд, 2002; Фотомеханическое окисление эластомеров. – Самарқанд, 2002.

## ИКРОМОВ ЗИЁ ХОНОВИЧ

(Ба муносибати 110-солагии зодрӯзаш)

Икромов Зиё 11-уми июни соли 1911 дар шаҳри Бухоро таваллуд шудааст. Доктори илми тиб (1950), профессор (1952). Соли 1930 Техникуми омӯзгории тоҷикӣ ва соли 1936 Донишкадаи давлатии тиббии ш. Самарқанд ба номи И.П. Павловро хатм намудааст. Аспирант (1936-1939) ва ассистенти кафедраи ҷарроҳии факултавии Донишкадаи тиббии Тошканд (1939-1942), сардухтури беморхонаи н. Ургути вилояти Самарқанд (1942-1945), дотсенти кафедраи ҷарроҳии госпиталии ИДТТ ба номи Ибни Сино, ҳамзамон сардори шуъбаи тандурустии ш. Душанбе (1945-1948), дотсент ва сипас мудири кафедраи ҷарроҳии умумии Донишкадаи тиббии Самарқанд (1948-1953), мудири кафедраи ҷарроҳии умумии ИДТТ (1953-1955), профессори кафедраҳои анатомияи Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе ва баъдан Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон (1956-1976) -ро ба зимма дошт.

Муаллифи беш аз 50 кори илмист, ки ба омӯзиши манбаъҳои маҳаллии пайдоиши санги пешоб дар сокинони водии Вахш бахшида шудаанд. 18-уми октябри соли 1997 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

**Осор:** Мочекаменная болезнь на юге Средней Азии: Дисс… док. мед. наук. – М., 1950.

## ИКРОМӢ ҶОНОН

(Ба муносибати 85-солагии зодрӯзаш)

Икромӣ Ҷонон 12-уми июни соли 1936 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Доктори илми химия (1975), профессор (1979). Соли 1959 факултаи химияи Университети давлатии Маскавро хатм карда, дар Пажӯҳишгоҳи химияи АИ Тоҷикистон ҳамчун лаборант фаъолияти меҳнатиашро шурӯъ намуд, беш аз сӣ сол мудири лабораторияи химияи материалҳои фториди холис кор кардааст.

Перомуни хосиятҳои фториди металҳои ишқорзамин ва нодирзамин таҳқиқоти судманд анҷом дода, чандин гидрофториди металлҳои ишқорзаминро синтез ва хосияти онҳоро муайян кардааст. Баъзе усулҳои коркардаш, аз ҷумла истеҳсоли фториди холиси металҳои ишқорзамин ва литий дар истеҳсолот мавриди истифодаи амалӣ қарор гирифтаанд. Пажӯҳишаш дар соҳаи химияи ғайриорганикии фториди металҳои ду ё севалента сазовори баҳои баланди мутахассисон гардидааст. Оид ба фторидҳои комплексӣ низ ковиши илмии арзишманд ба субот расондааст. Соли 2012 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

**Осор:** Исследования в области химии неорганических фторидов двух и трёхвалентных металлов: Дисс… док. хим. наук. – М., 1975; Джалол Икрами: неизвестныестраницы. – Д., 2010; Умре бо оҳанпораю шеър. – Д., 2010.

## ШУКУРОВ ФИРӮЗ АБДУФАТТОЕВИЧ

(Ба муносибати 75-солагии зодрӯзаш)

Шукуров Фирӯз 17-уми июни соли 1946 дар шаҳри Кӯлоб таваллуд шудааст. Доктори илми тиб (1995), профессор (1999). Хатмкардаи ИДТТ ба номи Ибни Сино (1971) аст. Ординатор (1971-1973), аспирант (1973-1975), ассистент (1975-1982), дотсенти кафедраи физиология (1982-1995), ноиби ректор оид ба корҳои тарбиявӣ (1996-2003) ва аз соли 2003 мудири кафедраи физиологияи эътидолии ДДТТ кор кардааст.

Дар робита ба тавсифи кори дил дар ҷараёни мӯътодшавии одам ба шароити баландкӯҳ, инчунин хусусиятҳои физиологии меъёрҳои баҳодиҳӣ ва пешгӯии мӯътодшавии фардии одам ба шароити кӯҳсор як силсила таҳқиқот анҷом додааст. Муаллифи зиёда аз 160 таълифоти илмист.Роҳбари чанд барномаи комплексии таҳқиқот бобати масъалаҳои саломатии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои баланд бардоштани имконоти амалии организм, вазъи системаи асаби марказӣ, фаъолияти олии асаб ва системаи масунияти одам дар мавриди стрессҳои гуногун аст.

Бо медали «Хизмати шоиста» қадр ёфтааст.

**Осор:** Характеристика сердечной деятельности человека при адабтации к высокогорной гипопсии. – Фрунзе, 1979; Физиологические обоснование критериев оценки и прогнозирования индивидуальной адаптации человека к высокогорью: Дисс… док. мед. наук. – М., 1995; Тесты для контроля знаний по курсу нормальной физиологии. – Д., 1997; Нормальная физиология в схемах и рисунках. – Д., 1998; Общая физиология. – Д., 1999; Физиология транспортных систем. – Д., 2004; Физиологии пищеварения, обмена веществ, терморегуляции, выделения и эндокринной системы. – Д., 2005; Краткий курс нормальной физиологии. – Д., 2006; Основы нормальной физиологии. – Д., 2007;

Тетрадь для лабораторных занятий и самостоятельной работы по нормальной физиологии. – Д., 2008.

## МАҶИДОВ ФАТТОҲ ҲАФИЗОВИЧ

(Ба муносибати 90-солагии зодрӯзаш)

Маҷидов Фаттоҳ 28-уми июни соли 1931 дар шаҳри Самарқанд таваллуд шудааст. Доктори илми ветеринарӣ (1972), профессор (1974). Соли 1953 Институти давлатии хоҷагии қишлоқи Самарқандро хатм намуда, дар аспирантураи он хондааст, ҳамчун муаллим, муаллими калон, дотсенти кафедраи зооветеринарӣ кор кардааст. Соли 1964 дар ҳайати Институти давлатии хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (ҳоло ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур) факултаи ветеринарӣ таъсис ёфт ва номрафта аввалин декани он тайин гардид. Қариб даҳ сол дар ин вазифа кор карда, барои пешбурди илми байтории тоҷик талоши фаровон ба харҷ додааст.

Бобати роҳҳои беҳбуди ҳолати чарогоҳҳо ва тақвияти селексияи гӯсфандони зоти ҳисорӣ, дигар масъалаҳои генетикаи чорво таълифоти зиёд ба нашр расондааст.

**Осор:** Возрастные изменения вен и их клапанов в области плюспы у гиссарских овец. – Д., 1964; К вопросу возрастных изменений вен метаподий у овец гиссарской породы. – Д., 1973.

## АШРАФӢ МУҚАДДАМА МУХТОРОВНА

(Ба муносибати 85-солагии зодрӯзаш)

Ашрафӣ Муқаддама 5-уми июли соли 1936, ш. Тошканд таваллуд шудааст. Доктори илми санъатшиносӣ (1986), профессор (1993), Арбоби илм ва техникаи Тоҷики-

стон (2000). Хатмкардаи мактаби мусиқии ш. Тошканд (1954) ва шуъбаи таърихи санъати Университети давлатии Маскав (1959) аст. Солҳои 1959-1961 ва 1970-1972 дар Институти шарқшиносии АИ СССР кор карда, аз соли 1972 корманди Пажӯҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АИ Тоҷикистон буд.

Фаъолияти худро аз омӯзиши минётураҳои мусаввирони тоҷик шурӯъ намуда, бештар минётураҳои асарҳои Абдураҳмони Ҷомиро таҳқиқ кардааст. Баъдан ба омӯзиши ҳаматарафаи мактаби минётураи Бухорои солҳои 40-70 асри XVI ва мусаввараҳои ба дастнависи асарҳои классикони адабиёти асримиёнагии форс-тоҷик эҷодкардаи рассомони асрҳои XIV-XVIIIпардохт. Дар давоми фаъолияташ ба таҳқиқи мусавварахои рассоми бузург Беҳзод машғул шуда, хонандагонро бо шахсияти рассомони асри XVI Маҳмуди Музаҳҳиб, Муҳаммадмуроди Самарқандӣ ва дигар минётурнигорони Осиёи Миёна ошно намуд. Асарҳояш дар нашрияҳои мамлакатҳои хориҷӣ ба табъ расидаанд. Дар симпозиуму конфронсҳои байналмилалӣ оид ба санъат иштирок ва суханронӣ кардааст. Либреттои балетҳои «Темурмалик», «Муҳаббат ва шамшер» ва ораторияи «Достони Рустам» ба қаламаш тааллуқ доранд, ки дар театрҳои Душанбеву Тошканд ва Самарқанд ба саҳна гузошта шудаанд. 29-уми июни соли 2013 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

**Осор:** Миниатюры XV века в рукописах произведений Джами. – М., 1966; Персидско-таджикская поэзия в миниатюрах XIV-X VII в. – Д., 1974; Бухарская школа миниатюры 40-70 гг. XVI в. – Д., 1977; Из истории развития миниатюрной живописи Ирана XVI в. – Д., 1978; Бехзод и развитие бухарской школы миниатюры XVI в. – Д., 1978; Самаркандская школа миниатюры XVI-XVII вв. – Д., 2000;

Таджикская миниатюра: от Бехзода до Ризай-и Аббаси. – Д., 2011; Таджикская миниатюра. Бухарская школа XVI-XVII вв. – Д., 2011.

## ОБИДОВ УСМОНҶОН

(Ба муносибати 80-солагии зодрӯзаш)

Обидов Усмонҷон 10-уми июли соли 1941 дар ҷамоати Пӯлодони шаҳри Конибодом таваллуд шудааст. Доктори илми филологӣ (1995). Фориғуттаҳсили (1964) факултаи таъриху филологияи УДТ (ҳоло ДМТ). Ба ҳайси нозир дар Шӯрои Вазирони Тоҷикистон фаъолият намуда, солҳои 1972-1990 ходими хурди илмӣ, ходими калони илмӣ ва иҷрокунандаи вазифаи мудири шуъбаи забонҳои шарқи Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии АИ Тоҷикистон, 1990-1995 дотсенти кафедраи назарияи тарҷума ва услубшиносии факултаи журналистика ва тарҷумонии ДМТ буд. Солҳои 70-80-и асри гузашта се маротиба дар Афғонистон бо сафари хидматӣ қарор дошт.

Ба омӯзишимасоили мухталифи эроншиносӣ, хоса забони муосири дарӣ ва лаҳҷаҳои тоҷикони Афғонистон шуғл варзида, тақрибан ҳафтод кори илмӣ ба табъ расондааст. Аз мураттибони луғати дузабонаи русӣ ба дарӣ ва дарӣ ба русӣ мебошад. 30-юми апрели соли 1996 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

**Осор:** Шеваи тоҷикони Ҷабал-ус-Сироҷ (Афғонистони шимолӣ). – Д., 1974; Луғати мухтасари истилоҳоти иқтисодию техникии дарӣ ба русӣ. – Д., 1979 (ҳаммуаллиф); Программа таджикского языка для русской группы неязыковых факультетов. – Д., 1989 (соавтор); Барномаи омӯзиши хатти ниёгон. – Д., 1992 (ҳаммуаллиф); Аломатҳои китобатии забони тоҷикӣ. – Д., 1992 (ҳаммуал-

лиф); Худомӯзи забони тоҷикӣ. – *Д*., 1993 (ҳаммуаллиф); *Л*аҳҷаҳои дарии Афғонистон. – *Д*., 1993; Намунаҳои тестӣ аз забони модарӣ ва адабиёти тоҷик. – *Д*., 1994 (ҳаммуаллиф); *Л*уғати мухтасари политехникии русӣ ба дарӣ. – *Д*., 1994; Таҳқиқи муқоисавии лаҳҷаҳои забони дарии Афғонистон. – *Д*., 1995.

## РАҶАБОВ ЗАРИФ ШАРИФОВИЧ

(Ба муносибати 115-солагии зодрӯзаш)

Раҷабов Зариф 17-уми июли соли 1906 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шудааст. Доктори илми таърих (1959), профессор (1960), академики АИ Тоҷикистон (1962), Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ (1964), дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Сино (1967). Аввал дар мактаби русии маҳаллӣ хонда, соли 1924 Омӯзишгоҳи педагогии ш. Самарқанд, 1928 факултаи коргарии Университети дуюми Маскав, 1932 шуъбаи таърихи Институти таъриху фалсафаи Маскавро хатм карда, солҳои 1933-1937 дар аспирантураи Институти шарқшиносии АИ СССР таҳсил намудааст. Солҳои 1937-1941 мудири кафедраи таърихи СССР-и Институти тоҷикии муаллим-тайёркунии ш. Тошканд, 1941-1943 мудири шуъба ва котиби илмии Институти забон, адабиёт ва таърихи Филиали Ӯзбекистонии АИ СССР, 1943-1945 директори Институти таърих ва бостоншиносии АИ Ӯзбекистон, 1945-1947 докторанти Институти таърихи АИ СССР, 1948-1954 ректори Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ), 1954-1959 мудири кафедраи таърихи СССР-и ҳамин донишгоҳ, 1959-1962 директори Институти таърихи АИ Тоҷикистон, 1962-1971 академик – котиби Шуъбаи илмҳои ҷамъиятии АИ Тоҷикистон кор

кардааст. Аз соли 1971 то поёни умр ходими калони илмии Шуъбаи фалсафаи АИ Тоҷикистон буд.

Фаъолияташ ҳамчун нависандаю драматург оғоз ёфта, бо тахаллуси Дунган ҳикояю драмаҳо навиштааст. Минбаъд пурра ба корҳои илмӣ гузашта, дар пешбурди илми таърихи тоҷик ҳиссаи босазо гузоштааст. Доманаи пажӯҳишаш фарох аст, аммо таҳқиқи афкори ҷамъиятии ду халқи дӯсту бародар-тоҷикону узбекон дар эҷодаш мақоми хос касб намудааст. Мавсуф дар осораш масъалаи дӯстии халқҳои шӯравӣ ва аҳамияти он дар пешрафти ҳаёти ҷомеаро бо мадраки фаровон собит сохта, перомуни масоили мухталифи таърихи маданият ва илми мардуми тоҷик асарҳои пурқиммат навиштааст. Саҳмаш дар баррасии ақоиди маорифпарварии мутафаккири маъруфи тоҷик Аҳмади Дониш калон мебошад. Аз муаллифон ва муҳаррирони китоби сеҷилдаи «Таърихи халқи тоҷик» буд. 27-уми августи соли 1990 дар шаҳри Маскав вафот кардааст.

Бо орденҳои Ленин, Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ», медалҳо ва ифтихорномаҳо тақдир шудааст.

**Осор:** Садриддин Айнӣ – историк таджикского народа. – Сталинабад, 1951; Поэт – просветитель таджикского народа Асири. – Сталинабад, 1951; Развитие общественной мысли таджикского народа во второй половине XIX в. и в начале XX в. – Сталинабад, 1952; Таджикский народ в братской семье народов СССР. – Сталинабад, 1956; Из истории общественно-политической мысли таджикского народа во второй половине XIX и начале XX вв. – Сталинабад, 1957; Россия и таджикская литература конца XIX начала XX вв. – Сталинабад, 1959; К характеристике первого советского журнала на таджикском языке «Пламя революции». – Сталинабад, 1959; Аз таърихи афкори

ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX. – Сталинобод, 1959; Отечественная война 1812 г. – Д., 1962; По Канаде и США. – Д., 1963; Выдающийся просветитель таджикского народа Ахмад Дониш. – Д., 1964; Некоторые страницы культурной жизни Советского Таджикистана. – Д., 1964; Маорифпарвар Аҳмади Дониш. – Д., 1964; Об эпохе А. Джами. – Д., 1964; Развитие науки в Таджикской ССР. – М., 1964; Таджикский Государственный Университет им. В.И. Ленина-детище Великого Октября. – Д., 1967; Наука Советского Таджикистана. – Д., 1968; О дружбе таджикского и узбекского народов. – Д., 1968; О дружбе таджикского народа с другими народами СССР. – Д., 1969; Навеки вместе с великим русским народом. – Д., 1969; Туркистан на страницах большевитских газетах периода первой русской революции (1905-1907). – Д., 1970; Дорогой знаний. – Д., 1975; О «Политическом трактате» Ахмада Дониша. – Д., 1976.

**Адабиёт:** Зариф Шарифович Раджабов. Библиография. – Д., 1966; З.Ш. Раджабов – учёный, педагог, общественный деятель: К 75-летию со дня рождения. – Д., 1981; Ахтари илму ирфон. – Д., 2006; Хамидов Н. Академик Зариф Раджабов. – Х., 2014.

## ХОЛДОРОВ УСМОН

(Ба муносибати 85-солагии зодрӯзаш)

Холдоров Усмон 17-уми июли соли 1936 дар шаҳри Хоруғи ВМКБ ба дунё омадааст. Доктори илми биологӣ (1986), профессор (1988), узви вобастаи АИ Тоҷикистон (1987), Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ (1994). Соли 1958 факултаи биологияи Университети давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) хатм намуда, ҳамчун лаборанти калон, ас-

пирант ва муаллими калон дар ҳамин боргоҳи илм кор кардааст. Солҳои 1964-1991 директори Стансияи таҷрибавии ҷангали Тоҷикистон, аз соли 1992 то поёни умр директори Институти биологии Помир буд.

Перомуни масоили умдаи ботаника ва хоҷагии ҷангал қариб ҳаштод мақолаи илмӣ, илмию оммавӣ дар матбуоти даврӣ ва маҷаллаҳои илмии соҳавии Тоҷикистон ва хориҷ аз он ба табъ расондааст. Саҳмаш махсусан дар инкишофи чормағзпарварӣ калон аст, бо ҳамдастии ҳамкорону шогирдон зиёда аз 300 хел ё шакли беҳтарини чормағзро ҷамъ оварда, бисёр навъҳои чормағзи рӯёндааш на танҳо дар Тоҷикистон, балки дигар ҷамоҳири Осиёи Марказӣ ва Қавқози Шимолӣ парвариш ёфта, ҳосили баланд медиҳанд. Дастранҷаш дар Намоишгоҳи комёбиҳои хоҷагии халқи СССР (ВДНХ) борҳо ба намоиш гузошта шуда, сазовори медалҳои нуқра ва биринҷӣ гардидааст. Таҷрибааш бобати селексияи чормағз ва рушди чормағзпарварӣ дар бисёр давлатҳои хориҷӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. 30-юми июли 1996 дар шаҳри Хоруғ вафот кардааст.

Бо медали «Барои меҳнати шоён», Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии Тоҷикистон қадр ёфтааст

**Осор:** Грецкий орех и перспективы его выращивания: Флора и растительность ущелья реки Варзоб. – Ленинград, 1971; Лесное хозяйство. – Д., 1974; Ореховые в Таджикистане: Дис…доктора биол. наук. – Ташкент, 1984; Ореховые: Растения для декоративного садоводства Таджикистана. – М., 1986; Опыт выращивания промышленных плантаций ореха грецкого в Таджикистане. – Д., 1987; Орех грецкий и его выращивание в Таджикистане. – Д., 1990.

## НЕЪМАТЗОДА ТУРСУНБОЙ

(Ба муносибати 95-солагии зодрӯзаш)

Неъматзода Турсунбой 23-юми июли соли 1926 дар ноҳияи Ашт таваллуд шудааст. Доктори илми филологӣ (1997), профессор (1998), Корманди шоистаи Тоҷикистон (1997). Соли 1952 Университети давлатии Осиёи Миёнаро (ш. Тошканд) ба итмом расонда, дар аспирантураи Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон таҳсилро идома медиҳад. Аз соли 1955 то поёни умр-соли 2008 дар факултаи филологияи тоҷики Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) фаъолият доштааст, ба сифати муаллим, муаллими калон, дотсент, декани факулта, профессори кафедраи адабиёти классикии форс-тоҷик заҳмат кашидааст. Солҳои 1986-1988 устоди Донишгоҳи Кобул (Афғонистон) буд.

Аз муҳаққиқони пуркори таърихи адабиёти классикии форс-тоҷик ба шумор меравад. Ковиши илмиаш перомуни ҳаёту осори намояндагони он Масъуди Саъди Салмон, Абулфараҷи Рунӣ, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ва дигарон шоистаи ситоиш аст, мавриди ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва мадании Мовароуннаҳр дар нимаи дуюми асри 19 ва аввали асри XX, иртиботи «Шоҳнома» -и Ҳаким Фирдавсӣ бо дигар достонҳои асотирию қаҳрамонӣ, адабиёти ҳабсиёт ва ғайра нуқтаи назари ҷолиб баён доштааст. Ҳангоми хидмат дар Афғонистон (1986-1988) барои донишҷӯёни Донишгоҳи Кобул бо ҳаммуаллифӣ китобҳои дарсии «Адабиёти дарӣ дар қарни даҳуми ҳиҷрӣ» навиштааст. Дар ҳаммуаллифӣ инчунин китоби дарсии «Адабиёти тоҷик» (барои синфҳои 9-10) ба табъ расонидааст. 20-уми августи соли 2008 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

Бо медалҳои «Барои меҳнати шуҷоатнок», «Собиқадори меҳнат» ва Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии Тоҷикистон қадр шудааст.

**Осор:** Абулфараҷи Рунӣ. – Сталинобод, 1955; Маводҳои иловагӣ оид ба таълими мавзӯи ваъзияти ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва мадании Мовароуннаҳри нимаи дуюми асри Х1Х ва аввали асри ХХ. – Сталинобод, 1955; Дар бораи Возеҳ ва асари ӯ «Савонеҳ-ул-масолик». – Сталинобод, 1957; Возеҳ. – Д., 1967; Мубтакири таркиббанди бидуни абёти тарҷеъ ва адабиёти зиндон ё ҳабсиёт. – Д., 1992; Офаридаҳои адабии Масъуди Саъди Салмон. – Д., 1996; Муҳтареи Мустазод ва Шаҳрошӯб. – Д., 1998; Рафоқат ва иртиботи фикрии Масъуди Саъди Салмон бо муосиронаш. – Д., 1998; Рӯзгор ва осори Масъуди Саъди Салмон. – Д., 1999; Сарчашмаҳои адабӣ, таърихӣ ва адабиёти илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба Масъуди Саъди Салмон. – Д., 1999; «Барзунома» «Шаҳриёрнома» ва иртиботи онҳо бо «Шоҳнома». – Д., 2005.

## АМОНОВА ФИРӮЗА РАҶАБОВНА

(Ба муносибати 70-солагии зодрӯзаш)

Амонова Фирӯза 30-юми июли соли 1951 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Доктори илми филологӣ (1991), профессор (1998). Соли 1974 шуъбаи форсии факултаи шарқшиносии УДТ-ро (ҳоло ДМТ) ба поён расонда, дар ҳамин ҷо фаъолият доштааст. Вазифаҳои лаборант, муаллим, муаллими калон, дотсент ва мудири кафедраи филологияи Эрон, муовини ноиби ректорро иҷро намудааст. Ҷиҳати густариши равобити кафедраи филологияи Эрон бо марказҳои эроншиносии хориҷӣ талоши фаровон ба харҷ додааст.

Перомуни масоили калимасозӣ, ономасиология дар забони форсӣ, забоншиносии умумӣ қариб сад таълифот ба табъ расондааст. Осораш дар Русия, ИМА, Англия, Олмон, Эрон ва дигар давлатҳо ба чоп расидааст. 19-уми июли соли 2001 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

**Осор:** Именное аффиксальное словообразование в современном таджикском языке. – Д., 1979; Именное аффиксальное слово-образавание в современном персидском и таджикском языках. Учебное пособие. – Д., 1982; Таҷрибаи таҳқиқи ономаосиологии системаи деривасионии забони форсии муосир. – Д., 1985; Об использовании математических методов при исследовании словообразовательных систем. – Д., 1987; Полуаффиксация и её место в системе словообразования современного персидского языка. – Д., 1987; Современный персидский язык для студентов. – Д., 1989; Проблемы деривационной ономасиолгии современного персидского языка. – Д., 1990; Мадхали забоншиносӣ. Васоити таълим. – Д., 1992; Забони форсӣ. – Д., 1994; Худомӯзи забони форсӣ. – Д., 1995 (ҳаммуаллиф); Забони форсӣ: дастур ва мутун. – Д., 1996; Опыт ономасиологического исследования деривационной системы современного персидского языка. – Д., 1996.

## ҒАНИЗОДА ҲАБИБУЛЛО

(Ба муносибати 85-солагии зодрӯзаш)

Ғанизода Ҳабибулло 31-уми июли соли 1936 дар деҳаи Раҷабамини шаҳри Самарқанд таваллуд шудааст. Доктори илми тиб (1988). Институти давлатии тиббии ш. Самарқандро соли 1959 хатм карда, ба Душанбе омад ва дар Пажӯҳишгоҳи гастроэнтрологияи АИ Тоҷикистон фаъолияташро шурӯъ кард, вазифаҳои ходими хурди

илмӣ, ходими калони илмӣ, мудири шуъбаи биохимияро (1959-1989) иҷро намудааст. Аз соли 1990 дар муассисаҳои тандурустии ш. Самарқанд заҳмат мекашад. Соли 1999 аввалин Маркази гомеопатия дар Осиёи Марказӣ таъсис додааст.

Таҳқиқоташ ба табобати касалиҳои ҷигар марбут аст.

**Осор:** О биохимической адекватности биопсийного материала для суждения о состоянии печени при её диффузных пороженииях. – Фрунзе, 1974.

## БОБОЕВ АБДУНАИМ

(Ба муносибати 85-солагии зодрӯзаш)

Бобоев Абдунаим 1-уми августи соли 1936 дар деҳаи Ёваи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров таваллуд шудааст. Доктори илми тиб (1975), профессор (1976). Соли 1958 факултаи муолиҷавии ИДТТ ба номи Ибни Синоро ба поён расонда, дар Институти эпидемиология ва гигиенаи ҷумҳурӣ ба сифати лаборанти калон, мудири лабораторияи беҳдошти меҳнат, мудири шуъбаи гигиена (1958-1979) кор кардааст. Аз соли 1980 дар ИДТТ ба номи Ибни Сино заҳмат кашида, вазифаҳои профессор, мудири кафедраи гигиенаи умумӣ ва экология (1980-1996), декани факултаи пешгирии бемориҳоро (1996-2001) адо намудааст.

Перомуни масоили беҳдошти меҳнат ва ҳифзи муҳити зист, физиологияи одамони дар шароити иқлими гарм заҳматкашида, беҳдошти умумӣ зиёда аз сад таълифот аз даст баровардааст. Пажӯҳишаш хоса мавриди гигиенаи меҳнат дар сохтмони неругоҳҳои обии барқии пуриқтидор дар шароити иқлими субтропикӣ сазовори баҳои баланди мутахассисон гардидааст.

**Осор:** Особенности условий труда монтажников в жарком климате Таджикской ССР. – М., 1967; Оздоровление условия труда строителей крупных гидроэлектростанций. – Д., 1982; Беҳдошт. – Д., 1995; Дастур барои гузаронидани дарсҳои амалӣ аз фанни беҳдошти умумӣ. – Д., 1998; Условия труда работников основных профессий строительного производства и мероприятия по их оздоровлению. Том 1, 2. – Санкт-Петербург, 1998 (соавтор); Водные ресурсы Таджикистана. – Д., 2003; Общая гигиена. – Д., 2008.

## КИМСАНОВ БУРӢ ҲАКИМОВИЧ

(Ба муносибати 80-солагии зодрӯзаш)

Кимсанов Бурӣ 2-юми августи соли 1941 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Доктори илми химия (1988), профессор (1990), узви вобастаи АИ Тоҷикистон (1997). Факултаи химияи Университети давлатии Тоҷикистонро соли 1964 хатм намуда, фаъолияташ пурра дар ҳамин ҷо гузаштааст. Вазифаҳои ассистенти кафедраи химияи органикӣ, муаллими калон, дотсент, мудири кафедраи пайвастҳои калонмолекулӣ ва технологияи химиявиро иҷро кардааст, давоми ним аср баробари таълиму тарбияи мутахассисони соҳаи химия пайваста машғули корҳои илмӣ буд.

Бобати бадасторӣ ва татбиқи моддаҳои нави аз ҷиҳати фармокологӣ фаъол, моддаҳои аз лиҳози экологӣ бехатари зидди ҳашароти зараррасон, экстрагентҳои фоиданоки металлҳои қиматбаҳо дар асоси глитсерин ва ғайра зиёда аз сесад кори илмӣ, методӣ илмӣ-оммавӣ аз даст баровардааст. Соҳиби 25 ихтироъ, се пешниҳоди навоварона, унвонҳои «Ихтироъкори СССР», «Ихтироъкори

шоистаи Тоҷикистон» мебошад. 27-уми феврали соли 2004 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

Бо ордени «Шараф» қадр шудааст.

**Осор:** Способ получения 1,3-ДИ-(Алкокси)-2-пропанолов. – Д., 1978; Реаксияҳои конденсатсия ва таутомерияи пайвастҳои карбонилӣ. Тавсияномаи таълимӣ. – Д., 1978; Барқароркунии нитрогурӯҳ ва диазпайвастҳо. Васоити таълимӣ. – Д., 1981 (ҳаммуаллиф); Химия гидросилсодержащих соединений. Часть I. – Д., 1982; Часть II. – Д., 1983; Органический синтез на основе глицерина. – Д., 1998 (соавтор); Химия мономеров. Учебное пособие. – Х., 1998 (соавтор); Химия глицерина.Учебное пособие. – Х., 1998 (соавтор); Истоки химических знаний в средневековом Востоке. – Д., 2003 (соавтор); Роль средневековых мыслителей Востока в развитии химической науки. – Д.,2004 (соавтор); Эпихлоргидрин методы получения: физико-химические свойства, технологии производства. – М., 2004 (соавтор).

**Адабиёт:** Каримов М. Б., Азимов А. Нурбахши зиндагӣ. – Д., 2001.

## АЗИЗОВ БОЗОРАЛӢ САТТОРОВИЧ

(Ба муносибати 75-солагии зодрӯзаш)

Азизов Бозоралӣ 9-уми августи соли 1946 дар шаҳри Кӯлоб таваллуд шудааст. Доктори илми техникӣ (2003), профессор (2004), дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Сино (2001). Соли 1969 Институти технологии ш. Ленинградро (ҳоло ш. Санкт-Петербург) ба итмом расонда, дар аспирантураи ҳамин боргоҳи илм таҳсилро идома додааст. Солҳои 1972-1973 лаборант ва ходими хурди илмии Пажӯҳишгоҳи химияи АИ Тоҷикистон, 1974-1992 муалли-

ми калон, дотсент, мудири кафедраи химияи Институти политехникии Тоҷикистон (ҳоло ДТТ ба номи М. Осимӣ), 1992-1993 муовини сардори шуъбаи саноати Идораи корҳои Шӯрои Вазирони Тоҷикистон, 1994-2000 муовини сардори шуъбаи техникӣ, сардори шуъба ва сардори хадамоти тайёр намудани кадрҳои Корхонаи алюминийи Тоҷикистон, 2000-2009 муовини ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, 2009-2010 профессори кафедраи химияи ҳамин боргоҳи илм кор кардааст. Аз соли 2010 то 2014 муовини директори Институти илмӣ-таҳқиқотии Корхонаи воҳиди давлатии «Ширкати алюминийи тоҷик» кор кардааст. Аз соли 2014 сарходими илмии ҳамин институт мебошад.

Перомуни коркарди партовҳои истеҳсоли алюминий, асосҳои коркарди физикию химиявӣ ва технологии коркарди моеъ ва партовҳои сахти истеҳсоли алюминий ва ғайра зиёда аз 160 асару мақолаи илмӣ, илмӣ-методӣ ба табъ расондааст. Бисёр пешниҳодҳояш дар истеҳсолот ҷорӣ шуда, фоидаи иқтисодӣ овардаанд. Муаллифи 7 патент ба ихтироот ва 2 шаҳодатномаи маҳсулоти зеҳнӣ мебошад. Саҳмаш дар тарбияи мутахассисони техникӣ калон аст.

**Осор:** Исследование процессов выделения хлора и кислорода на пирографитовом электроде при высоких плотностях тона. – Ленинград, 1972; Утилизация отходов производства алюминия. – Д., 2000; Физико-химические и технологические основы комплексной переработки жидких и твёрдых отходов производства алюминия: Дисс… док. техн. наук. – Д., 2003; Комплексная переработка отходов производства алюминия. – Д., 2005; Курси мухтасари

химияи ғайриорганикӣ. – Д., 2008; Луғати русӣ ва ибораҳои истеҳсоли алюминии ш. Турсунзода. – Д., 1997 (ҳаммуаллиф).

## МУҲАММАДИЕВ ЭРГАШБОЙ

(Ба муносибати 80-солагии зодрӯзаш)

Муҳаммадиев Эргашбой 10-уми августи соли 1941 дар деҳаи Сарои ноҳияи Ашт таваллуд шудааст. Доктори илмҳои физика ва математика (1980), профессор (1994), узви вобастаи АИ Тоҷикистон (1993). Соли 1964 Университети давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) ба охир расонда, дар аспирантураи Университети давлатии ш. Воронеж таҳсилро идома додааст. Солҳои 1967-1973 ба сифати муаллим ва дотсент дар ин боргоҳи илм кор карда, соли 1973 ба Тоҷикистон баргашта, ҳамчун дотсенти кафедраи таҳлили функсионалӣ ва муодилаҳои дифференсионалии УДТ (1973-1976), ходими калони илмӣ, мудири шуъба, муовини директори Пажӯҳишгоҳи математикаи АИ Тоҷикистон (1976-1994) кор кардааст. Аз соли 1994 дар ш. Хуҷанд зиста, мудирии шуъбаи математикаю информатикаи Маркази илмии АИ Тоҷикистонро ба зимма дошт. Солиён ба донишҷӯёни УДТ ва ДДХ ба номи Б. Ғафуров аз математика сабақ додааст. Аз соли 2002 муқими Русия мебошад.

Дар се самт-муодилаҳои диффе-ренсионалӣ ва муодилаҳои физикаи математикӣ, таҳлили функсионалӣ ва методҳои ададӣ таҳқиқот бурда, ба муодилаҳои дифференсионалии хаттӣ бо коэффисентҳои тақрибии даврӣ таваҷҷӯҳи хос зоҳир кардааст, назарияи классикии Фаварро мавриди ҳалшавандагии муодилаҳои дифференсиалии

муқаррарӣ тақвият бахшида, монандии пурраи ин назарияхоро барои муодилаҳои эллиптикӣ бо ҳосилаҳои ҷузъӣ муайян сохт ва дар адабиёти илмии соҳаи математика ифодаи «Назарияи Фавара – Муҳаммадиев» -ро ба миён овард, ки боиси ифтихори ҳаммиллатон аст. Иштирокдори бисёр конфаронсу симпозиумҳои минтақавию байналмилалии математикҳост.

**Осор:** Вычисление вращения некоторых классов векторных полей. – Воронеж, 1970; Основы численных методов. – Вологда, 2005 (соавтор); Гармоничные функции в пространствах непрерывных и ограниченных функции. – Вологда, 2008 (соавтор); Классический и регуляризованный операторы Пуассона. – Вологда, 2010 (соавтор); Метод регуляризации сдвигом. Теория и приложения. – Вологда, 2012 (соавтор).

**Адабиёт:** Современные проблемы математики и ее приложения. Материалы международной научной конференции, посвященной 70-летию профессора Э. Мухаммадиева. Душанбе, 28-30 июня 2011г. – Д., 2011.

## ҚӮЗИБОЕВ ТУХЛИБОЙ

(Ба муносибати 90-солагии зодрӯзаш)

Қӯзибоев Тухлибой 13-уми августи соли 1931 дар деҳаи Ошобаи ноҳияи Ашт таваллуд шудааст. Доктори илмҳои геологӣ ва минералогӣ (1978), профессор (1978). Университети давлатии Осиёи Миёнаро дар ш. Тошканд соли 1950 тамом карда, дар аспирантураи он таҳсилро идома медиҳад. Аз соли 1957 то охири умр дар Университети давлатии Тошканд, Институти политехникии ҳамин

шаҳр ва Институти меъмории Самарқанд ҳамчун муаллим, муаллими калон, дотсент, профессор ба таълиму тарбия машғул гардида, аз корҳои илмию таҳқиқотӣ даст накашидааст.

Бобати асосҳои топография, харитаҳои топографӣ, геодезия як силсила асарҳои илмӣ, илмӣ-оммавӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ навиштааст. Мактаби деҳаи Ошобаи н. Ашт ба номаш гузошта шудааст. 8-уми декабри соли 1980 дар шаҳри Тошканд вафот кардааст.

**Осор:** Топографик карта ва у билан ишлаш. – Тошканд, 1962; Новелирлаш. – Тошканд, 1964; Основы топографии. – Ташкент, 1966; Топография асослари. – Тошканд, 1968; Техническое нивелирование. – Ташкент, 1971; Геодезия. – Тошканд, 1975; Прикладная геодезия. Учебное пособие. Ташкент, 1980 (соавтор); Введение в специальность «Прикладная геодезия»: Учеб. пособие. – Ташкент: ТашПИ, 1980.

## МАДАМИНОВ АБДУРАҲИМ АСРОРОВИЧ

(Ба муносибати 85-солагии зодрӯзаш)

Мадаминов Абдураҳим 14-уми августи соли 1936 дар ноҳияи Ашт таваллуд шудааст. Доктори илми иқтисодӣ (2006), профессор (2009), Корманди шоистаи Тоҷикистон (1994). Хатмкардаи (1961) Институти давлатии хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (ҳоло ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур) аст. Фаъолияташ пурра дар ҳамин боргоҳи илм ҷараён гирифта, ба сифати ассистент, муаллими калон, дотсенти кафедраи ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои кишоварзӣ (1961-1970), мудири шуъбаи тайёрӣ (1970-1975), ноиби ректор оид ба таълим (1975-1982), му-

дири кафедраи маркетинг ва ҳуқуқ (1991-2002), мудири кафедраи ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои кишоварзӣ (2002-2009) заҳмат кашидааст.

Оид ба рушди устувори соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ, роҳҳои баланд бурдани ҳосилнокии меҳнат, истифодаи самарабахши нуриҳои минералӣ дар юнучқазор ва чарогоҳҳои табиӣ, рушди чорводорӣ, махсусан гӯсфандпарварӣ, асосҳои маркетинг ва ғайра қариб 150 асару мақола навиштааст. Хидматаш дар тарбияи мутахассисони ҷавон калон аст.

**Осор:** Биолого-экологическое обоснование применения минералных удобрений на полусованных пастбищах и сенакосах Южного Таджикистана. – Д., 1969; Гӯсфандпарварӣ – соҳаи сердаромад. – Д., 1970; Механиконии комплексии фермаҳои чорводорӣ. – Д., 1973 (ҳаммуаллиф); Резервы повышения эффективности овцеводство. – Д., 1974; Захираҳои тараққӣ додани чорводорӣ. – Д., 1974 (ҳаммуаллиф); Технологияи корҳои механиконидашуда дар чорводорӣ. – Д., 1975 (ҳаммуаллиф); Обучения и перспективы повышения производительности труда. – Д., 1978 (соавтор); Таҳлил ва пешбинии ҳосилнокии меҳнат. – Д., 1978 (ҳаммуаллиф); Методические указания по совершенствованию форм организации и оплаты труда в предприятиях АПК. – Д., 1989 (соавтор); Пастбища низкотравных полусован Средней Азии. – Д., 1989 (соавтор); Стратегия устойчивого развития АПК Таджикистана на ближайшую перспективу. – Д., 2003; Экологически устойчивое развитие сельского хозяйства Таджикистана. – Д., 2004; Устойчивое развитие аграрного сектора Таджикистана. – Д., 2006; Асосҳои маркетинг. Курси мухтасари лексия. – Д., 2007; Пробле-

мы устойчивого развития аграрного сектора Таджикистана. – Д., 2010; Асосҳои маркетинг. – Д., 2010.

## УСМОНОВ МУЛЛО

(Ба муносибати 85-солагии зодрӯзаш)

Усмонов Мулло 15-уми августи соли 1936 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шудааст. Доктори илми тиб (1984), профессор (1987). Хатмкардаи ИДТТ ба номи Ибни Сино (1961) аст. Ординатори клиникӣ (1961-1963), аспирант, ассистент ва дотсент (1963-1990), мудир (1990-1994) ва профессори кафедраи анатомияи одами ДДТТ (1994-2004), солҳои 1996-2003 ҳамзамон декани факултаҳои муолиҷавӣ ва тибби умумӣ буд. Аз соли 2004 вазифаи профессори кафедраи умумидонишгоҳии асосҳои дониши тиб ва мудофиаи граждании Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуровро иҷро кардааст.

Дар давоми фаъолияти илмиаш доир ба масъалаҳои таъсири шароити баландкӯҳ ба организм, системаи рагҳои дохилиузвӣ дар ҳолатҳои муқаррарӣ ва таҷрибавӣ, хусусиятҳои морфологӣ, макро ва микроскопии рагҳои давраи хурди гардиши хун ҳангоми ҷарроҳии шуш ва ғайра пажӯҳиш анҷом додааст. Зиёда аз 100 таълифоти илмӣ дорад.

**Осор:** Внутриорганная сосудистая система матки в норме и эксперименте. – Д., 1966; Макромикроскопическая и морфометрическая характеристика сосудов малого круга кровообращения при резенции различных областей легких: Дисс… док. мед. наук. – Новосибирск, 1984; Шуши

ҷарроҳишуда. – Д., 1987; Анатомияи одам (китоби дарсӣ). – Д., 1997; Оперированное легкое. – Д., 1997.

## БАДАЛОВ ЭРГАШ ТУРСУНОВИЧ
(Ба муносибати 85-солагии зодрӯзаш)

Бадалов Эргаш 20-уми августи соли 1936 дар деҳаи Чукири ноҳияи Турсунзода таваллуд шудааст. Доктори илми ветеринарӣ (1996), Институти ветеринарии ш. Ленинградро (ҳоло ш. Санкт-Петербург) соли 1959 хатм карда, дар Институти илмӣ-таҳқиқотии ветеринарии Тоҷикистон як умр фаъолият дошт. Вазифаҳои лаборанти калон, ходими хурди илмӣ (1959-1965), ходими калони илмӣ (1966-1982), мудири лабораторияи паразитология (1983-1996), акаралогия (1997-2005), беҳдошти байториро (2006-2007) иҷро намудааст.

Таҳқиқоташ асосан ба канаҳои касалигузарон (приоплазмидозҳо, тейлериози гов) ва роҳҳои маҳв намудани онҳо бахшида шудаанд. Тавсияю пешниҳодҳояш сари он дар хоҷагиҳои ҷумҳурӣ, хусусан водии Ҳисор амалӣ гардида, самар додаанд. Теъдоди таълифоташ ба 150 мерасад. Соҳиби 13 пешниҳоди навоварӣ ва як шаҳодатномаи муаллифист. 10-уми феврали соли 2007 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

**Осор:** Клещи – переносчики возбудителей тейлериоза крупного рогатого скота в Гиссарской долине Таджикистана и испытание на них-некоторых акарицидов. – Д., 1967; Профилактика приоплазмидозов крупного рогатого скота. – Д., 1989; Научные основы оздоровления хозяйств от приоплазмидоздов крупного рогатого скота в Таджикистане. – Д., 1997; Биологические особенности иксодоидных клещей и меры борьбы с ними в Таджикистане. – Д., 1998.

## ГУЛАҲМАДОВ МУСАМИР
(Ба муносибати 85-солагии зодрӯзаш)

Гулаҳмадов Мусамир 25-уми августи соли 1936 дар деҳаи Тутаки ноҳияи Ховалинг таваллуд шудааст. Доктори илми фалсафа (1995), профессор (1997). Корманди шоистаи Тоҷикистон (2001). Институти давлатии педагогии ш. Душанберо (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ) соли 1966 хатм карда, дар аспирантураи он таҳсилро идома бахшидааст. Аз соли 1969 дар ҳамин боргоҳи илм кор карда, ба ҳайси муаллим, муаллими калон, дотсенти кафедраи коммунизми илмӣ дар тарбияи омӯзгорони ҷавон саҳм гирифтааст, чандин сол мудири кафедраи сиёсатшиносӣ буд.

Доманаи таълифоташ васеъ мебошад, бобати асосҳои ҷаҳонбинии илмӣ, роҳҳои баланд бардоштани маънавиёти насли наврас, ҷанбаҳои сиёсӣ ва миллии истиқрори давлатдории тоҷикон, низоъшиносӣ ва ғайра китобу рисола, мақолаҳои илмӣ, оммавӣ, методӣ навиштааст.

Бо Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии Тоҷикистон қадр шудааст.

**Осор:** Ташаккули ҷаҳонбинии илмии меҳнаткашон. – *Д.*, 1973; Ҷаҳонбинии илмии одами советӣ. – *Д.*, 1980; Асосҳои ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ. – *Д.*, 1985; Роль и значение научного мировоззрения в формировании нового человека. – *Д.*, 1989; Ҷаҳонбинӣ ва бозсозӣ. – *Д.*, 1990; Мировоззрение и перестройка. – *Д.*, 1990; Ташаккули боигарии маънавии насли наврас. – *Д.*, 1991; Особенности мировоззрения таджикского народа: *Дисс*… док. филос. наук. – Алматы, 1995; Тоҷикистон дар роҳи бунёди давлати демократии ҳуқуқбунёди дунявӣ. – *Д.*, 1999 (ҳаммуаллиф);

Равандҳои сиёсӣ ва миллии истиқлолияти Тоҷикистон. – Д., 2000; Низоъшиносӣ. – Д., 2004 (ҳаммуаллиф).

## ФАЙЗУЛЛОЕВ НУСРАТУЛЛО

(Ба муносибати 75-солагии зодрӯзаш)

Файзуллоев Нусратулло 25-уми августи соли 1946 дар ноҳияи Темурмалик таваллуд шудааст. Доктори илми тиб (1993), профессор (1994). Хатмкардаи Омӯзишгоҳи тиббии ш. Кӯлоб (1965) ва факултаи педиатрии ИДТТ ба номи Ибни Сино (1971) аст. Ординатори клиникӣ (1971-1972), аспирант (1972-1975), ассистент (1975-1990), дотсенти кафедраи бемориҳои сироятии кӯдаконаи ДДТТ (1990-1992), ходими калони илмии Институти таҳқиқоти илмии педиатрӣ ва ҷарроҳии кӯдакони Вазорати тандурустии Федератсияи Русия (1992-1993), декани факултаи педиатрӣ ва профессори кафедраи бемориҳои сироятии кӯдакон (1993-1996), ноиби ректор оид ба корҳои таълим (1996-2000) ва ректори ДДТТ (2000-2003), Вазири тандурустии Тоҷикистон (2003-2007), раиси Раёсати ҷумҳуриявии Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (2006-2010) кор кардааст. Аз соли 2010 то 2014 президенти Академияи илмҳои тиббии Тоҷикистон буд.

Дар робита ба масъалаҳои гепатитҳои вирусӣ ва бемории домана дар кӯдакон пажӯҳиши назаррас анҷом додааст. Зиёда аз 120 таълифоти илмӣ дорад. Иштирокдори бисёр форумҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқист. Яке аз таҳиягарони «Барномаи миллии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва мубориза бо гепатити В», «Барномаи миллии мубориза бо бемориҳои тропикӣ (вараҷа) дар Тоҷикистон барои солҳои 1997-2005» ва ғайра аст.

Бо орденҳои «Дӯстии халқҳо» ва «Шараф» мукофотонида шудааст.

**Осор:** Функциональное состояние легких при гепатите у детей. – Д., 1975; Клинические варианты и исходы позитивных гепатитов у детей в Таджикистане: Дисс… док. мед. наук. М., 1993; Пропедевтика детских болезней. – Д., 1998; Справочник семейного врача по детским инфекционным болезням. – Д., 2001; Вирусный гепатит у детей (дастурамали методӣ). – Д., 2002; Тифи шиками кӯдакон. – Д., 2003; Маълумотнома оиди бемориҳои сироятии кӯдакон. – М., 2005.

## КОМИЛОВ ФАЙЗАЛӢ

(Ба муносибати 65-солагии зодрӯзаш)

Комилов Файзалӣ 26-уми августи соли 1956 дар деҳаи Қашангии шаҳри Ваҳдат ба дунё омадааст. Доктори илмҳои физика ва математика (2004), профессор (2008). Соли 1978 факултаи механикаю математикаи Университети давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) хатм намуда, дар ҳамин ҷо ба сифати ассистенти кафедраи механика ва методҳои ҳисобкунӣ фаъолияти меҳнатиаш шурӯъ мегардад. Солҳои 1980-1983 дар аспирантураи Маркази ҳисоббарории Академияи илмҳои СССР хонда, ба сифати муҳандиси барномасози Маркази ҳисоббарории ДМТ, ассистент, муаллим, дотсенти кафедраи механикаю методҳои ҳисоббарорӣ дар ҳамин донишгоҳ кор карда, аз соли 1992 дар Донишкадаи соҳибкорӣ ва хидмат, зинаҳои дотсент ва мудири кафедраи тарҳрезӣ ва технологияи иттилоотӣ (1992-1996), декани факултаи соҳибкорӣ ва менеҷмент (1996-2006), ноиби ректор оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ (2006-2007), ректори ҳамин донишкада (2008-2014)

паймуд. Аз соли 2014 мудири кафедраи информатикаи ДМТ мебошад.

Ба омӯзиш ва эҷоди моделҳои имитатсионии популятсияи моҳиҳо дар экосистемаи обанборҳо ва ҳавзҳои моҳипарварӣ шуғл варзида, натоиҷи таҳқиқоташ ба ҳалли барномаи озуқаворӣии ҷумҳурӣ мадад мерасонад. Бобати тарҳрезии имитатсионии динамикаи экотемаи маҳзанҳои сунъии обӣ таҳқиқот анҷом додааст. Теъдоди таълифоташ аз 200 мегузарад.

**Осор:** Моделирование и экосистемы водохранилищ реки Вахш. – Д., 1985; Математическое моделирование экосистем водохранилищ. – Д., 1989; (соавтор); Асосҳои информатика ва техникаи ҳисоббарор. Бейсик. – Д., 1994; Информатика. – Д., 2002 (ҳаммуаллиф); Дар ҷустуҷӯи ҳикмат. – Д., 2003 (ҳаммуаллиф); Асосҳои техникаи компютерӣ. Китоби дарсӣ. – Д., 2004 (ҳаммуаллиф); Имитатционное моделирование динамики экосистем искусственных водоёмов: Дисс… док. физ.мат. наук. – Д., 2004; Асосҳои техникаи компютерӣ, – Д., 2005; (ҳаммуаллиф); Технологияи информатсионӣ. Барномаи таълимӣ. – Д., 2006; (ҳаммуаллиф); Технологияи информатсионӣ. Китоби дарсӣ. – Д., 2007; Ҳамқадами истиқлол. – Д., 2011; Информационные технологии в высшем образовании Республики Таджикистан. – Д., 2012; Компютер ва истеҳсолот. Дастури таълимӣ. – Д., 2015 (ҳаммуаллиф); Технологияҳои тарҳрезии системаҳои иттилоотӣ. Дастури таълимӣ. – Д., 2016 (ҳаммуаллиф).

**Адабиёт:** Комилов, Р. Меҳрнома. – Д., 2006.

## БОБОХОНОВ МАНСУРХОН

(Ба муносибати 90-солагии зодрӯзаш)

Бобохонов Мансурхон 28-уми августи соли 1931 дар шаҳри Конибодом таваллуд шудааст. Доктори илми таърих (1973), профессор (1978), Ходими шоистаи илми Тоҷикистон (1994). Факултаи таъриху филологияи УДТ-ро (ҳоло ДМТ) соли 1953 хатм карда, дар ҳамин ҷо қариб ним аср заҳмат кашид, вазифаҳои муаллим, муаллими калон, дотсент (1953-1961), мудири кафедраи таърихи СССР (1962-1965), декани факултаи таърих (1965-1982), мудири кафедраи таърихи ватан, профессори ҳамин кафедраро (1982-2000) адо кардааст. Аз соли 2001 то 2006 профессори кафедраи таърихи ватани Донишгоҳи славянии Русияю Тоҷикистон ва аз 2006 то охири умр роҳбари Маркази илмӣ-таҳқиқотии тоҷикон ва форсизабонони ДМТ буд.

Доманаи таҳқиқаш фарох буда, масоили рушди муносиботи капиталистиро дар навоҳии шимоли Тоҷикистон охирҳои асри 19 ва аввали асри 20, бедории сиёсии мардуми тоҷик дар арафаи Инқилоби Октябр, ташаккули иттиҳоди инқилобии меҳнаткашони Туркистон, таърихи матбуоти тоҷик ва ғайраро фаро гирифтааст. Солҳои охир ба баррасии таърихи тоҷикони дунё шуғл варзида, сари ин мавзӯъ осори пурбаҳо ба мерос гузоштааст. 19-уми июли соли 2012 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

**Осор:** К вопросу о зарождении и развитии капиталитстических отношений в северных районах Таджикистана во второй половине XIX – начала XX вв. – Сталинабад, 1957; Бедории сиёсии омма дар арафаи револютсияи Октябр = Политическое пробуждение масс накануне Октябрьской революции. – Д., 1966; Предпосылки формирования революционного союза трудящихся Туркестанского края с российским пролетариатом накануне Октября: Дисс… док. ист. наук. – Д., 1973; В.И. Ленин – стратеги бузурги револютсияи сотсиалистии Октябр. – Д., 1980; Съез-

ди 26 КПСС «Дар бораи зарурияти мустаҳкам намудани дӯстии халқҳо ва интернатсионализми пролетарӣ». – *Д.*, 1983; *Дар зери байрақи дӯстӣ ва интернатсионализми пролетарӣ* – *Д.*, 1986; Курсом дружбы и пролетарского интернационализма. – *Д.*, 1986; Из истории периодической печати Туркестана. – *Д.*, 1987; Примерный учебно-методический план –программа для народных университетов «Дружбы народов и пролетарского интернационализма». – *Д.*, 1987; Баъзе масъалаҳои асосии таърихи СССР ва таърихшиносӣ. Дастури таълимӣ – *Д.*, 1990; Таърихи Русия дар замони сармоядорӣ. – *Д.*, 1996; Таърихи тоҷикони ҷаҳон. – *Д.*, 1999; История таджиков мира. – *Д.*, 2004; Гуфтор оиди тоҷикон. Маҷмуаи мақолаҳо, мактубҳои расмӣ. – *Д.*, 2008; Таърихи тоҷикони ҷаҳон. Ирридент ва диаспораҳои тоҷик. Китоби дарсӣ. – *Д.*, 2011.

**Адабиёт:** Мансур Бабаханович Бабаханов. Материалы к библиографии учёных Таджикистана. – *Д.*, 1991, второй выпуск 2001; Мухиддинов С., Валиев А., Общепризнаный учёный и педагог. – *Д.*, 2011; Шодипур Ю. Кашшофи таърих. – *Д.*, 2011.

## РАҶАБОВ САИДУМАР ОДИНАЕВИЧ

(Ба муносибати 70-солагии зодрӯзаш)

Раҷабов Саидумар 1-уми сентябри соли 1951 дар ноҳияи Сариосиёи Ӯзбекистон таваллуд шудааст. Доктори илми ҳуқуқ (2008), профессор (2009). Факултаи забонҳои хориҷии (шуъбаи англисӣ) Университети давлатии Запороже (Украина) соли 1972 ба поён оварда, баъди адои хидмат дар Артиши Шӯравӣ (1972-1974) чанде дар мактаби миёна аз забони англисӣ дарс додааст. Солҳои 1977-1992 дар мақомоти амниятии Иттиҳоди Шӯравӣ хидмат наму-

да, 1992-1998 муовини сардор ва иҷрокунандаи вазифаи сардори Курсҳои олии омӯзиши Вазорати амнияти Тоҷикистон, 1998-2010 дотсент, мудири кафедраи забони англисӣ ва профессори кафедраи муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи славянии Русияю Тоҷикистон буд. Аз соли 2010 мудири шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ Тоҷикистон мебошад.

Ковиши илмиаш асосан ба масъалаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи аврупоӣ марбут аст, бобати назарияю амалияи ҳуқуқи байналмилалӣ ва татбиқи меъёрҳои он дар Тоҷикистон, ҳуқуқи робитаҳои беруна, ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ, ташаккули Суди байналмилалии ҷиноятӣ, ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ ва ғайра зиёда аз 150 таълифот ба хидмат овардааст. Дар донишгоҳҳои Эрон, Урдун, ИМА, Олмон, Италия, Венгрия, Руминия ва дигар давлатҳо аз ҳуқуқи байналмилалӣ лексия хонда, семинарҳо гузарондааст.

**Осор:** Краткий русско-дари контрразведывательный словарь. – М., 1982; Русско-дари контрразведывательный словарь. – М., 1985; Исламский фактор и вооруженная оппозиция в Афганистане. – М., 1993; Военные преступления как серьезные нарушения норм международного гуманитарного права. – Д., 2001; A Theoretical Course of the English Language. – D., 2001; Международное гуманитарное право в Центральной Азии: вопросы теории и практики. – Ташкент, 2002; Становление и развитие Международного Уголовного Суда. – Д., 2005; International Law. A Cours of Lectures. – D., 2005; Методические рекомендации по международному гуманитарному праву. – Д., 2005; Имплементация норм международного гуманитарного права в Республике Таджикистан: проблемы теории и практики. – Д.,

2006; Муқаддимаи низоъшиносӣ. Китоби дарсӣ. – Д., 2006; Исламский фактор в СНГ. Учебное пособие. – Д., 2006; Международное гуманитарное право в Республике Таджикистан. – Д., 2007; International Law. Textbook. Second edition. – D., 2009; Международно-правовые аспекты урегулирования вооруженного конфликта в Таджикистане. – Д., 2011; Фарҳанги ҳуқуқи байналмилалӣ. – Д., 2012; Ҳуқуқи робитаҳои беруна. – Д., 2013; Антология интерэкоправа. Учебное пособие. – М., 2014; Хрестоматия по международному публичному праву. – Д., 2016; International Lawin Force. F Collection of Actinginternational Instruments. – D., 2016; Универсальная юрисдикция в международном уголовном праве. – Д., 2016.

## ҲОТАМОВ НАМОЗ БАСАРОВИЧ

(Ба муносибати 75-солагии зодрӯзаш)

Ҳотамов Намоз 1-уми сентябри соли 1946 дар деҳаи Шоботии вилояти Бухорои Ӯзбекистон таваллуд шудааст. Доктори илми таърих (1991), профессор (1994). Соли 1967 факултаи таърихи УДТ-ро (ҳоло ДМТ) ба итмом расонда, дар аспирантураи он хондааст. Ба сифати ассистент, муаллими калон, дотсенти кафедраи таърихи СССР-и донишгоҳи номрафта (1970-1980) кор кардааст. Солҳои 1980-1996 ходими илмӣ, ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АИ Тоҷикистон буд. Аз соли 1996 ҳамчун профессори Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат аз таърихи Тоҷикистон сабақ медиҳад.

Доманаи таҳқиқоташ давраҳои охири асри XIXваасриXX-ро фаро гирифта, масъалаи бонку бонкдорӣ, ташкилу ташаккули муассисаҳои саноатӣ, системаи сармоягу-

зорӣ меҳвари онро ташкил медиҳад. Сарнагунии Аморати Бухоро, фаъолияти ҷадидон, инъикоси инқилоби Бухоро (1920) дар осори устод С. Айнӣ низ аз сӯяш хуб баррасӣ шудааст. Аз муаллифони нашри нави асари бисёрҷилдаи «Таърихи халқи тоҷик» (ба забони русӣ) мебошад.

**Осор:** Инъикоси револютсияи халқии советии Бухоро дар осори Садриддин Айнӣ. – *Д.*, 1980; Роль банковского капитала в социально-экономическом развитии Средней Азии (начало 90-х гг. XIXв -1917г). – *Д.*, 1990; Свержениеэмирскогорежимав Бухаре. – *Д.*, 1997; Изистории первых промышленных предприятий в Средней Азии. – *Д.*, 2005; Социально-экономические преоброзования Республики Таджикистан в период суверенитета (1991-2006). – *Д.*, 2008; Таджикистан в годы Великой Отечественной Войны и послевоенного восстановления (1941-1950гг). – *Д.*, 2010; История банков и предпринимательства в Средней Азии (60-е годы XIXв -1917г). – *Д.*, 2011.

**Адабиёт:** Ҷабборов Ш. Кашшофи раванди таърих. – *Д.*, 2006.

## ПӮЛОДОВ ҲОМИД РИЗОҚУЛОВИЧ

(Ба муносибати 80-солагии зодрӯзаш)

Пӯлодов Ҳомид 5-уми сентябри соли 1941 дар деҳаи Қарабчии ноҳияи Шаҳристон таваллуд шудааст. Доктори илми фалсафа (1983), профессор (1988), Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон (1997). Факултаи табиатшиносии Институти давлатии педагогии ш. Хуҷандро (ҳоло ДДХ ба номи Б. Ғафуров) соли 1969 хатм намуда, дар ин ҷо ба сифати ассистент ба фаъолият оғоз кард, давоми беш аз сӣ сол зинаҳои муаллими калон, дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносиро паймуд.Дар факултаҳои фалсафаи Уни-

верситетҳои давлатии Маскав, Киев ва Минск таҷрибаи илмӣ андӯхт. Соли 1995 вакили Маҷлиси Олии Тоҷикистон интихоб шуда, 1996-1999 муовини раиси Ҳукумати вилояти Суғд, ҳамзамон 1997-2000 узви Комиссияи оштии миллӣ буд. Аз охири соли 1999 то поёни умр вазифаи ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистонро (ш.Хуҷанд) иҷро намуд.

Баробари иҷрои вазифаҳои масъули роҳбарии давлатӣ, ҷамъиятӣ ва илмӣ аз фаъолияти таҳқиқотӣ канор наҷуста, беш аз сад асару мақолаи илмӣ, методӣ, илмӣ-оммавӣ аз даст баровардааст. Нақши зиёиён дар баланд рафтани маданияти мардуми деҳот, ҳифзи иҷтимоиёти аҳолии қишлоқ меҳвари аслии ковиши илмиашро ташкил медиҳад. 3-юми декабри соли 2007 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шудааст.

Бо ордени «Дӯстӣ» шарафёб шудааст.

**Осор:** Роль интеллигенции в подъёме культуры села в условиях развитого социализма. – Д., 1978; Изменение социальной структуры села. – Д., 1979; Общее и особенное в развитии социальной однородности на селе в условиях совершенствования зрелого социализма (на материалах республик Средней Азии): Дисс... док. филос. наук. – М., 1983; Общее и особенное в становлении социальной однородности на селе. – Д., 1990; Актуальные проблемы современного общественного развития. – Д., 1997; Асосҳои сиёсатшиносӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд, 1998; Сиёсатшиносӣ. – Д., 1998 (тоҷикӣ, русӣ, узбекӣ); Актуальные проблемы политологии. – Д., 1998; Падидаи умедбахши истиқлолият. – Х., 2003 (ҳаммуаллиф).

**Адабиёт:** Раҳимӣ И. Ситораи рахшони маърифат. – Д., 2003.

## МӮЪМИНОВ ҲИКМАТ

(Ба муносибати 55-солагии зодрӯзаш)

Мӯъминов Ҳикмат 14-уми сентябри соли 1966 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Доктори илмҳои физикаю математика (1996), профессор (2006), академики Академияи илмҳои Тоҷикистон (2017). Соли 1988 факултаи физикаи Университети давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) ба охир расонда, дар аспирантураи Институти муттаҳидаи таҳқиқоти ҳастаии ш. Дубна таҳсилро идома бахшидааст. Фаъолияти меҳнатиаш соли 1992 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба сифати муаллими калони кафедраи физикаи назариявӣ шурӯъ шуда, минбаъд (1993-2006) ҳамчун муовини декани факултаи физика, ходими илмӣ, ходими пешбари илмӣ, профессори кафедраи физикаи назариявӣ, профессори кафедраи мошинаҳои ҳисоббарор, системаҳо ва шабакаҳои ДМТ кор кардааст. Аз соли 2006 директори Пажӯҳишгоҳи физикаю техникаи ба номи С. Умарови АИ Тоҷикистон мебошад.

Аз миёни олимони тоҷик ҷавонтарин доктори илм аст, дар 29 солагӣ рисолаи илмӣ дифоъ кардааст. Ковиши илмиаш ба соҳаи муҳити конденӣ ва ҳодисаҳои ғайрихаттӣ тааллуқ дорад. Аз ҷонибаш назарияи ҳолатҳои умумишудаи когерентӣ вусъат дода шуд, ки ҳодисаҳои мултиполӣ ва релятивистиро дар системаҳои квантии спинӣ ба назар мегирад. Тарзи нави ҳалли муодилаи ғайрихаттии векторИи Шредингерро ба даст оварда, устувории солитонҳои бисёрченакро дар назарияи майдон нишон дод. Таҳқиқоташ мавриди паҳншавии радиатсияи ҳастаӣ дар мода низ шоистаи ситоиш аст. Дар чандин симпозиуму конфаронс ва олимпиадаҳои байналмилалии физикдонҳо иштироку суханронӣ карда, чун профессор дар бо-

нуфузтарин донишгоҳҳои ИМА, Олмон, Фаронса, Англия ва ғайра дарс додааст.

**Осор:** Вопросы теории нелинейных явлений в анизотропных магнетиках с учётом мультипольных моментов: Дисс… док. физ. -мат. наук. – Д, 1996; Динамические и топологические солитоны в нелинейных сигма-моделах. – Д., 2014 (соавтор); Динамика локслированных структур в нелинейных моделах теории поля. – М., 2015.

## РАҲИМОВ ЯҲЁ АБДУЛЛОЕВИЧ

(Ба муносибати 105-солагии зодрӯзаш)

Раҳимов Яҳё 15-уми сентябри соли 1916 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шудааст. Доктори илми тиб (1967), профессор (1967), узви вобастаи АИ Тоҷикистон (1951), Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ (1957), дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Сино (1987). Фаъолияти меҳнатиаш солҳои 1931-1932 дар сохтмони роҳи оҳани камбари Вахш ба сифати коргар шурӯъ шуда, солҳои 1932-1938 дар Мактаби фелдшерии ш. Хуҷанд, 1938-1942 дар Институти тиббии ш. Ашқобод ва 1942-1943 дар Институти давлатии тиббии Тоҷикистон хондааст.Ба сифати ассистенти кафедраи анатомияи топографии ИДТТ (1943-1946) хидмат намуда, солҳои 1946-1949 дар аспирантураи Институти морфологияи нормалӣ ва патологии Академияи илмҳои тибби СССР таҳсилро идома бахшидааст. Солҳои 1950-1957 дотсент, мудири кафедраи анатомияи нормалӣ, декани факултаи муолиҷавӣ ва ректори Институти давлатии тиббии Тоҷикистон, 1957-1963 Вазири нигаҳдории тандурустии Тоҷикистон буд. Аз соли 1963 ба ҳайси дотсент ва профессори Институти давлатии тиббии Тоҷикистон заҳмат кашидааст.

Перомуни анатомияи муқоисавӣ, хоса маҷрои синаи ширхӯрҳо, морфологияи узвҳои дарунӣ дар шароити баландкӯҳ ва ҳангоми таъсири баъзе шароитҳои экстремалӣ, сохти бадани одам ва ғайра пажӯҳиши судманд анҷом додааст. Анатомияи беш аз шашсад ширхӯри мансуби ҳашт қаторро мавриди таҳқиқ қарор дода, хулосаи муҳими илмӣ баровардааст. Мақолаҳои илмиаш ба русӣ, англисӣ, немисӣ ва дигар забонҳо нашр шудаанд. Хидматаш дар таълими шогирдон ва пешбурди соҳаи тандурустии ҷумҳурӣ ниҳоят калон аст. 13-уми сентябри соли 1993 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

Бо орденҳои Ленин, Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ», чандин медалу ифтихорномаҳо қадр шудааст.

**Осор:** Возрастная морфология Рейлева островка головного мозга человека. – М., 1949; Грудной проток млекопитающих. – Д., 1968; Морфология внутренних органов в условиях высокогорья. – Д., 1968; Некоторые итоги и перспективы изучения анатомии и гистологии органов в условиях высокогорья. – Д., 1968; Краткий конспект лекций по курсу нормальной анатомии. – Д., 1969 (соавтор); Морфология внутренних органов при некоторых экстремальных воздействиях. – Д., 1970, (соавтор); Строение тела человека. – Д., 1972 (соавтор); Горы и люди. – Д., 1977 (соавтор); Морфология внутренних органов при действии вибрации. – Д., 1979 (соавтор); Очерки по функциональной анатомии. – Д., 1982 (соавтор); Человек и высокогорье. – Д., 1982; Очерки по функциональной анатомии. – Д., 1987 (соавтор).

**Адабиёт:** Рахимов Яхё Абдуллаевич: Библиография. – Д., 1976.

## ШАРИФОВ ИБРОН

(Ба муносибати 90-солагии зодрӯзаш)

Шарифов Иброн 15-уми сентябри соли 1931 дар деҳаи Алисурхони ноҳияи Нуробод таваллуд шудааст. Доктори илми фалсафа (1979), профессор (1986). Соли 1956 факултаи таъриху филологияи УДТ-ро (ҳоло ДМТ) ба охир расонда, дар Институти давлатии педагогии ш. Кӯлоб аз фалсафа дарс додааст. Солҳои 1960-1963 аспиранти АИ Тоҷикистон, 1963-1984 ходими илмӣ, ходими калони илмӣ ва мудири бахши шуъбаи фалсафаи АИ Тоҷикистон, 1984-1994 мудири кафедраи фалсафаи ИДПД (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ), 1994-1997 профессори ҳамин кафедра, 1998-2001 мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи славянии Русияю Тоҷикистон буд. Аз соли 2001 то поёни умр чун профессори кафедраи номрафта кор кардааст.

Бобати инкишофи муносиботи миллӣ, шахс ва инсонпарварӣ, муносиботи ҷамъиятӣ, ташаккули давлатдории тоҷикон, омилҳои тақвияти ваҳдати миллӣ, ивазшавии муносиботи идеологӣ ва ғайра зиёда аз ҳаштод кори илмӣ аз даст баровардааст. 4-уми марти соли 2013 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

**Осор:** Правдивость – неотъемлимая черта советского человека. – Д., 1965; Гуманизм личность. – Д., 1975; Предпосылки преобразования общественных отношений в Таджикистане на пути некапиталистического развития. Часть1. – Д., 1973; Часть 2. – Д., 1975; Преоброзование социально-политических отношений в Таджикистане на пути некапиталистического развития. – Д., 1976; Закономерности формирования социалистических общественных отношений в Таджикистане. – Д., 1983; Преоброзование идеологических отношений в Таджикистане. – Д., 1986; Инкишофи муносибатҳои миллӣ дар Тоҷикистони му-

осир. – Д., 2002; Приоритетные направления укрепления национальной независимости Республики Таджикистан. – Д., 2006; Омилҳо ва самтҳои асосии тахмину тақвияти ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон. – Д., 2006; Назария ва методологияи ваҳдати миллӣ. – Д.. 2007; Становление таджикской государственности. – Д., 2013.

**АМИНОВ ҲУСЕЙН ҶУМЪАЕВИЧ**

(Ба муносибати 75-солагии зодрӯзаш)

Аминов Ҳусейн 2-юми октябри соли 1946 дар ноҳияи Қизилтеппаи вилояти Бухорои Ҷумҳурии Ӯзбекистон таваллуд шудааст. Доктори илми тиб (2006), профессор (2012). Хатмкардаи ИДТТ (1969) аст. Духтури минтақавии бемориҳои кӯдакони дармонгоҳи кӯдаконаи ш. Қӯрғонтеппа (1969-1971), духтури кӯдакон ва сардухтури беморхонаи минтақавии ш. Ваҳдат (1971-1974), ординатори клиникии кафедраи педиатрияи факултавии ИДТТ (1974-1976), духтури бригадаи эҳёгарии кӯдакони Бунгоҳи ёрии таъҷилии тиббии ш. Душанбе (1976-1978), ассистент, муаллими калон, дотсент ва иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи бемориҳои кӯдакони №1-и ДДТТ (1978-2003), сардори шуъбаи ташкили хадамоти тиббии модар ва кӯдаки Вазорати тандурустии ҶТ (2003-2006), дотсенти кафедраи бемориҳои кӯдакони №1-и ДДТТ (2007-2008) буд. Аз соли 2008 мудири ҳамин кафедра кор кардааст.

Оид ба масъалаи масунияти мутобиқатӣ дар сохтори бемориҳо ва фавти кӯдакон дар шароити номусоиди экологӣ, қиёси клиникию бактериологии уфунат дар кӯдакони хурдсоли Тоҷикистон, хусусиятҳои давраи аввали мутобиқат дар кӯдаконе, ки аз модарони гирифтори нефро-

патия таваллуд ёфтаанд таҳқиқот анҷом додааст. Муаллифи зиёда аз 60 асару мақолаи илмист.

**Осор:** *Далелҳо ба манфиати ҳифзи ҳаёт. – Д.*, 2003; Характеристика нефропатий у новорожденных от матерей с патологией органов мочевой системы. – *Д.*, 2006; Роль особенностей периода ранней адабтации новорожденных от матерей с патологией органов мочевой системы в заболеваемости и смертности детей: Дисс… док. мед. наук. – М., 2006; Протоколы лечения основных заболеваний детского возраста. – *Д.*, 2006; Стандартные схемы лечения основных заболеваний неонатального возраста. – *Д.*, 2007; Гестационный диабет. – *Д.*, 2008.

## НУРАЛИЕВ ЮСУФ

(Ба муносибати 85-солагии зодрӯзаш)

Нуралиев Юсуф 5-уми октябри соли 1936 дар деҳаи Даштизинги ноҳияи Дарвози ВМКБ таваллуд шудааст. Доктори илми тиб (1973), профессор (1976). Хатмкардаи (1961) факултаи муоличавии ИДТТ ба номи Ибни Сино аст. Ординатор (1961-1962), аспирант (1963-1966), ассистенти кафедраи фармакологияи ИДТТ (1967-1968), докторанти Институти давлатии тиббии санитарию беҳдошти Санкт-Петербург (1969-1972), мудири шуъбаи фармакологияи таҷрибавии Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи Тоҷикистон (1973-1996) ва ходими пешбари шуъбаи таърихи илми Пажӯҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АИ ҶТ (1996-2005), сарвари кулли Института омӯзиши тибби Сино ва фармакология (аз 2005) кор кардааст. Ҳамзамон дар ДДТТ низ фаъолият доштааст.

Муаллифи зиёда аз 350 асару мақолаҳои илмист, ки асосан оид ба омӯзиши хосияти табобатии растаниҳои

доруии Тоҷикистон, мумиё ва хосиятҳои шифоии он, ҷустуҷӯи доруҳо барои муолиҷаи бемориҳои ҷигар, меъда, диабети қанд, инчунин тибби халқӣ, таърихи тибби тоҷик ва ғайра марбутанд. Якҷоя бо шогирдонаш хосияти шифобахшии тақрибан 100 намуд рустании доруии ҷумҳуриро мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор дода, дар заминаи онҳо зиёда аз 20 доруи нав таҳия кардааст (гепатола, гепатолис, синолон, розибет, юнибет, фитобет ва ғ.). Яке аз аввалин олимоне мебошад, ки ба мактаби тиббии ниёгони халқи тоҷик аз нигоҳи тибби муосир баҳои илмӣ додаанд. Саҳмаш дар омӯзиши тибби Авесто ва рӯзгору таълифоти Абӯали ибни Сино низ арзанда аст. Дар бисёр конфаронсу симпозиумҳои байналмилалӣ иштирок ва суханронӣ кардааст.

**Осор:** О некоторых биологических свойствах препаратов барбариса разнонистьевидного. – Д., 1967; Фармакология мумиё: Дисс… док. мед. наук. – Ярославль, 1979; Мумиё и его лечебные свойства. – Д., 1976 (соавтор); Медицина эпохи Авиценны. – Д., 1980; Медицинские трактаты Авиценны. – Д., 1982; К тайни мумиё. – Д., 1985 (соавтор); Табибони қалбакӣ. – Д., 1986; Лекарственные растения: целебные свойства фруктов и овощей. – Д., 1988; Луқмони Хаким. – Д., 1991; Лекарственные растения. – Новгород, 1991; Фитотерапия почечнокаменной болезни по расшифрованным рецептам Авиценны. – Д., 1977 (соавтор); Фитотерапия и потенция. – М., 1996; 110 рецептов Авиценны. – Санкт-Петербург, 1998; Бӯалӣ ва гиёҳдармонии амрози санги гурда. – Д., 2004 (ҳаммуалиф); Медицинская система Ибн Сина (Авиценны). – Д., 2005; Миниканон при диабете. – Д., 2011 (соавтор); Эндоэкология и тактика терапии сахарного диабета. – Д., 2011 (соавтор); Диабеточенные факторы риска по Авиценне: степень их опасности по

сравнению с современными взглядами на факторы риска сахарного диабета 2 типа. – Д., 2013.

## ҲАБИБОВ АБДУҶАЛИЛ ХАЛИЛОВИЧ

(Ба муносибати 70-солагии зодрӯзаш)

Ҳабибов Абдуҷалил 7-уми октябри соли 1951 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Доктори илми ветеринарӣ (2000), профессор (2007). Хатмкардаи (1973) Институти давлатии хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (ҳоло ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур) аст. Солҳои 1973-2007 дар Институти илмӣ-таҳқиқотии ветеринарии Тоҷикистон ба сифати сардухтур, аспирант, мудири озмоишгоҳи касалии сили чорво, муовини директор оид ба илм фаъолият доштааст, 2007-2009 профессори кафедраи микробиология ва эпизоотологияи ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур буд. Аз соли 2009 вазифаи декани факултаи тибби ветеринарии ҳамин донишгоҳро адо намудааст.

Оид ба омилҳои иқлимӣ-географии пайдоиши касалии сил дар ҳайвонот ва роҳҳои ташхису мубориза бо он, эпизоотология ва микробиологияи чорво таҳқиқот анҷом дода, беш аз шаст кори илмӣ ба хидмат овардааст.

**Осор:** Туберкулёз крупного рогатого скота и меры борьбы с ними в Таджикистане. – Д., 1989 (соавтор); Безыгольный инъектор. – Д., 1994 (соавтор); Влияние климато -географических факторов на проявление туберкулёза в Республике Таджикистан и пути совершенствования диагностики и противотуберкулёзных мероприятий. Дисс… док. ветеринарных наук. – Д., 2000.

## БАРОТОВ РАУФ

(Ба муносибати 100-солагии зодрӯзаш)

Баротов Рауф 10-уми октябри соли 1921 дар деҳаи Пӯлодони шаҳри Конибодом таваллуд шудааст. Доктори илмҳои геологӣ ва минералогӣ (1966), профессор (1967), ходими шоистаи илми Тоҷикистон (1974), дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Сино (1970). Соли 1937 Техникуми педагогии ш. Конибодом ва 1945 факултаи табиатшиносии Университети давлатии Осиёи Миёнаро (ш. Тошканд) ба охир расонда, дар аспирантураи ҳамин боргоҳи илм (1945-1948) хондааст. Солҳои 1949-1953 ходими илмӣ, мудири бахши петрография ва канданиҳои фоиданоки Пажӯҳишгоҳи геологияи АИ Тоҷикистон, 1953-1959 директори ҳамин пажӯҳишгоҳ, 1959-1976 академик-котиби шуъбаи фанҳои физика, математика, геологияю химия, 1976-1987 ноиби Президенти АИ Тоҷикистон буд. Аз соли 1988 то поёни умр вазифаи директори фахрии Пажӯҳишгоҳи геологияи АИ Тоҷикистонро иҷро намудааст.

Аз барҷастатарин мутахассиси соҳаи геологияи тоҷик эътироф мешавад, оид ба сарватҳои зеризаминӣ ва рӯизаминии ҷумҳурӣ беш аз панҷсад кори илмӣ навиштааст. Бо сарварӣ ва ширкати бевоситааш нақшаи пайдоиши маҷмӯаи магмавии Тоҷикистон мавриди коркард қарор гирифта, нетрологияи онҳо омӯхта шудааст. Нақшаи муфассали ноҳиябандии металлогении Тоҷикистони Марказиро пешниҳод намуда, баробари тавсияҳои илмӣ дар иктишофи ганҷҳои нодири ҷумҳурӣ бевосита пайваста иштирок доштааст. Ба номаш маъдани «Баротовит» гузоштанд, ки боиси ифтихори ҳаммиллатон мебошад. Иштирокдори даҳҳо симпозиуму конфаронси байналмилалии геологҳост. 15-уми январи соли 2013 дар шаҳри Қазон вафот кардааст.

Бо ордени «Дӯстии халқҳо», ду ордени «Нишони Фахрӣ», медалҳо қадр ёфтааст.

**Осор:** Интрузивные формации Южно-Варзобского гранитоидного массива. – Сталинабад, 1949; Конҳои маъдан ва ҷустуҷӯи онҳо. – Сталинобод, 1953; Богатство недр Таджикистана на службу Родине. – Сталинабад, 1960; Сарватҳои зеризаминии Тоҷикистон. – Сталинобод, 1960; Интрузивные комплексы южного циклона Гиссарского хребта и связанное с ними оруденение. – Д., 1966; Сарватҳои зеризаминии Тоҷикистон. – Д., 1968; Полезные ископаемые Таджикистана. – Д., 1970; Асрори кӯҳҳои Тоҷикистон. – Д., 1971; Дацит – липаритовая формация Южного Гиссара. – Д., 1973 (соавтор); Недра Таджикистана служат народу. – Д., 1974; Путеводитель геологических экскурсий. – Д., 1975 (соавтор); Лаъли Бадахшон. – Д., 1976; Горы открывают свои тайны. – Д., 1981; Каменное чудо Таджикистана. – Д., 1984; Памир и его недра. – М., 1984; Ганҷи кӯҳистон. – Д., 1985; Эволюция магматизма Средней Азии. – М., 1986 (соавтор); Каменное чудо Таджикистана. – Д., 1988; Горы и недра Таджикистана. – Д., 1989; Месторождения полезных ископаемых Канибадамского района. – Д., 1996; Сангҳои қимматбаҳои Тоҷикистон. – Д., 1996; Академик Сараджан Юсупова. – Д., 2000; Драгоценные и поделочные камни Таджикистана (Мистика и реальность). – Д., 2000; Конҳои маъдани Тоҷикистон ва ҳифзи онҳо. – Д., 2001; Месторождения полезных ископаемых Истаравшанской зоны. – Д., 2002; Конҳои тилло, нуқра ва платинаи Тоҷикистон = Месторождения золота, серебра и платины Таджикистана. – Д., 2003; Подземные минеральные воды Таджикистана. – Д., 2003; Ганҷи кӯҳу водиҳои Тоҷикистон = Сокровища гор и долины Таджикистана. – Д., 2004; Геологические очерки Памиро-Алая. – Д., 2005 (соавтор);

Сангҳои гаронбаҳо ва ороишии Тоҷикистон = Драгоценные и поделочные камни Таджикистана. – Д., 2005; Уникальные памятники природы Кулябской зоны. – Д., 2005; Дурахши чеҳраҳо = Незабываемые лица. – Д., 2006.

**Адабиёт:** Рауф Баратович Баратов. Материалы к биобиблиографии ученых Таджикистана. – Д., 1971; Насриддинов Б. Дар зери осмони кабуд. Очерк дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Р. Баротов. – Д., 1973; Рауф Баротович Баротов. – Д., 1981; Громов П., Данильянц С. Названное именем геолога. – М., 1982; Баратов Рауф Баратович. – Д., 1999; Бобоҷон А. Рауф Баротов. 80-сол. – Д., 2001; Рауф Баротович Баротов. Библиографияи асарҳои солҳои 1991-2001. – Д., 2001 (тоҷикӣ, русӣ); Ғафурзода Ф. Кошиф ва муҳаққиқи ганҷҳо. – Д., 2001 (тоҷикӣ, русӣ); Рауф Баратович Баратов. Биобиблиография. – Д., 2006; Холджураев Х. Академик Р. Баротов – патриарх таджикской геологии. – Д., 2009.

## ПАҲЛАВОНОВ АБДУЛҲАМИД

(Ба муносибати 70-солагии зодрӯзаш)

Паҳлавонов Абдулҳамид 10-уми октябри соли 1941 дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин таваллуд шудааст. Доктори илми педагогӣ (1996), профессор (2001). Корманди шоистаи Тоҷикистон (2002). Институти давлатии педагогии ш. Кӯлобро соли 1968 хатм карда, дар ҳамин ҷо беш аз сӣ сол заҳмат кашидааст, вазифаҳои муаллим, муаллими калон, дотсент, мудири кафедраи педагогика ва психологияро иҷро намудааст. Аз соли 2003 то поёни умр мудири кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хисрав буд.

Ба масъалаи афкори педагогии халқи тоҷик аз давраҳои пешин то кунун таваҷҷӯҳ намуда, бисёр

паҳлуҳои норавшани онро кушодааст. Теъдоди таълифоти илмию методиаш ба сад мерасад. Хидматаш дар таълиму тарбияи мутахассисони соҳаи педагогика калон мебошад. 29-уми марти соли 2009 дар шаҳри Қӯрғонтеппа вафот кардааст.

**Осор:** Афкори педагогӣ дар Тоҷикистон баъди инқилоб. – Кӯлоб, 1991; Афкори педагогии халқи тоҷик дар асрҳои XVI-XVII. – Д., 1994; Педагогическая мысль таджикского народа в XVI-XVII вв.: Дисс... док. пед. наук. – Д., 1995.

## ҚУРБОНБЕКОВ АМОНБЕК

(Ба муносибати 75-солагии зодрӯзаш)

Қурбонбеков Амонбек 18-уми октябри соли 1946 дар деҳаи Андароби ноҳияи Ишкошими ВМКБ таваллуд шудааст. Доктори илми химия (2000). Соли 1969 факултаи химияи УДТ-ро (ҳоло ДМТ) ба итмом расонда, чун афсар дар сафҳои Артиши Шӯравӣ хидмат ба ҷой овардааст. Аз соли 1971 фаъолияташро дар Пажӯҳишгоҳи химияи АИ Тоҷикистон оғоз намуда, то охири умр идома бахшид. Вазифаҳои лаборанти калон, ходими хурди илмӣ, ходими илмӣ, ходими калони илмиро иҷро карда, чанд соли охир сарходими илмии ҳамин боргоҳ буд.

Оид ба синтез, хусусиятҳои борогидридҳои металлҳои қимматбаҳо ва нодир, хосиятҳои физикӣ-химиявии онҳо, коркарду тоза кардани чунин металлҳо таҳқиқот анҷом дода, пайвастҳои дарёфтиаш ба феҳристи реактивҳои нави химиявӣ ворид гаштаанд. Теъдоди таълифоташ аз ҳаштод мегузарад. 13-уми сентябри соли 2016 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

**Осор:** Синтез, свойства тетрагидробо-ратов редкоземельных металлов и комплексов на их основе: *Дисс…* док. химич. наук. – *Д.*, 2000.

## ИСЛОМОВ ИКРОМ

(Ба муносибати 100-солагии зодрӯзаш)

Исломов Икром 20-уми октябри соли 1921 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шудааст. Доктори илми тиб (1974), профессор (1976). Иштирокдори Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945). Хатмкардаи ИДТТ ба номи Ибни Сино (1951) аст. Ассистенти кафедраи физиологияи эътилолии ИДТТ (1951-1957), дотсенти кафедраи анатомия ва физиологияи ҳайвоноти Донишкадаи давлатии хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (1957-1960), дотсенти кафедраи физиологияи эътилолии ИДТТ ба номи Ибни Сино (1960-1983) кор кардааст.

Муаллифи зиёда аз 40 асару мақолаи илмист, ки ба масъалаҳои истифодаи изотопҳои радиоактив дар тиб ва омӯзиши мубодилаи байнирагӣ ҳангоми ихтилоли раванди микросиркулятсия бахшида шудаанд. Яке аз аввалинҳо шуда дар тибби Тоҷикистон нишонаатомҳоро кор фармуд. Соли 1984 дар шаҳри Хуҷанд вафот кардааст.

Бо 2 орден ва 7 медал сарфароз гаштааст.

**Осор:** Изучение процессов резорбиции из нормальной и воспаленной кожи с помощью мочевых атамов. – Сталинабад, 1959; Трансосудистный обмен жидкости и белков при токсическом отеке легких: Дисс… док. мед. наук. – Пермь, 1972.

## ИСЛОМОВ СУЛТОНМУРОД

(Ба муносибати 70-солагии зодрӯзаш)

Исломов Султонмурод 25-уми октябри соли 1951 дар шаҳри Панҷакат таваллуд шудааст. Доктори илми иқтисодӣ (2000), профессор (2000). Соли 1972 шуъбаи журналистикаи УДТ-ро (ҳоло ДМТ) ба итмом расонда, дар кафедраи иқтисоди сиёсии ҳамин боргоҳи илм чун муаллим, муаллими калон кор кардааст. Солҳои 1977-1980 дар аспирантураи Университети давлатии Маскав хонда, 1981-1996 дотсенти кафедраи иқтисоди сиёсии УДТ, 1996-2005 ноиби ректори Донишкадаи андоз ва ҳуқуқи Тоҷикистон оид ба таълим буд. Аз соли 2005 то поёни умр вазифаи мудири кафедраи таърихи иқтисодиёт ва афкори иқтисодии Донишкадаи иқтисоди ҷумҳуриро адо кардааст.

Ба таҳқиқи афкори иқтисодии мардуми форс-тоҷик шуғл варзида, сари он таълифоти арзишманд ба мерос гузоштааст. Бобҳои алоҳидаи асари шашҷилдаи «Таърихи афкори иқтисодии ҷаҳон» (чопи Маскав, солҳои 1984-1990) ба қаламаш тааллуқ доранд. Теъдоди таълифоташ аз сад мегузарад. 22-юми майи соли 2013 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

**Осор:** К. Маркс – вождь международного пролетариата и трудящихся всего мира. – *Д*., 1983; Афкори иқтисодии мутафакиронаи тоҷик. – *Д*., 1990; Афкори иқтисодии мутафакиронаи тоҷик дар Эҳёи Аҷам. – *Д*., 1998; Проблемаҳои иқтисодӣ дар осори Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ. – *Д*., 1999; Экономическая система восточного феодального и её отражение в твориства таджикских мыслителей: *Дисс*… док. эконом. наук. – М., 2000; Очерки истории экономической мысли таджикского народа эпохи феодализма. – *Д*., 2002; Олим ва омӯзгор. – *Д*., 2002 (ҳам-

муаллиф); Таърихи назарияи иқтисодӣ. Китоби дарсӣ. – Д., 2001; Очерки истории экономической мысли таджикского народа в эпоха феодализма. – Д., 2002; Таърихи иқтисодиёти мамлакатҳои хориҷӣ. – Д., 2003; Очеркҳои таърихи афкори иқтисодии халқи тоҷик дар давраи феодализм. – Д., 2006; Таърихи иқтисодиёти мамлакатҳои хориҷӣ. Дастури таълимӣ. – Д., 2007; Таърихи назариёти иқтисодӣ. Дастури таълимӣ. – Д., 2008; Назарияи иқтисод. Дастури таълимӣ. – Д., 2010; Назарияи иқтисодӣ. Нуқоти муҳим. – Д., 2013.

Адабиёт: Қараев Ф. Султони илму ирфон. – Д., 2018.

## ШОМАНСУРОВ САИДАМИР

(Ба муносибати 55-солагии зодрӯзаш)

Шомансуров Саидамир 29-уми октябри соли 1951 дар шаҳри Хоруғи ВМКБ таваллуд шудааст. Доктори илми биологӣ (1995), профессор (1998). Факултаи физикаи УДТ-ро (ҳоло ДМТ) соли 1974 ба охир расонда, дар Пажӯҳишгоҳи Помири АИ Тоҷикистон чун ходими илмӣ фаъолият намудааст. Баъди хатми (1983) аспирантураи Институти физиологияи рустании АИ СССР (ш. Маскав) фаъолияташро дар Пажӯҳишгоҳи биологии Помир идома дода, вазифаҳои ходими калони илмӣ, муовини директор оид ба илмро (1983-1998) иҷро кардааст. Аз соли 1995 ҳамзамон дар Донишгоҳи давлатии ш. Хоруғ ба номи М. Назаршоев ба сифати дотсент ва профессори кафедраи биологияи умумӣ заҳмат кашидааст.

Бобати таъсири ултрафиолетӣ ба нашъунамои рустанӣ дар шароити баландкӯҳ, истифодаи обҳои гарми зеризаминӣ дар сабзаваткорӣ аз мавзуъҳоянд, ки мавриди таҳқиқоташ қарор гирифтаанд.

**Осор:** Влияние ультрафиолетовой радиации на рост листьев фасоли и динамика в их природных регуляторов роста в условиях высокогорья Памира. – М., 1983; Реакция растений на УФ свет и другие экологическое факторы высокогорий Памира. – М., 1995; Овощеводство на термальных водах Памира. – Д., 1995 (соавтор); Геотермальные воды Памира и вопросы комплексного их использования. – Д., 1999 (соавтор); Рекомендации по комплексному использованию тепла геотермальных вод Памира. – Хорог, 1999.

## ШАКУРӢ (ШУКУРОВ) МУҲАММАДҶОН

(Ба муносибати 95-солагии зодрӯзаш)

Муҳаммадҷон Шакурӣ 30-юми октябри соли 1926 дар шаҳри Бухоро таваллуд шудааст. Доктори илми филологӣ (1971), профессор (1978), академики Академияи илмҳои Тоҷикистон (1987), Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ (1991), дорандаи Ҷоизаҳои давлатии ба номи Рӯдакӣ (1994) ваСино (2009). Соли 1945 Институти давлатии педагогии ш. Душанберо (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ) ба поин оварда, дар ҳамин ҷо ва Институти давлатии педагогии ш. Кӯлоб дарс додааст. Аз соли 1951 дар Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон аввал ба сифати ходими калони илмӣ ва аз соли 1959 мудири шуъбаи адабиёти советии тоҷик заҳмат кашида, чанде дар раъси кумитаи истилоҳоти АИ Тоҷикистон қарор дошт.

Аз аламгустарони илм миёни тоҷикон мебошад, тӯли умри бобаракати хеш зиёда аз панҷоҳ асари илмӣ, пажӯҳишӣ, омӯзгорӣ, адабиётшиносӣ, мардумшиносӣ, услубшиносӣ, матншиносӣ, фарҳангшиносӣ ва ғайра ба

мерос гузоштааст. Осораш ҳамчун нигине дар тоҷдони маъхази пурғановати адабиётшиносии миллӣ муаррифӣ мегардад. Дар рушди каломи тоҷикӣ ва рӯи кор овардани Қонун «Дар бораи забон» (соли 1989) ҳиссаи бориз гузошт. Бо саъю талошаш бисёр паҳлӯҳои адабиётшиносии тоҷик бозтоби дигар дида, назарияи нав дар омӯзиши он ба миён омад. Талошҳояш мавриди покии забон, ҳузури мантиқ дар сухан, рафъи ғалат дар хат, дифоъ аз фарҳанги миллӣ, поси хотири бузургмардони миллат барои уламои баъдӣ маҳаки ифтихор ва тақлид қарор гирифтаанд. Ин донишманди беназир ҳеҷ гоҳе пажӯҳишоту таҳқиқоти илмиашро ҳақиқати кулл ва бурҳони қотеъ намехонд, гарчанд бо фарогирии афкор ва паҳнои эҷод фарқ мекард. Солҳои охири ҳаёт-даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон олими барҷаста ба як чеҳраи мондагори сиёсӣ низ табдил ёфт, аз сутунҳои пойдевори худшиносии миллӣ дар қарни ХХ1 гардид. Ҷиддан ба масоили худшиносии миллӣ, ҷомеашиносӣ, омӯзиши забони миллӣ шуғл варзида, як идда осори мондагор ба мерос гузошт. Хидматаш дар эҷоди «Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик» (1957), «Фарҳанги забони тоҷикӣ (ду ҷилд, 1969), «Фарҳанги тафсирии форсӣ-тоҷикӣ» (2006) ва ғайра калон аст. 16-уми сентябри соли 2012 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

Бо ордени «Дӯстӣ» сарфароз гардидааст.

**Осор:** Маҷмӯаи диктант ва нақлҳои хаттӣ. – Сталинобод, 1949; Методикаи забони тоҷикӣ. – Сталинобод, 1951; Корҳои контролӣ аз курси «Адабиёти классикии тоҷик дар асрҳои XVI-IX». – Сталинобод, 1952; Маҷмӯаи диктант ва текстҳо. – Сталинобод, 1952; Обидейных и художественных особенностях «Воспоминаний С. Айни». – Сталинабад, 1954; Хусусиятҳои ғоявию бадеии осори С.

Айнӣ. – Сталинобод, 1955; Сотим Улуғзода. – Сталинобод, 1961; Анъана, халқият, маҳорат. – Д., 1964; Методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаби ибтидоӣ. Китоби дарсӣ. – Сталинобод, 1956 (ҳаммуаллиф); Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик. Қисмҳои 1, 2. – Сталинобод, 1957 (ҳаммуаллиф); Русская литература. Хрестоматия для 9. классов в тадж. школе. – Сталинабад, 1956 (соавтор); Маҷмуаи диктант ва нақлҳои хаттӣ. Қисми 2. – Сталинобод, 1958 (ҳаммуаллиф); Намунаи фолклори диёри Рӯдакӣ. – Сталинобод, 1958; Раҳим Ҷалил. Очерки мухтасари эҷодиёт. – Сталинобод, 1959; Очерк истории Таджикской Советской литературы. – М., 1961; Луғати истилоҳоти адабиётшиносӣ. – Д., 1964; Методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаби ибтидоӣ. – Д., 1964; Анъана, халқият ва маҳорат. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Д., 1964; Хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо» -и устод С. Айнӣ. – Д., 1966; Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад. – Д., 1968 (нашри 2, 1985); Проблемы жанра и стиля в современной таджикской прозы: Дисс… док. филол. наук. – М., 1970; Диди эстетикии халқ ва насри реалистӣ. – Д., 1973; Анъана ва навоварӣ. – Д., 1976; Паҳлӯҳои таҳқиқи бадеӣ. – Д., 1976; Садриддин Айнӣ. – Д., 1978 (бо ҳуруфи арабӣ); Насри Ҷалол Икромӣ. – Д., 1979 (ҳаммуаллиф); Пайванди дӯстӣ ва бадхоҳони он. – Д., 1979 (ҳаммуаллиф); Насри солҳои 1945-1974. – Д., 1980; Пайванди замонҳо ва халқҳо. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Д., 1982; Обновление. Таджикская проза сегодня. – М., 1986; Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ. – Д., 1987; Мактаби одамият. – Д., 1991; Забони мо – ҳастии мост. – Д., 1991; Хуросон аст ин ҷо. – Д., 1996; Нашри дуюм. – Д., 2009; Истиқлол ва худшиносии иҷтимоию маънавӣ. – Д., 1999; Садриддин Айнӣ – равшангари бузурги таърихи тоҷикон. – Хуҷанд, 2001; Садри Бухоро. –

Теҳрон, 2002 (бо хатти форсӣ); Инсонгароии омӯзиш ва забони миллӣ. – *Д.*, 2002; Сарнавишти форсии тоҷикии Фароруд дар садаи бист. – *Д.*, 2003; Ҷусторҳо дар бораи забону адабиёт ва фарҳанги Тоҷикистон. – Теҳрон, 2003 (бо хатти форсӣ); Рӯзномаи Садри Зиё. – Теҳрон, 2003 (бо хатти форсӣ); The personal History of a Bukharan intellectual. – Boston, 2004; Садри Бухоро. – *Д.*, 2005; Нигоҳе ба адабиёти тоҷики садаи бист. – *Д.*, 2006; Равшангари бузург: Дар бораи устод С. Айнӣ. – *Д.*, 2006; Забони миллӣ ва ҷаҳонгаройӣ. – *Д.*, 2010; Фитнаи инқилоб дар Бухоро. – *Д.*, 2010; Пантуркизм ва сарнавишти таърихии тоҷикон. – *Д.*, 2012.

**Адабиёт:** Раджабов М, Шарифова М. Мухаммаджан Шукуров. Материалы к биобиблиографии ученых Таджикистана. – *Д.*, 1986; Ҷустуҷӯҳои адабӣ. Маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба 70-солагии М. Шакурӣ. – *Д.*, 1996; Шамъи анҷуман. Маҷмуаи мақолаҳо ба ифтихори 70 солагии академик М.Шакурӣ. – Х., 1996. Меҳрнома: Ҷашнномаи 80-солагии устод Муҳаммадҷон Шакурӣ. – *Д.*, 2006 (бо хатти форсӣ); Абармарди илму фарҳанг. Маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба 80-солагии М. Шакурӣ. – *Д.*, 2006; Осорномаи Муҳаммадҷон Шакурӣ. – *Д.*, 2007; Офтоби субҳи фардо. Соядастҳо. – *Д.*, 2012.

## САИДУМАРОВ САИДМАҲМУД

(Ба муносибати 55-солагии зодрӯзаш)

Саидумаров Саидмаҳмуд 31-уми октябри соли 1921 дар шаҳри Қрим таваллуд шудааст. Доктори илми тиб (1963), профессор (1965). Аз аввалин хатмкунандаи (1944) ИДТТ ба номи Ибни Синост. Солҳои 1945-1949 дар беморхонаи марказии ш. Турсунзода ба сифати духтури ҷарроҳ ва сардухтур кор карда, аз соли 1950 то 1963 ординатор, ас-

систент ва дотсенти кафедраи ҷарроҳии факултавии ИДТТ ба номи Ибни Сино буд. Аз соли 1964 дар Институти давлатии тиббии ш. Владивосток вазифаҳои гуногунро адо намудааст.

Бобати инсидоди сӯрох дар ҷарроҳӣ, роҳҳои ҷарроҳии захми шикастапораҳои металлӣ дар бадан, захмбандии раг ва ғайра беш аз шаст таълифот ба хидмат овардааст. Методикаи махсуси захмбандии шохаҳои роҳи нафаскаширо роҳандозӣ кардааст. Соли 1991 дар шаҳри Владивосток вафот кардааст.

**Осор:** Экстрадуральная атрезия по материалам факультетской хирургической клиники. – Сталинабад, 1953; Последствия одиночных и комбинированных перевязок сосудов и бронхов легкого в эксперименте. – М., 1964.

## МАНСУРОВ МАРАТ

(Ба муносибати 75-солагии зодрӯзаш)

Мансуров Марат 1-уми ноябри соли 1946 дар шаҳри Тошканд таваллуд шудааст. доктори илми химия (1997), профессор (1998). Соли 1970 факултаи химияи УДТ (ҳоло ДМТ) ва 1973 аспирантураи Университети давлатии Ленинградро (ҳоло Санкт-Петербург) ба итмом расонда, дар УДТ фаъолият доштааст. Вазифаҳои муаллим, муаллими калон, дотсенти кафедраи химияи физикӣ ва коллоидӣ (1974-1988), мудири ҳамин кафедраро (1989-1999) иҷро намудааст. Аз соли 2000 берун аз ҷумҳурӣ зиндагӣ дорад.

Оид ба кинетикаи реаксияҳои химиявӣ, роҳҳои занг набастани мисс ва дигар металлҳо тариқи оксидонӣ, химияи коллоидӣ ва ғайра беш аз сад таълифот ба хидмат овардааст. Соҳиби дувоздаҳ ихтироот мебошад.

**Осор:** Кинетика химических реакций. Учебное пособие. – Д., 1975; Оксредметрическое изучение комплексообразования меди (П) в водных растворах одноосновных кислот. Методические разработки. – Д., 1987 (соавтор); Новые химические реактивы. – Д., 1988 (соавтор); Перренатный ионоселективный электрод. – Д., 1988 (соавтор); Новые ионоселективные электроды. – Д., 1989 (соавтор); Контрольные вопросы и задачи по кинетике химических реакций. – Д., 1992 (соавтор); Карбоксилатные комплексы на основе железа (III), хрома (III) и кобальта (III) и аспекты их применения: Дисс… док. химич. наук. – Д., 1997.

## НАЗАРЗОДА САЙФИДДИН

(Ба муносибати 65-солагии зодрӯзаш)

Назарзода Сайфиддин 3-юми ноябри соли 1956 дар деҳаи Танобчии ноҳияи Темурмалик таваллуд шудааст. Доктори илми филологӣ (2004), профессор (2011), узви вобастаи АИ Тоҷикистон (2017), Корманди шоистаи Тоҷикистон (2016). Соли 1980 баъди хатми факултаи забонҳои шарқи Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) ба сифати тарҷумони низомӣ дар Афғонистон (1980-1984) хизмат намуда, солҳои 1984-1985 сарлаборанти кафедраи филологияи Эрони факултаи забонҳои шарқи УДТ, 1985-1990 муҳаррири гуфторҳои хориҷии Радиои Тоҷикистон, 1990-1992 корманди калони илмӣ ва котиби илмии Кумитаи ҷумҳуриявии истилоҳоти наз-ди АИ Тоҷикистон, 1992-1993 директори барномаҳои Радиои Тоҷикистон, 1993-2000 муовин ва 2000-2006 раиси кумитаи ҷумҳурявии исти-

лоҳоти назди АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2006-2011 директори Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ ҶТ, 2011-2014 декани факултаи забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буд. Солҳои 2014-2017 директори Китобхонаи миллии Тоҷикистон кор кардааст.

Дар самту ҷанбаҳои гуногуни забоншиносӣ-лексикологияи забони форсӣ, пажӯҳиши забони осори хаттии классикӣ фаъолият намуда, ҷиҳати ғанӣ гардондани хазинаи луғавии забони тоҷикӣ талош ба харҷ додааст. Хидматаш бахусус дар таҳияю тартиби яке аз соҳаҳои муҳими лексикология-истилоҳот, минҷумла истилоҳоти иҷтимоию ҷамъиятӣ ва сиёсӣ, коргузорӣ калон аст. Дар таҳияю таҳрири чандин фарҳанги дузабона (русӣ-тоҷикӣ) аз қабили «Луғати истилоҳоти иқтисодӣ», «Луғати русӣ ба тоҷикии истилоҳоти ҳарбӣ», «Фарҳанги истилоҳоти масолеҳи иншооти обёрӣ», «Асноди додрасии тафтишоти пешакӣ», «Луғати мухтасари русӣ-тоҷикии истилоҳоти гумрук» ва ғайра ширкат варзидааст.

Муҳаррири масъули «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (дар ду ҷилд) мебошад.

**Осор:** Фарҳанги мухтасари истилоҳоти коргузорӣ (русӣ-тоҷикӣ). – Д., 1993; Аҷоиб-ул-махлуқот ва вожашиносии таърихи форсӣ-тоҷикӣ. – Д., 1999; Забон ва истилоҳот. – Д., 2003; Таджикская общественно-политическая терминология: история направления и перспективы: Дисс… док. филол. наук. – Д., 2004; Лингвистическое изучение классических письменных памятников: На примере «Аджайиб ул-махлукат ва гарайиб ул-мавджудат» Ахмади Туси. – Д., 2004; Ташаккули истилоҳоти иҷтимоӣ-сиёсии забони тоҷикӣ дар садаи ХХ. – Д., 2004; Фарҳанги мухтасари истилоҳоти коргузорӣ (англисӣ-русӣ-тоҷикӣ-форсӣ).

– *Д*., 2005; Фарҳанги мухтасари истилоҳоти иҷтимоӣ ва сиёсӣ. – *Д*., 2006; Забон ва ваҳдати миллӣ. – *Д*., 2007; Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гаройиш ва дурнамо. – *Д*., 2014; Имло ва забони адабӣ. – *Д*., 2015.

**Адабиёт:** Гавҳаршиноси маънӣ. – *Д*., 2016.

## РАҲИМОВ САЪДУЛЛО ХАЙРУЛЛОЕВИЧ

(Ба муносибати 70-солагии зодрӯзаш)

Раҳимов Саъдулло 8-уми ноябри соли 1951 дар ноҳияи Роменти вилояти Бухоро таваллуд шудааст. Доктори илми фалсафа (2007). Факултаи забон ва адабиёти руси Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ)-ро соли 1974 хатм карда, дар Институти фалсафаи АИ Тоҷикистон фаъолият намуда, аз лаборант то котиби илмӣ расидааст. Бо танаффус 1987-1993, 1995-1997 директори киностудияи «Тоҷикфилм», 1997-1998 муовини раиси Кумитаи телевизион ва радиошунавоии ҷумҳурӣ заҳмат кашидааст. Таҳқиқгари муваффақи синои тоҷик ба шумор меравад, аз соли 2011 котиби Иттифоқи кинематографистони Тоҷикистон мебошад.

Бобати таърихи афкори эстетикии халқи тоҷик, марҳилаҳои он, эстетика ва ақоиди фалсафии зардуштия таҳқиқоти судманд анҷом додааст. Муаллифи сенария, коргардони бисёр филмҳои ҳуҷҷатӣ, аз қабили «Занонсармоядорон», «Маҳваш», «Сайёҳат дар Ватан», «Арӯсак», «Ҷойҳои муқаддас», «Насими Қаратоғ», «Ман мунаққиди одилам», «Академик Диноршоев», силсилафилмҳо дар бораи ВМКБ: «Ишкошимиҳо», «Рӯшониҳо», «Гулбек» аст. Ҳаммураттиби китоби «Энсиклопедияи киноси Тоҷикистон», (*Д*., 2012, ба русӣ) мебошад.

**Осор:** Характерные особенности таджикского искусства в период развитого социализма. – Д., 1978; Нури парда. – Д., 2004 (тоҷикӣ ва русӣ); Таджикский народный театр. – Д., 2005 (ҳаммуаллиф); Из истории эстетических воззрений таджикского народа. – Д., 2005; Три этапа из истории эстетических воззрений таджикского народа. – Д., 2006; Эстетика зороастризма. – Д., 2006; Философско-эстетические идеи зороастризма: Дисс… док. филос. наук. – Д., 2007; Из одиночества-с любви. – Д., 2009; Документальное кино в фокусе. – Д., 2011; Нури ситораи хомӯш. Зиёдулло Шахидӣ ва суннатҳои бадеии мусиқии тоҷик. – Д., 2015 (ҳаммуаллиф).

## ҲАБИБОВ САФИУВЛО

(Ба муносибати 70-солагии зодрӯзаш)

Ҳабибов Сафиувло 10-уми ноябри соли 1941 дар деҳаи Урметани ноҳияи Айнӣ таваллуд шудааст. Доктори илми иқтисодӣ (1989), профессор (1993), Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон (1997). Факултаи иқтисодии УДТ-ро (ҳоло ДМТ) соли 1964 ба итмом расонда, дар ҳамин ҷо ба ҳайси ассистент, муаллими калон, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти савдо (1964-1987), дотсенти кафедраи иқтисод ва идораи комплекси агросаноатӣ (1987-1990) кор кардааст. Солҳои 1990-1992 муовини директори Пажӯҳишгоҳи иқтисодии назди Президенти Тоҷикистон, 1993-2002 мудири кафедраи иқтисоду ташкили соҳибкорӣ ва декани факултаи иқтисоду менеҷмент, 2002-2011 ноиби ректор оид ба муносиботи байналмилалии Донишкадаи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 2011-2012 мудири кафедраи иқтисоди ҳамин донишгоҳ буд. Аз соли 2012 профессори кафедраи мазкур мебошад.

Оид ба масоили иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ, соҳибкории хурду миёна, ислоҳоти иқтисодӣ, проблемаҳои назариявӣ ва амалии натоиҷи фаъолияти молиявии корхонаюташкилот, стратегияи инкишофи босуръат ва шиддатафзоии тараққиёти тиҷорати ҷумҳурӣ ва ғайра беш аз 150 асару мақола навиштааст. Саҳмаш дар таҳқиқ ва ҷорӣ намудани низоми кредити меҳнатии ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ калон аст.

**Осор:** Тематика лекций и научно-теоретических конференций по вопросам экономики. – Д., 1977; Торговые скидки, издержки обращения и рентабельность торговли. Учебное пособие. – Д., 1982; Сфера услуг на современном этапе. – Д., 1984; Торговля в перестройке. – Д., 1988; Интенсификация развития торговля в перестройке. – Д., 1989; Тиҷорат дар замони бозсозӣ. – Д., 1989; Шиддатафзоии инкишофи тиҷорат. – Д., 1989; Иқтисодиёти бозорӣ. Китоби дарсӣ. – Д., 1994 (ҳаммуаллиф); Массовое питание. Учебно-методическое пособие. – Д., 1997 (соавтор); Луғати истилоҳоти иқтисодӣ (русӣ-тоҷикӣ). – Д., 2000 (ҳаммуаллиф); Иқтисоди корхонаҳои хурд. – Д., 2001; Бозори истеъмолии Тоҷикистон. – Д., 2003 (ҳаммуаллиф); Менеҷмент. Китоби дарсӣ. – Д., 2003 (ҳаммуаллиф); Бозор ва соҳибкорӣ: фаъолияти машваратӣ. – Д., 2004; Масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии савдои чакана. – Д., 2004; Проблемы повышения эффективности розничной торговли. – Д., 2004 (соавтор); Соҳибкории хурд. – Д., 2006; Тиҷорати байналхалқӣ. Қитоби дарсӣ. – Д., 2007 (ҳаммуаллиф).

**Адабиёт:** Илмат ба амал чу ёр гардад... – Д., 2001; Восеъ Қ. Саҳми профессор С. Ҳабибов дар илми иқтисод. – Д., 2001.

## АБИБОВ (ҲАБИБОВ) АМИРБЕК

(Ба муносибати 105-солагии зодрӯзаш)

Абибов Амирбек 11-уми ноябри соли 1916 дар деҳаи Рини ноҳияи Ишкошим таваллуд шудааст. Доктори илми филологӣ (1990). Соли 1957 факултаи таъриху филологияи УДТ-ро (ҳоло ДМТ) ба поён овардааст. Фаъолияти меҳнатиаш аз соли 1932 оғоз ёфта, ба ҳайси муаллим, директори мактаби миёна, нозири маориф (1932-1943), корманди иттифоқҳои касаба ва идораҳои ҳизбии н. Ишкошим кор кардааст. Аз соли 1958 то поёни умр дар Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии АИ Тоҷикистон ба сифати ходими илмӣ, ходими калони илмӣ, ходими пешбари илмӣ фаъолият доштааст.

Меҳвари аслии таҳқиқоташро таъйини хусусиятҳои адабии доираҳои манотиқи гуногуни Тоҷикистон ташкил медиҳад. Зимни пажӯҳиш ва баррасии сарчашмаҳои гуногуни адабӣ – тазкираҳо, баёзҳо, чунгҳо тарҷумаи ҳол ва осори зиёди шоирони доираҳои адабии Хатлон, Бадахшон, Рашт, Зарафшон, Ҳисор ва дигар минтақаҳоро муайян намудааст. Мураттиби китобҳои «Рубоиёти халқӣ ва китобӣ» (1981) ва «Баёзи ҷавоҳироти сухан» (1987) мебошад. 17-уми ноябри соли 1998 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

**Осор:** Ганҷи Бадахшон. – Д., 1972; Народные и письменные четверостишия. – Д., 1981; Аз таърихи адабиёти тоҷик дар Бадахшон. – Д., 1981; Ганҷи парешон. – Д., 1984; Ганҷи Зарафшон. – Д., 1984; Доираҳои адабии Бухорои Шарқӣ. – Д., 1984; Литературная жизнь Восточной Бухары и Бадахшана (XIX -начало xx вв.): Дисс... док. филол. наук. – Д., 1990; Аз ганҷинаи адабии Ҳисор. – Д., 1995.

## ШАРИФОВ ТАҚДИРШОҲ

(Ба муносибати 65-солагии зодрӯзаш)

Шарифов Тақдиршоҳ 14-уми ноябри соли 1956 дар ноҳияи Қумсангир таваллуд шудааст. Доктори илми ҳуқуқ (2008), профессор (2010), Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон (2011). Соли 1985 факултаи ҳуқуқшиносии УДТ-ро (ҳоло ДМТ) ба поин оварда, дар ҳамин ҷо фаъолияташро шурӯъ намуд ва беш аз сӣ сол идома мебахшад. Вазифаҳои муаллим, дотсент (1985-1993), муовини декани факултаи ҳуқуқшиносӣ (1994-2006) иҷро кардааст. Аз соли 2007 мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноӣ ва криминалистика мебошад.

Оид ба масоили назариявии татбиқи ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноӣ, шартан озод намудан аз адои ҷазо, дигар ҷанбаҳои ҳуқуқи ҷиноӣ қариб сад таълифот аз даст баровардааст. Чун узви фаъоли гурӯҳи корӣ дар тайёр намудани лоиҳаи «Кодекси ҷиноии Тоҷикистон» (1998), «Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Тоҷикистон» (2001) ва дигар санаду ҳуҷҷатҳо иштирок намудааст.

**Осор:** Институт условного осуждения в уголовном праве: Развитие юридическая природа применения. – Д., 1997; Асосҳои давлат ва ҳуқуқ (воситаи санҷишӣ-тестӣ). – Д., 2001 (ҳаммуаллиф); Оила дар ҳифзи қонун. – Д., 2001 (ҳаммуаллиф); Шартан озод кардан аз адои ҷазо: назария, қонунгузорӣ ва амалия. – Д., 2003; Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ. – Д., 2004 (ҳаммуаллиф); Тафсири Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон. – Д., 2006 (ҳаммуаллиф); Институти шартан татбиқ кардани ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ: масоили назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалия. – Д., 2006; Институт условного неприменения наказания в

уголовном праве: Проблемы теории, законодательства и практики. – Д., 2006.

## МӮСОЕВ МАҲМУД
(Ба муносибати 100-солагии зодрӯзаш)

Мӯсоев Маҳмуд 17-уми ноябри соли 1921 дар деҳаи Кулангири шаҳри Хуҷанд таваллуд шудааст. Доктори илми таърих (1965), профессор (1966). Иштирокдори Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945). Соли 1949 Институти ҳуқуқи ш. Тошкандро хатм карда, дакр КМ ПК Ӯзбекистон ба сифати нозир фаъолият доштааст. Солҳои 1958-1961 муовини директори Институти таърихи партияи назди КМ ПК Ӯзбекистон, 1961-1981 мудири кафедраи таърихи КПСС-и Институти хоҷагии халқи ш. Тошканд буд.

Оид ба нақши ҳизби коммунист дар пешбурди ҳаёти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоии Ӯзбекистон ва дигар ҷамоҳири Осиёи Миёна таълифоти зиёд ба хидмат овардааст.

Бо ду ордени Ҷанги Ватанӣ, орденҳои Ситораи Сурх ва «Нишони Фахрӣ» қадр ёфтааст.

**Осор:** Узбекская ССР. Краткий очерк. – М., 1959; Вопросы коммунистического воспитания трудящихся. – Ташкент, 1972; Советский Узбекистан в братской семье народов СССР. – Ташкент, 1974; XXV съезд КПСС и его историческое значение. – Ташкент, 1977; История Узбекской ССР. Учебное пособие для 9-10-х классов. – Ташкент, 1978 (соавтор); Упрочение и развитие социалистического общества в Средней Азии. – Ташкент, 1979; Славный путь борьбы и побед. – Ташкент, 1979.

## АҲМАДОВ КАМОЛИДДИН

(Ба муносибати 95-солагии зодрӯзаш)

Аҳмадов Камолиддин 21-уми ноябри соли 1926 дар деҳаи Понғози ноҳияи Ашт таваллуд шудааст. Доктори илми кишоварзӣ (1987). Соли 1954 факултаи зоотехникии Институти давлатии хоҷагии қишлоқи Тоҷикистонро (ҳоло ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур) хатм карда, дар ноҳияҳои Ашт ва Шаҳритус ба сифати зоотехник фаъолият доштааст. Солҳои 1959-1962 аспиранти Институти умумииттифоқии чорводорӣ (ш. Маскав), 1963-1971 ходими илмӣ ва ходими калони илмии Институти илмӣ-таҳқиқотии чорводории Тоҷикистон буд. Аз соли 1972 то поёни умр мудири шуъбаи Тоҷикистонии Институти умумииттифоқии илмӣ-таҳқиқотии гӯсфанди қароқулпарвариро ба зимма дошт.

Оид ба масъалаҳои парвариш ва селексияи гӯсфанди қароқӯлӣ дар шароити чарогоҳи кӯҳӣ, бехтар кардани зот ва маҳсулнокии он қариб ҳаштод асару мақола навиштааст. Иштирокдори чандин симпозиуму конфаронси байналмилалии зотпарварӣ буд. 12-уми октябри соли 1988 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

Бо медалҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии Тоҷикистон қадр шудааст.

**Осор:** Селекционно-племенная работа Госплемзавода «Кабадиан». – *Д.*, 1979; Каракулеводство Таджикистана. – *Д.*, 1978; Рекомендации по племенной работе в каракулеводстве Таджикистана. – *Д.*, 1981; Русско-таджиксикӣ и таджикско-русский терминологический словарь по каракулеводству. – *Д.*, 1982 (соавтор); Рекомендации по совершенствованию серых каракульских овец в Таджикистане. – *Д.*, 1987.

## БАҲОВАДДИНОВ АЛОВАДДИН

(Ба муносибати 110-солагии зодрӯзаш)

Баҳоваддинов Аловаддин 5-уми декабри соли 1911 дар шаҳри Самарқанд таваллуд шудааст. Доктори илми фалсафа (1951), профессор (1952), академики АИ Тоҷикистон (1953), Ходими шоистаи илми Тоҷикистон (1961), дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Сино (1967). Иштирокдори Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945). Солҳои 1927-1931 дар Институти маориф, Техникуми бадеӣ ва Омӯзишгоҳи педагогии Самарқанд хонда, чанде дар Академияи педагогии ин шаҳр аз психология дарс додааст. Солҳои 1932-1934 дар Академияи педагогии Самарқанд хонда, ба Душанбе омад ва муддате ба ҳайси ёвари раиси Шӯрои комиссарони халқи Тоҷикистон хидмат намуд. Солҳои 1936-1940 ва 1946-1951 дар ИДПД (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ) дарс дода, 1951-1959 мудири шуъбаи фалсафаи АИ Тоҷикистон ва ҳамзамон 1951-1961 мудири кафедраи фалсафаи УДТ (ҳоло ДМТ) буд. Аз соли 1961 то поёни умр вазифаи директори Институти таърихи партияи назди КМ ПК Тоҷикистонро адо намудааст.

Бешубҳа, аз донишмандони барҷастаи тоҷик аст, ки дар ташаккулу такомули илми фалсафа, пешбурди маорифи халқ, тайёр кардани мутахассисон саҳми муносиб гузоштааст. Соли 1957 дар Мактаби олии ҳизбии Ветнам аз фалсафа дарс дода, аз маҳорати педагогиаш дар дигар давлатҳои хориҷӣ низ баҳра бардоштаанд. Аввалин бор ҷиддан ба таҳлили ақоиди илмию фалсафии Абуалӣ ибни Сино пардохта, бо асноду мадраки фаровон мавқею мақоми таърихии Шайхурраисродар пешбурди афкори маънавии халқи тоҷик ва тамаддуни ҷаҳонӣ муайян кард.

Хидматаш дар баррасии ақидаҳои фалсафию иҷтимоии мутафаккирони асрҳои миёнаи Шарқи Наздик ва Миёна (Ибни Рушд, Ибни Боҷа, Ибни Халдун, фалсафаи Ихвон-ус-сафо ва ғайра) ниҳоят калон аст. Дар омӯзиши таълимоти мактабу ҷараёнҳои мухталиф ва ҷаҳонбинии намояндагони барҷастаи онҳо чун Аҳмади Дониш ва пайравонаш низ ҷиддият нишон дода, ба пешрафти афкори ҷамъиятию сиёсии ҳаммиллатони хеш мусоидат намудааст. Пажӯҳишаш мавриди ташаккулу инкишоф ва ба ҳамназдикшавии миллатҳо сазовори таҳсин аст. 23-юми феврали соли 1970 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

Бо орденҳои Ленин, Байрақи Сур-хи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ» ва медалҳо қадр ёфтааст.

**Осор:** Материалҳо аз фанни педагогика. – Сталинобод, 1940; Материалы по педагогике. – Сталинабад, 1940; Философские взгляды Авиценны в его книге «Даниш-намэ». – М., 1947; Сиасет-намэ. Книга о правлении вазира XI столетия Низам ал-Мулька. – М., 1949; Из истории общественно-политической мысли таджикского народа второй половины XIX и начала XX вв: Дисс… док. филос. наук. – М., 1950; Развитие столицы Таджикской ССР. – Сталинабад, 1952 (соавтор); Ибни Сина. Даниш-намэ. Книга знания. Перевод и предисловие. – Сталинабад, 1957; К вопросу о консолидации таджикской нации. – Сталинабад, 1957; Основы диалектического материализма. – Ханой, 1958 (на вьетнамском языке); Марҳалаҳои асосии таърихи тараққиёти фалсафа. – Сталинобод, 1959; Очерки по истории таджикской философии. – Сталинабад, 1961; Роль русского рабочего класса в исторических судьбах таджикского народа. – Д., 1967 (соавтор); Избранные произведение. – Д.,

1980; Очерки по истории таджикской философии. – Д., 2011.

**Адабиёт:** Алоутдин Махмудович Богоутдинов. Библиография. – Д., 1961, (нашри 2-юм 1971); Богоутдинов Алоуддин Махмудович. Материалы к библиографии ученых Таджикистана. – Д., 1981; Олимов К. Машъали роҳи хирад. – Д., 2011; А. М. Богоутдинов-основатель нового исследования философия. – Д., 2011.

### МАДАЛИЕВ НАРИМОН ЭРНАЗАРОВИЧ

(Ба муносибати 90-солагии зодрӯзаш)

Мадалиев Наримон 22-юми декабри соли 1931 дар шаҳри Ваҳдат таваллуд шудааст. Доктори илмҳои геологӣ ва минералогӣ (1992), профессор (1994). Соли 1953 факултаи геологияи УДТ-ро (ҳоло ДМТ) ба итмом расонда, фаъолияташ пурра дар Институти давлатии педагогии ш. Душанбе (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ) ҷараён гирифтааст. Давоми қариб ним аср дар кафедраи ҷуғрофияи табиӣ ва заминшиносӣ заҳмат кашид, ба сифати ассистент, муаллим, муаллими калон, дотсент, профессор дар тарбияи мутахассисони ҷавон саҳм гирифт.

Перомуни қонуниятҳои ҷойгиршавии конҳои маъдан дар манотиқи геотектоникии Тоҷикистони Марказӣ, хоса Яғноб, хусусиятҳои сохторӣ-генетикии конҳои ҳавзаи дарёи Яғноб, проблемаҳои геологияи иқтисодӣ зиёда аз чил кори илмӣ ба табъ расондааст. 4-уми декабри соли 2003 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

**Осор:** Богатства недр Таджикистана. – Д., 1967; Недра Ягноба – на службу народу. – Д., 1976; Закономерности размещения рудных полей и месторождений Ягнобской

геотектонической зоны и их перспективы: Дисс…док.геолого-минерал.наук. – Д., 1991.

## НУРИДДИН САИД

(Ба муносибати 55-солагии зодрўзаш)

Нуриддин (Саид Нуриддин Саид) 25-уми ноябри соли 1956 дар деҳаи Навободи ноҳияи Данғара таваллуд шудааст. Доктори илми фалсафа (2009), профессор (2010), узви вобастаи АИ Тоҷикистон (2017). Соли 1983 Институти давлатии педагогии ш. Душанберо (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ) хатм карда, ба сифати муаллими кафедраи педагогика, кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Институти давлатии педагогии ш. Қурғонтеппа фаъолият намудааст. Солҳои 1988-1991 аспиранти УДТ, 1991-1992 ассистенти кафедраи фалсафа, муовини декани факултаи педагогикаи ИДПҚ ба номи Носири Хусрав, 1994-1996 дотсенти кафедраи фалсафаи ДМТ, 1996-1999 докторанти ҳамин донишгоҳ, 1999-2006 дотсенти кафедраи фалсафаи ДМТ, 2006-2008 сардори раёсати Вазорати маорифи Тоҷикистон, январ-октябри 2008 ректори ДДОТ ба номи С.Айнӣ, октябри 2008-январи 2012 ректори ДМТ, 2012-2020 Вазири маориф ва илми Тоҷикистон буд. Аз моҳи январи соли 2020 Раиси Кумитаи телевизион ва радиои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ба пажўҳиши яке аз масъалаҳои мубраму печидамақому манзалати инсон дар фалсафа даст зада, натоиҷи ковишаш чун комёбии назарраси илми фалсафаи тоҷик дар замони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ аз ҷониби олимони ватанию хориҷӣ эътироф гардидааст. Таҳқиқоташ хоса мавриди мақом, мартаба, қобилият, моҳият, нерўи зеҳнӣ

ва дар маҷмӯъ муаммои инсон дар фалсафаи ду донишманди барҷастаи ҷаҳонӣ -Арастуи юнонӣ ва Ҳаким Ибни Синои тоҷик шоистаи таҳсин аст. Яке аз муаллифони китоби дарсии «Инсон ва ҷомеа» (барои синфҳои 10, 11), «Барномаи таълимии фалсафа» (барои макотиби олии ҷумҳурӣ), ваосити таълимии «Масоили инсон дар фалсафа» (барои донишҷӯёни муассисаҳои олии ҷумҳурӣ) ва ғайра буда, дар мураттабсозии чандин санадҳои муҳими расмии танзимкунандаи соҳаи маориф, дастуру низомнома ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ба забони давлатӣ нақши босазо гузоштааст.

Бо ордени «Шараф» тақдир шудааст.

**Осор:** Проблемы способностей в истории философии. – Д., 1996; Муаммои инсон дар илми ҳикмат. – Д., 1999; Инсон ва ҷомеа. – Д., 2000; Муаммои инсон дар фалсафа. – Д., 2003. (ҳаммуаллиф); Мактаби олӣ. (Қисми 1). – Д., 2007; Человек, его сущность и сущностные силы в философии Аристотеля и Ибн Сины. – Д., 2008; Проблемы человека в философии Аристотеля и Ибн Сины (сопоставительный анализ). – Д., 2009; Сопоставительный анализ учений Аристотеля и Ибн Сины о человеке: Дисс… док. филос. наук. – Д., 2009; Фалсафа: Маҷмӯи саволҳои тестӣ барои имтиҳони ҷорӣ. – Д., 2009 (ҳаммуаллиф); Мактаби олӣ. Қисми 2. – Д., 2010; Таджикский национальный университет. – Д., 2010; Законодательные основы реформы системы образование в Республике Таджикистан. – Д., 2011; Пешвои воҳид ва ҷомеаи муттаҳид. – Д., 2011; Хусусияти пажӯҳиши олами инсонӣ. – Д., 2012; Таълимоти эволюсионӣ. – Д., 2015 (ҳаммуаллиф).

## МАЪРУФОВ РАҲИМ

(Ба муносибати 85-солагии зодрӯзаш)

Маъруфов Раҳим 27-уми ноябри соли 1936 дар шаҳри Истаравшан таваллуд шудааст. Доктори илми техникӣ (1981), профессор (1989), академики АИ Тоҷикистон (1997), Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ (1996). Соли 1959 факултаи физикаи Университети давлатии Тоҷикистонро ба итмом расонда, дар ҳамин ҷо чун ассистент ва муаллим фаъолияташро шурӯъ менамояд, солҳои 1961-1963 дар аспирантураи Институти физикаи АИ Белорус хонда, дар Институти физика ва техникаи ба номи С. Умарови АИ Тоҷикистон корро идома додааст, ҳамчун ходими калони илмӣ, муовини директор (1966-1986), мудири лабораторияи спектроскопияи полимерҳо (1986-1991), директори ҳамин институт (1992-1999) кор кардааст. Ҳамзамон дар Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) ба толибилмони физика солиён сабақ додааст.

Перомуни сохти физики полимерҳои гуногун, спектроскопияи нахи пахта таҳқиқоти судманд анҷом бахшидааст.

**Осор:** Исследования инфракрасных спекторов целлюлёзы и новых типов её производных. – Д., 1964; Спектроскопия хлопка. – М., 1976; Результаты исследования заболевания хлопчатника вилтом в условиях Таджикистана. – Д., 1976; Спектроскопия волокнообразующих полимеров. – Д., 1977; Спектроскопия хлопка: Дисс… док. техн. наук. – Минск, 1981; Молекулярная динамика целлюлёзного волокна. – Д., 1995.

**Адабиёт:** Рахим Марупов. Библиографический указатель. – Д., 1996; Комилӣ А. Дар чорсӯи дониш. – Д., 2006; Рахим Марупов. Библиографический указатель. – Д., 2007.

## НИМАДҶОНОВА КИМИЁҶОН

(Ба муносибати 70-солагии зодрӯзаш)

Нимадҷонова Кимиёҷон 1-уми декабри соли 1941 дар шаҳраки Шайдони ноҳияи Ашт таваллуд шудааст. Доктори илми биологӣ (1992), профессор (1992), Корманди шоистаи Тоҷикистон (1999). Соли 1962 Университети давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) ба охир расонда, дар аспирантураи он таҳсилро идома додааст. Солҳои 1965-1970 ассистент, муаллими калон ва дотсенти кафедраи физиологияи рустаниҳо, 1970-1977 декани факултаи биология, 1978-1986 мудири кафедраи физиологияи рустаниҳои УДТ, 1986-1992 мудири лабораторияи илмӣ-таҳқиқотӣ ва ҳамзамон директори Боғи ботаникии ҳамин донишгоҳ, 1992-1993 дотсенти кафедраи химияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, 1993-1995 профессори кафедраи физиологияи рустаниҳо ва биотехнология, 1995-1999 ноиби ректор оид ба таълими Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур буд. Аз соли 1999 ба кафедраи хоҷагии ҷангал ва бунёди чаманзори донишгоҳи мазкур роҳбарӣ намудааст.

Ба масъалаи омӯзиши пахта, сабзиши тухми он, инчунин юнучқа, бодом, чормағз, ҷараёнҳои физиологӣ ва биохимиявии тухми дарахтони мевагӣ, масъалаҳои физиологии сабзиш, нигаҳдорӣ ва таъсири ҳарорат ба раванди физиологию биохимиявии тухми зироатҳо ва ғайра шуғл варзидааст.

Бо медали «Барои меҳнати шуҷоатнок» ва ордени «Дӯстӣ» қадр шудааст.

**Осор:** Влияние пониженных температур на физиологические процессы в семенах хлопчатника. – Д., 1966; Влияние некоторых гармонов на прорастание семян фи-

сташки и миндаля. – Минск, 1977 (соавтор); Роль покровов в прорастании семян фисташки и миндаля. – Минск, 1977 (соавтор); Возникновение покоя у семян миндаля и фисташки в процессе созревания. – Ленинград, 1981; Лабораторные работы по физиологии растений. – Д., 1983; Интенсивность дыхания созревающих семян фисташки и роль покровов в газообмене зародыша. – Д., 1984; Синтез и исследование биологических свойств комплексных соединений СА. – Д., 1987 (соавтор); Абсцизовая кислота в созревающих, покоящихся и проростающих семенах фисташки. – Новосибирск, 1988; Корҳои лабораторӣ оид ба физиологияи растаниҳо. – Д., 1989; Биокимиёи растаниҳо. – Д., 1999; Биохимия. – Д., 2000; Асосҳои таҳқиқоти илмӣ (Китоби дарсӣ). – Д., 2000; Биокимиёи меваҷот ва сабзавот. – Д., 2005 (ҳаммуаллиф); Тухмипарварии ҷангал. – Д., 2007; Боғдории ороишӣ. – Д., 2013.

## ИСМОИЛОВА МАЛОҲАТ МАҲМУДОВНА

(Ба муносибати 75-солагии зодрӯзаш)

Исмоилова Малоҳат 4-уми декабри соли 1946 дар шаҳри Фарғонаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон таваллуд шудааст. Доктори илми иқтисодӣ (2002), профессор (2008). Соли 1968 факултаи иқтисодии УДТ-ро (ҳоло ДМТ) хатм намуда, дар Пажӯҳишгоҳи иқтисодиёти АИ Тоҷикистон ба сифати лаборанти калон фаъолияташро оғоз бахшидааст. Солҳои 1970-1973 дар аспирантураи ҳамин боргоҳи илмӣ хонда, 1979-1987 муаллими калон ва дотсенти кафедраи иқтисоди сиёсии Институти политехникии Тоҷикистон (ҳоло ДТТ ба номи М. Осимӣ), 1988-1994 мудирикафедраи илмҳои ҷамъиятии Донишкадаи тиҷорати Тоҷикистон буд. Аз соли 1995 дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес

ва сиёсати Тоҷикистон (ш. Хуҷанд) заҳмат кашида, вазифаҳои мудири кафедраи иқтисод ва ноиби ректорро иҷро намудааст.

Бобати фондҳои асосии истеҳсолӣ ва нақши онҳо дар рушди истеҳсолот, мушкилоти бозори озод ва иқтисоди бозаргонӣ, ислоҳоти иқтисоди Тоҷикистон ва ғайра зиёда аз шаст кори илмӣ ба табъ расондааст.

**Осор:** Основные производственные фонды и их роль в расширенном социалистическом производстве. – Д., 1979 (соавтор); Методические указания по подготовке проблемной лекции по теме: «Основные признаки империализма». – Д., 1986 (соавтор); Некоторые проблемы свободного рынка. – Д., 1998; Азбука рыночной экономики. – Х., 1998; Некоторые вопросы реформирования экономики Таджикистана. – Д., 1999; Социально-экономические основы рыночных преобразований в различных странах: На примере Республики Таджикистан: Дисс... док.экон.наук. – Д., 2002; Методическое обучение предмета микроэкономики (в сфере кредитного форма обучения). – Х., 2012 (соавтор); Научно-методические инструкции предмета «Ценообразование» в сфере кредитной системы обучения. – Х., 2013 (соавтор); «Теория экономики» в сфере методических ряд сфер кредитного обучения. – Х., 2014.

## МУРОДОВ ФАЙЗАЛӢ

(Ба муносибати 85-солагии зодрӯзаш)

Муродов Файзалӣ 5-уми декабри соли 1936 дар деҳаи Пушинги ноҳияи Данғара таваллуд шудааст. Доктори илми филологӣ (2006). Факултаи таъриху филологияи УДТ-ро (ҳоло ДМТ) соли 1961 ба поён расонда, фаъолияташ дар Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ

Тоҷикистон гузаштааст, вазифаҳои лаборанти калон, ходими хурди илмӣ, ходими илмӣ, мудири хазинаи фолклорро иҷро кардааст.Аз соли 1972 мудири Ганҷинаи фолклори тоҷики пажӯҳишгоҳро адо намуда, дар нигаҳдорӣ, ҷобаҷогузорӣ ва тартибу низоми маводи ин бойгонии ягона дар Тоҷикистон хизмати арзанда намудааст.

Бештар ба таҳқиқи зарбулмасал ва мақолҳои халқии тоҷикӣ таваҷҷӯҳ намуда, барои дарёфти вариантҳои онҳо талоши зиёд ба харҷ додааст. Мураттиби чандин маҷмӯа, аз қабили «Ё раб, шифо бахш», «Баёзи фолклори тоҷик», «Ҳикмати халқ», «Фолклори Кӯлоб» ва ғайра мебошад. Дар таҳияи «Куллиёти фолклори тоҷик» (дар бист ҷилд), «Куллиёти зарбулмасалҳо» (ҷилдҳои 4, 5 (1982,1992) фаъолона иштирок намудааст. 3-юми апрели соли 2012 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

**Осор:** Бадеҳаҳои халқӣ. – Д., 1969; Ленинбобо. Сурудҳои ҳофизон ва шоирони халқ. – Д., 1971; Бадеҳаҳои халқии тоҷикӣ. – Д., 1987; Вариантнокии зарбулмасал ва мақолҳои халқии тоҷикӣ. – Д., 2001; Фолклори Данғара. – Д., 2001; Таронаҳои фалак. – Д., 2004 (ҳаммуаллиф); Поэтика художественного слова в эпосе «Гуругли»: Дисс… док. филол. наук. – Д., 2006; Воситаҳои тасвири бадеӣ дар ҳамосаи «Гурӯғлӣ». – Д., 2006.

## ВАҲҲОБОВ АНВАР

(Ба муносибати 85-солагии зодрӯзаш)

Ваҳҳобов Анвар 19-уми декабри соли 1936 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шудааст. Доктори илми техникӣ (1982), профессор (1985), дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Сино (1985). Соли 1961 Институти политехникии ш. Ленин-

градро (ҳоло ш Санкт-Петербург) ба итмом расонда, дар Пажӯҳишгоҳи химияи АИ Тоҷикистон ба фаъолият пардохт, ҳамчун лаборант, аспирант, ходими илмӣ, мудири лабораторияи металлургияи металҳои холис ва хӯлаҳои дақиқ заҳмат кашидааст. Солҳои 1989-1990 ректори Институти политехникии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ), 1991-1996 Президенти Академияи инженерии Тоҷикистон, аз соли 1996 то поёни умр мудири кафедраи химияи ғайриорганикии филиали дар ш. Волжски Институти энергияи атомии ш. Маскав буд.

Ковиши илмиаш ба омӯзиши хосиятҳои физикию химиявии металҳои ниҳоят холис ва хӯлаҳои дақиқ марбут аст. Таҳти роҳбариаш бори аввал дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ калий, стронсий, барий ва алюминий дар намуди холис дастрас шуд ва истеҳсоли саноатии алюминийи ниҳоят холисро ба роҳ монданд, диаграммаҳои ҳолати системаҳои ду ва секомпонентаи стронсий, барий ва алюминийро бо элементҳои дигари системаи даврии Д.И. Менделеев мураттаб сохтанд, ки онҳо барои бунёди хӯлаҳои гуногунхосият заминаи илмӣ гузоштанд. Соҳиби зиёда аз бист шаҳодатномаи ихтироъот буд. 15-уми майи соли 2005 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

Бо ордени «Нишони фахрӣ» қадр шудааст.

**Осор:** Кальций, стронций барий. – *Д.*, 1976; Диаграммы состояния двойных и тройных систем с участием бария и стронция. – *Д.*, 1992; (соавтор); Высокочистый алюминий и его сплавы. – *Д.*, 1995. (соавтор).

**Адабиёт:** Шокир, У., Хоҷазод, Т. Ахтаре дар илм. – *Д.*, 2012.

## НУРНАЗАРОВ МАҲМУД НАЗАРОВИЧ

(Ба муносибати 70-солагии зодрӯзаш)

Нурназаров Маҳмуд 23-юми декабри 1941 дар деҳаи Фориши шаҳри Самарқанд таваллуд шудааст. Доктори илми географӣ (1990), профессор (1992). Соли 1965 Институти давлатии педагогии ш. Хуҷандро (ҳоло ДДХ ба номи Б.Ғафуров) хатм намуда, дар ҳамин ҷо муаллимӣ кардааст. Солҳои 1968-1975 аспирант ва ходими илмии Пажӯҳишгоҳи иқтисодиёти АИ Тоҷикистон, 1985-1995 муаллим, дотсент ва профессори кафедраи иқтисоди УДТ (ҳоло ДМТ) буд. Аз соли 1996 дар Институти давлатии педагогии Сирдарёи Ӯзбекистон дарс додааст.

Перомуни масъалаҳои мухталифи ҷуғрофияи иқтисодии Тоҷикистон, маҷмааи саноатию кишоварзии он зиёда аз 150 асару мақолаи илмӣ, методӣ, илмӣ-оммавӣ, инчунин китобҳои дарсӣ навиштааст. Дар тарбияи мутахассисони соҳа ҳиссаи босазо гузоштааст. 27-уми декабри соли 2006 дар Самарқанд вафот кардааст.

**Осор:** Развитие размещение промышленности Северного Таджикистана. – Д., 1974; Инкишофи ҷамоат дар вилояти Ленинобод. – Д., 1974; Бозиҳо ва чистонҳои географӣ. – Д., 1977; Корхонаҳои ёрирасон дар хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон. – Д., 1978; Комплексҳои агросаноатии Тоҷикистон. – Д., 1978; Корхонаҳои саноатӣ ва ёрирасон дар хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон. – Д., 1978; Интегратсияи агросаноатӣ ва масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии хоҷагии қишлоқ. Матни лексияҳо. – Д., 1980; География. Китоби таълимӣ. – Д., 1991 (ҳаммуаллиф); Агропромышленные комплексы в пригородных зонах Таджикистана. – Д., 1981; Зинаҳои офтобӣ. Очерки илмӣ-оммавӣ. – Д., 1983; Корҳои амалӣ аз географияи

иқтисодии СССР. – *Д.*, 1983 (ҳаммуаллиф); География. – *Д.*, 1984 (ҳаммуаллиф); Зинаҳои офтобӣ. – *Д.*, 1984; Курсовые работы по экономической географии СССР. – *Д.*, 1987 (соавтор); Ташкили территориявии комплексҳои агросаноатӣ. – *Д.*, 1990; Комплексҳои агросаноатии Тоҷикистон. – *Д.*, 1990; Ташкили территориявии комплексҳои агросаноатӣ. – *Д.*, 1990; Агропромышленные комплексы Таджикской ССР. Особенности формирования и территориальной организации: *Дисс…* док. географ. наук. – *Ленинград*, 1990; Агропромышленные комплексы Таджикистана. – *Д.*, 1990; Асосҳои донишҳои иқтисодӣ. – *Д.*, 1991 (ҳаммуаллиф); География. Барои дохилшавандагони макотиби олӣ. – *Д.*, 1991; Барномаи «Ҷуғрофияи Тоҷикистон» (Барои синфи 8). – *Д.*, 1994 (ҳаммуаллиф); Хоҷагии халқи Тоҷикистон. – *Д.*, 1994 (ҳаммуаллиф); Ҷуғрофияи Тоҷикистон. Китоби дарсӣ барои синфи 8. – *Д.*, 2000 (ҳаммуаллиф); Тоҷикони Фориш. – Самарқанд, 2000.

## АЗИЗҚУЛОВА ОНАҶОН

(Ба муносибати 80-солагии зодрӯзаш)

Азизқулова Онаҷон 24-уми декабри соли 1941 дар деҳаи Урметани ноҳияи Айнӣ таваллуд шудааст. Доктори илми химия (2000), профессор (2002). Соли 1965 факултаи химияи УДТ-ро (ҳоло ДМТ) хатм намуда, фаъолияташ пурра дар ҳамин боргоҳи илм ҷараён гирифтааст. Солҳои 1965-1998 ассистент, муаллими калон, дотсенти кафедраи химияи ғайриорганикӣ ва 1998-2009 мудири ҳамин кафедра кор кардааст.

Бобати масъалаҳои гуногуни химияи ғайриузвӣ, назарияи ҷараёнҳои гидрометаллургӣ зиёда аз 150 асару мақола навиштааст. Слансҳои сӯзандаи омӯхтааш барои

истеҳсоли як қатор металлҳои нодир ашёи муҳим ба шумор мераванд.

**Осор:** Лабораторные работы по неорганической химии. Часть I. – Д., 1988 (соавтор); Методические разработки к практикуму по неорганической химии.Часть II. – Д., 1989 (соавтор); Корҳои амалӣ аз химияи ғайриузвӣ. – Д., 2002 (ҳаммуаллиф); Намунаи мисолҳо, масъалаҳо ва машқҳо аз кимиёи ғайриузвӣ барои санҷиши тестии донишҷӯён. – Д., 2003 (ҳаммуаллиф); Лабораторный практикум по курсу «Теория гидрометаллургических процессов». – Д., 2006 (соавтор); Корҳои озмоишӣ аз кимиёи ғайриузвӣ. – Д., 2007 (ҳаммуаллиф); Лабораторный практикум по «Основы химико-физического анализа». – Д., 2010; Масъалаҳо ва машқҳо аз химияи ғайриорганикӣ. – Д., 2010.

## АСОЗОДА ХУДОЙНАЗАР

(Ба муносибати 80-солагии зодрӯзаш)

Асозода Худойназар 25-уми декабри соли 1941 дар деҳаи Момайии ноҳияи Темурмалик таваллуд шудааст. Доктори илми филология (1989), профессор (1990). Омӯзишгоҳи педагогии ш. Кӯлобро соли 1960 ба охир расонда, дар н. Ҷалолиддини Румӣ муаллимӣ кардааст. Соли 1968 УДТ-ро (ҳоло ДМТ) хатм карда, ба сифати лаборанти калони кафедраи забони тоҷикӣ дар ҳамин ҷо фаъолият намудааст. Солҳои 1971-1973 тарҷумон дар Афғонистон, 1972-1975 аспиранти УДТ, 1976-1978 ассистент, муаллими калон ва дотсенти кафедраи адабиёти советии тоҷик, 1978-1981 хидмат дар Афғонистон, 1985-1987 докторанти Институти шарқшиносии АИ СССР, 1990-1991 профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсӣ-тоҷикии УДТ, 1992-1993 муовини аввали ректори Дониш-

кадаи забонҳои Тоҷикистон, 1993-1996 мудири кафедраи назария ва адабиёти навини форсии ДМТ, 1996-1999 декани факултаи филологияи тоҷики ДМТ, 1999-2005 мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи андоз ва ҳуқуқи Тоҷикистон, 2005-2008 ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2008-2010 профессори ДМТ, 2010-2012 мудири кафедраи адабиёти навини форсӣ-тоҷикии ДМТ буд. Аз соли 2013 то поёни умр ба сифати профессори ҳамин кафедра фаъолият доштааст.

Доираи омӯзиш ва таҳқиқаш се ҳавзаи адабӣ-адабиёти шӯравии тоҷик, адабиёти форсии Эрон ва адабиёти даризабони Афғонистонро фаро гирифтааст. Барои ба ҳам пайвастани риштаҳои гусастаи се шохаи адабиёти умумифорсӣ кӯшишҳои судманд намуда, собит сохт, ки ин се шоха моҳиятан ва таърихан адабиёти ягона ҳастанд. Баробари ин яке аз аввалинҳо шуда ба мутолиаю бознигарии муҳимтарин падидаҳои адабии тоҷикии қарни XX шуғл варзидааст. Номрафта дар таълифу таҳия ва такмилу навсозии барномаҳои таълимӣ, таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурӣ ва методию таълимӣ саҳми босазо гузоштааст. 18-уми феврали соли 2015 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

**Осор:** Боқӣ Раҳимзода. Очерки мухтасари ҳаёт ва эҷодиёт. – Д., 1970; Дар васфи Ленинград. – Д., 1974 (ҳаммуаллиф); Синфи коргар дар адабиёти советии тоҷик. – Д., 1976; Развитие рабочего класса и вопрос отражение нового героя в таджикской художественной прозе. – Д., 1976; Нигарише ба насри муосири дарии Афғонистон. – Кобул, 1360 (бо хатти арабиасос); Симои коргар дар адабиёти имрӯзаи тоҷик. – Д., 1983; Воқеият ва ҷамъбасти бадеӣ. – Д., 1984; Развитие жанров в прозе на дари (1919-1970-годы). – Д., 1987; Формирование жанровой системы прозы Афга-

нистана на языке дари. – Д., 1988; Таърихи адабиёти советии тоҷик. – Д., 1989; Дастури методӣ оид ба таълифи корҳои курсӣ ва адабиёти тоҷик барои донишҷӯён. – Д., 1990 (ҳаммуаллиф); Адабиёти форс ва се шохаи он. – Д., 1991; Становление крупных жанров. – Д., 1993; Адабиёти саддаи XX – и форсии тоҷикӣ. Қ. 1. – Д., 1995; Қ. 2 – Д., 1996; Чеҳраҳои адабӣ ва фарҳангӣ. – Д., 1996; Адабиёти Эрон дар саддаи XX. – Д., 1997; Адабиёти тоҷик дар саддаи XX. – Д., 1999; Зиёрати Каъбатуллоҳ. Сафарнома. – Д., 1999; Абулқосим Фирдавсӣ дар шинохти Сотим Улуғзода. – Д., 2000; Устод Айнӣ дар шинохти С. Улуғзода. – Д., 2001; Афғонистони шоҳӣ. Аз дафтари хотираҳо. – Д., 2002; Ёде аз дӯсти ҷавонмардам. – Д., 2002; Афғонистони инқилобӣ. Аз дафтари хотираҳо. – Д., 2003; Иловаҳо ба шарҳи ҳоли устод Айнӣ. – Д., 2004; Кашшофи рози адабиёт. – Д., 2004; С. Улуғзода ва фоҷиаи ӯ. – Д., 2005; Достони зиндагӣ. Ёддошт. Ҷ.1.2. – Д., 2006; Ҷ.3. – Д., 2007; Ҷ.4. – Д., 2012; Ҷ.5.6. – Д., 2013; Содиқ Ҳидоят ва дунёи эҷоди ӯ. – Д., 2007; Забон ва адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ. – Д., 2007 (ҳаммуаллиф); Саргузашти устод Лоҳутӣ. – Д., 2009; Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав). – Д., 2011; Зиндагинома ва осори Садриддин Айнӣ. – Д., 2013; Садриддин Айнӣ дар миён ҳаст ва хоҳад буд. – Д., 2013.

**Адабиёт:** Осорномаи Худойназар Асозода. – Д., 2015.

## ДАВЛАТОВ ИСМОИЛ

(Ба муносибати 75-солагии зодрӯзаш)

Давлатов Исмоил 25-уми декабри соли 1946 дар деҳаи Сағирдашти ноҳияи Дарвоз таваллуд шудааст. Доктори илми иқтисодӣ (1986), профессор (1989). Соли 1969 факултаи иқтисодии Университети давлатии Тоҷикистон-

ро (ҳоло ДМТ) ба охир расонда, дар кафедраи иқтисоди сиёсии ин ҷо ҳамчун лаборанти калон ба фаъолият пардохт. Солҳои 1972-1975 дар аспирантураи ҳамин донишгоҳ хонда, 1975-1983 ҳамчун муаллими калон, дотсенти кафедраи иқтисоди сиёсии УДТ, 1984-1986 докторанти Институти молиявӣ-иқтисодии ш. Ленинград (ҳоло ш. Санкт-Петербург), 1986-1988 мудири кафедраи иқтисоди сиёсии УДТ, 1988-1990 ректори УДТ, 1990-1991 Вазири маорифи Тоҷикистон буд. Аз соли 1993 то охири умр вазифаҳои муовини Вазири маорифи ҷумҳурӣ, раиси Кумитаи муҳити зисти ҷумҳурӣ, раиси Кумитаи гумруки ҷумҳуриро иҷро кардааст.

Ба масоили мухталифи иқтисодӣ сару кор гирифта, талош варзидааст, ки дар ҳалли мушкилоти соҳа саҳм гузорад. Ковиши илмиаш хоса перомуни қонуниятҳои иқтисодии ташаккули комплекси ягонаи хоҷагии халқ, бисёр мушкилоти марбутаи минтақавӣ, вусъати назарияи интегрсияи иқтисодӣ ва ғайра сазовори ситоиш аст. Вусъати таҳқиқ дар ҳамаи корҳои илмиаш ҳувайдост. 26-уми ноябри соли 2000 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

**Осор:** Таджикистана в общесоюзной кооперации труда. – Д., 1979; Интеграсияи байнирегионалӣ дар системаи иқтисодии сотсиализм. – Д., 1986; Межрегиональная интеграция в экономической системе социализма. – Д., 1987; Экономика Таджикистан за годы Советской власти. – Д., 1987; Дар организми ягонаи хоҷагӣ. – Д., 1983; Иқтисодиёти Тоҷикистон дар солҳои Ҳокимияти Советӣ. – Д.,1987; Таҳлили ҳисоботи нави бухгалтерӣ. – Д., 1993; Иқтисоди бозаргонӣ. Китоби дарсӣ. – Д., 1994 (ҳаммуаллиф).

## ЮСУФӢ ЗУҲУРИДДИН

(Ба муносибати 75-солагии зодрӯзаш)

Юсуфӣ Зуҳуриддин 25-уми декабри соли 1946 дар шаҳри Ҳисор таваллуд шудааст. Доктори илми химия (1998), профессор(2006). Соли 1969 факултаи химияи Университети давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) ба итмом расонда, таҳсилро дар аспирантураи он идома медиҳад. Солҳои 1971-1980 муаллими калон, 1981-1985 мудири кафедраи химияи физикӣ ва коллоидӣ, 1985-1988 хидмат дар Афғонистон, 1989-2000 декани факултаи химияи ДМТ, аз соли 2001 то охири умр мудири кафедраи химияи физикӣ ва коллоидии ҳамин донишгоҳ ва ҳамзамон роҳбари илмии Шуъбаи илмию таҳқиқотии мушкилоти химияи координатсионӣ ва экологии ДМТ буд.

Ба кимиёи пайвастаҳои координатсионӣ дар маҳлули обӣ таҳқиқи арзишманд анҷом дода, термодинамикаи равандҳои тавозуни ионӣ дар маҳлулҳои обии тезобҳои сирко, трибромсирко, йодсирко, пропанӣ, равғанӣ, изоравғанӣ, қаҳрабо, аспаргин, лимӯ, салитсилӣ, минқаҳрабо, инчунин имидазол, бензимидазол ва диабазолро мавриди омӯзиш қарор дод, барои баъзе тезобҳо таъсири ҳарорат, қувваи ионӣ ва ғализати аҷзо ба равандҳои ионнокшавӣ ва протоннокшавиро муқаррар сохт. Ковишҳои илмиаш перомуни нақши мардуми ориёитабор дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ, саҳми мутафаккирони асримиёнагии Шарқ дар пешбурди улуми кимиё, сатҳ ва густариши забони тоҷикӣ, худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ ва ғайра аз аҳамияти хос бархурдоранд. Соҳиби 8 шаҳодатномаи Ихтироъкорони СССР ва 8 патенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. 9-уми феврали соли 2010 дар шаҳри Ҳисор вафот кардааст.

Бо ордени «Шараф» қадр шудааст.

**Осор:** Изучение комплексообразования Fe (III) и Fe (II) в водных растворах масляной, изомасляной кислот. – Д., 1977; Координационные соединения некоторых 3d – переходных элементов с биоактивными лигандами: Дисс… док. химич. наук. – Д., 1998; Моделсозӣ ва барномасозӣ дар кимиё. Дастури таълимӣ. – Д., 2003; Барномаи фанни механикаи квантӣ ва кимиёи квантӣ. – Д., 2005 (ҳаммуаллиф); Барномаи фанни кимиёи физикӣ. – Д, 2005; (ҳаммуаллиф); Кимиёи физикӣ. – Д., 2010. (ҳаммуаллиф).

## МУҲАММАДИЕВА САОДАТХОН МАНСУРОВНА

(Ба муносибати 65-солагии зодрӯзаш)

Муҳаммадиева Саодатхон 31-уми декабри соли 1956 дар шаҳри Ваҳдат таваллуд шудааст. Доктори илми тиб (2002), профессор (2006). Хатмкардаи ДДТТ ба номи Ибни Сино (1979) аст. Духтури амбулаторияи тиббии н. Кофарниҳон (1979-1982), аспиранти Институти таҳқиқоти илмии акушерӣ ва гинекологияи ш. Санкт-Петербург (1982-1985), ходими калон ва ходими пешбари илмии Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекология ва педиатрияи Тоҷикистон (1985-2007) ва ҳамзамон директори Маркази ҷумҳуриявии насловарии солим (1994-1997), ассистенти кафедраи акушерӣ ва гинекологияи Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони тибби Тоҷикистон (1998-2000), ҷонишини директор оид ба илми Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекология ва педиатрия (2000-2002) ва аз 2007 мудири кафедраи акушерӣ ва гинекологияи Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони тибби Тоҷикистон кор кардааст.

Муаллифи қариб 150 асару мақолаи илмист, ки ба масъалаҳои тиббӣ-иҷтимоии тарзи ҳаёти солим дар

Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли онҳо, мушкилиҳои акушерию гинекологӣ бахшида шудаанд.

**Осор:** Комплексная оценка состояния плода в родах при наличии мекония в околоплодных водах. – М., 1985; Медико-социальные проблемы репродуктивного здоровья в Таджикистане и пути их решения: Дисс… док. мед. наук. – Д., 2002; Тарзи ҳаёти солим. – Д., 2002; Принципы профилактики инфекций в учреждениях репродуктивного здоровья. – Д., 2005; Современные принципы диагностики и лечения предраковых заболеваний шейки матки. – Д., 2005; Эклампсия: диагностика, лечение, профилактика. – Д., 2006; Многоплодная беременность: диагностика, тактика ведения беременности и родов. – Д., 2007; Диагностика и лечение заболеваний молочных желез. – Д., 2007.

# ТАҚВИМИ САНАҲОИ ҶАШНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**(барои соли 2021)**

# КАЛЕНДАРЬ ЗНАМЕНАТЕЛЬНЫХ И ПАМЯТНЫХ ДАТ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**(на 2021)**

*На таджикском языке*


Составители: **Фирдавс Аминов**
**Саймумин Гулов**

Под общей редакции **Джумахон Файзализода**

Редакторы: **Гадобек Махмудов**
**Зафари Гулмурод**

Компютерный набор**: Шафоат Абдусаломова**

Ба чоп __.12.2020 иҷозат дода шуд. Андозаи 60x84 1/16.
Коғази офсет. Чопи офсет. Гарнитураи Times New Roman Tj.
Ҷузъи чопии шартӣ 14,0.
Теъдоди нашр ___ нусха. Супориши №___.

ҶДММ “ЭР-граф”.
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, 218.
Тел: (+992 37) 227-39-92. E-mail: rgraph.tj@gmail.com